

Саъдии Шерозӣ

(1181 ё 1205, Шероз - 1292, Шероз)

# «Бӯстон»

Раият чу беханду султон дарахт. Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
Макун то тавонӣ дили халқ реш! Агар мекунӣ, меканӣ бехи хеш.

# МУНДАРИЧА


Боби якум - Дар адл ва тадбиру рой 5

Боби дуввум - Дар бораи эҳсону лутф 46

Боби севвум - Дар ишқ ва мастиву шӯр 65

Боби чорум - Дар бораи тавозӯъ 70

Боби панҷум - Дар бораи ризо 79

Боби шашум - Дар бораи қаноат 84

Боби ҳафтӯм - Дар олами тарбият 89

Боби ҳаштӯм - хомӯшӣ ва танбеҳу шукр 91

Боби нӯҳум - Дар роҳи тавба 111

Боби даҳӯм - Дар муноҷоту хатми китоб 118

Луғат 121

## Дар сабаби назм ва таълифи «Бӯстон»

Дар ақсои олам бигаштам басе,
Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.
Таматтӯъ зи ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.
Чу покони Шерози хокиниҳод,
Надидам, ки раҳмат бар ин хок бод!
Таваллои мардони ин покбум,
Барангехтам хотир аз Шому Рум.
Дареғ омадам з-он ҳама бӯстон,
Тиҳидаст рафтан бари дӯстон.
Бари дӯстон армуғонӣ баранд,
Ба дил гуфтам аз Миср қанд оваранд,
Маро гар тиҳӣ буд аз он қанд даст,
Суханҳои ширинтар аз қанд хаст.
На қанде, ки мардум ба сурат хӯранд,
Ки арбоби маънӣ ба коғаз баранд.

Чу ин коҳи давлат бупардохтам,
Бар ӯ даҳ дар аз маърифат сохтам:
Яке боби адл асту тадбиру рой,
Нигаҳбонии халқу тарси худой:
Дуйӯм боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мӯҳсин кунад фазли ҳақро сипос:
Савӯм боби ишқасту мастиву шӯр,
На ишқе, ки банданд бар худ ба зӯр;
Чаҳорӯм тавозеъ; ризо панҷӯмин;
Шашӯм зикри марди қаноатгузин;
Ба ҳафтӯм дар аз олами тарбият;
Ба ҳаштӯм дар аз шукр бар офият;
Нӯҳӯм роҳи тавбаст—роҳи савоб;
Даҳӯм дар муноҷоту хатми китоб.

Ба рӯзи ҳумоюну соли саид,
Ба таърихи фаррух миёни ду ид,
Зи шашсад фузун буд панҷоҳу панҷ
Ки пур дур шуд ин номбардор ганҷ.

Ало, эй ҳунарманди фархундахӯ!
Ҳунарманд нашнидаам айбҷӯ.
Қабо  гар ҳарирасту гар парниён
Ба ночор ҳашваш  бувад дар миён.
Ту гар парниёнӣ ба изо макӯш
Карам кор фармову хашвам бипӯш!
Нанозам ба сармояи фазли хеш,
Ба дарвеза овардаам даст пеш...
Чу байте писанд оядат аз ҳазор,
Ба мардӣ, ки даст аз тааннут бидор!
Ҳамоно, ки дар Порс иншои ман
Чу мушкаст беқимат андар Хутан,
Чу бонги дуҳул ҳавлам аз дур буд,
Ба ғайб андарам айб мастур буд
Гул овард Саъдӣ сӯи бӯстон,
Ба шӯхӣ чу фулфул  ба Ҳиндустон,
Чу хурмо ба ширинӣ андуда пӯст,
Чу бозаш кунӣ устухоне дар ӯст

Маро табъ з-ин гуна хоҳон набуд,
Сари мидҳати подшоҳон набуд.
Вале назм кардам ба номи фалон,
Магар боз гӯянд соҳибдилон,
Ки Саъдӣ, ки гӯи балоғат рабуд,
Дар айёми Бӯбакр бин Саъд буд
Наёмад бараш дарднок аз ғаме,
Ки нанҳод бар хотираш марҳаме...
Кулаҳгӯша бар осмони барин,
Ҳанӯз аз тавозӯъ сараш бар замин.
Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст,
Гадо гар тавозӯъ кунад, хӯи ӯст...

Ҳама вақт мардум зи ҷаври замон,
Биноланду аз гардиши осмон,
Дар айёми адли ту, эй шаҳриёр,
Надорад шикоят кас аз рӯзгор...
Ҳам аз бахти фархундафарҷоми туст,
Ки таърихи Саъдӣ дар айёми туст,
Ки то дар фалак моҳу хуршед ҳаст,
Дар ин дафтарат  зикри ҷовид ҳаст...

## Боби якум

*Дар бораи адл ва тадбиру рой*

Ба роҳи такаллуф марав, Саъдиё!
Агар сидқ дорӣ, биёру биё!
Ту манзилшиносиву шаҳ роҳрав,
Ту ҳақгӯю хисрав ҳақоиқшунав.
Чӣ ҳоҷат, ки нӯҳ курсии осмон,
Ниҳӣ зери пои Қизил Арслон?!..
Магӯ: пои иззат бар афлок неҳ!
Бигӯ: рӯи ихлос бар хок неҳ!..
Шунидам, ки дар вақти назъи равон,
Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯшервон,
Ки: «Хотир нигаҳдори дарвеш бош!
На дар банди осоиши хеш бош!
Наёсояд андар диёри ту кас,
Ки осоиши хеш хоҳиву бас.
Наёмад ба наздики доно писанд
Шубон хуфтаву гург дар гӯсфанд.
Бирав поси дарвеши мӯҳтоҷ дор,
Ки шоҳ аз раият бувад тоҷдор!
Раият чу беханду султон дарахт.
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
Макун то тавонӣ дили халқ реш!
Агар мекунӣ, меканӣ бехи хеш.
Агар ҷодае боядат мустақим
Раҳи порсоён умедасту бим.

Табиат шавад мардро бихрадӣ,
Ба уммеди некиву бими бадӣ.
Гар ин ҳар ду дар подшаҳ ёфтӣ,
Дар иқлиму мулкаш панаҳ ёфтӣ.
Газанди касонаш наёяд писанд,
Ки тарсад, ки дар мулкаш ояд газанл.
Ва-гар дар сиришти вай ин хӯй нест,
Дар он кишвар осудагӣ рӯй нест.
Агар пойбандӣ, ризо пеш гир!
Ва-гар яксаворӣ, сари хеш гир!
Фарохӣ дар он марзу кишвар махоҳ,
Ки дилтанг бинӣ раият зи шоҳ!..
Дигар кишвар обод бинад ба хоб,
Ки дорад дили аҳли кишвар хароб.
Харобиву бадномӣ ояд зи ҷавр,
Бузургон расанд ин суханро ба ғавр.
Раият нашояд зи бедод кушт,
Ки мар мамлакатро паноҳанду пушт.
Муроoти деҳқон кун аз баҳри хеш,
Ки муздури хушдил кунад кор беш.
Мурувват набошад бадӣ бо касе,
Ки з-ӯ некӯӣ дида бошӣ басе.
Шунидам, ки Хисрав ба Шерӯя гуфт.
Дар он дам, ки чашм аз чаҳон менухуфт:
Бар он бош то ҳар чи ният кунӣ,
Назар дар салоҳи раият кунӣ!»
Мапеч, эй писар, гардан аз адлу рой,
Ки мардум зи дастат напечанд пой!
Гурезад раият зи бедодгар,
Кунад номи зишташ ба гети самар.
Басе бар наёмад, ки бунёди худ
Биканд он ки бинҳод бунёди бад.
Харобӣ кунад марди шамшерзан,
Начандон, ки оҳи дили пирзан.
Чароғе, ки бевазане барфурӯхт,
Басе дида бошӣ, ки шаҳре бисӯхт.
Аз он баҳравартар дар офоқ кист,
Ки дар мулкронӣ ба инсоф зист?!..
Чу навбат расад з-ин чаҳон ғурбаташ,

Тараҳҳум фиристанд бар турбаташ.
Баду нек-чун ҳар ду мебугзаранд,
Ҳамон беҳ, ки номат ба некӣ баранд.
Бадандеши туст ону хунхори халк,
Ки нафъи ту ҷӯяд дар озори халқ.
Раёсат ба дасти касоне хатост,
Ки аз дасташон дастҳо бар худост.
Ниҳад омили сифла бар халқ ранҷ,
Ки «тадбири мулкасту тавфири ганҷ».
Намонад ситамгори бадрӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати кирдигор.
Накӯкорпарвар набинад бадӣ,
Чу бад парварӣ хасми ҷони худӣ.
Мукофоти душман ба молиш макун.
Ки бехаш баровард бояд зи бун!
Макун сабр бар омили зулмдӯст,
Ки аз фарбеҳӣ боядаш канд пӯст.
Сари гург бояд ҳам аввал бурид,
На чун гӯсфандони мардум дарид...
Кай он ҷо дигар ҳушмандон раванд,
Чу овозаи расми бад бишнаванд...
Ҳамедун мусофир гиромӣ бидор,
Ки то номи некат барад бар диёр!
Бузургон мусофир ба ҷон парваранд,
Ки номи накӯшон ба олам баранд.
Табаҳ гардад он мамлакат анқариб,
Ки з-ӯ хотир озурда гардад ғариб.
Ғарибошно бошу сайёҳдӯст,
Ки сайёҳ ҷаллоби номи накӯст.
Накӯдор заифу мусофир азиз!
В-аз осебашон пурҳазар бош низ!
Зи бегона парҳез кардан накӯст,
Ки душман тавон буд дар рӯи дӯст.
Қадимони худро бияфзой қадр,
Ки ҳаргиз наёяд зи парварда ғадр!
Чу хизматгузорат гардад куҳун,
Ҳаки солиёнаш фаромӯш макун!
Гар ӯро ҳарам дасти хизмат бубаст,
Туро бар карам ҳамчунон даст ҳаст.

Шунидам, ки Шопур дам даркашид,
Чу Хисрав бар исмаш қалам даркашид,
Чу шуд ҳолаш аз бенавоӣ табоҳ.
Навишт ин ҳикоят ба наздики шоҳ,
Ки: «Эй шоҳи офоқгустар ба адл,
Агар ман намонам, ту моӣ ба фазл!

Чу базли ту кардам ҷавони хеш,
Ба ҳангоми пирӣ маронам зи пеш».
Ғарибе, ки пурфитна бошад сараш,
Маёзору берун кун аз кишвараш
Ту гар хашм бар вай наронӣ, равост,
Ки худ хӯи бад душманаш дар қафост..

Чу мушриф ду даст аз амонат бидошт,
Бубояд бар ӯ нозире баргумошт.
В-ар ӯ низ дарсохт бо хотираш,
Зи мушриф амал баркану нозираш...
Ду ҳамҷинси деринаи ҳамкалам —
Набояд, фиристод як ҷо ба ҳам.
Чу донӣ, ки ҳамдаст гарданду ёр,
Яке дузд гардад, яке пардадор.
Чу дуздон зи ҳам бок доранду бим,
Равад дар миён корвонӣ салим...

Чу нармӣ куни хасм гардад далер,
В-агар хашмгирӣ, шавад аз ту сер.
Дуруштиву нармӣ ба ҳам дар беҳаст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳаст.
Ҷавонмарду хушхӯю бахшанда бош
Чу ҳақ бар ту бошад, ту бар банда бош!
Наёяд касе дар ҷаҳон к-ӯ бимонд,
Магар он к-аз ӯ номи некӯ бимонд.
Намурд он, ки монад пас аз вай ба ҷой,
Пулу биркаву хону меҳмонсарой.
Ҳар он к-ӯ намонд аз пасаш ёдгор,
Дарахти вуҷудаш наёвард бор.
Чу хоҳӣ, ки номат равад дар ҷаҳон,
Макун номи неки бузургон ниҳон!

Ва-гар рафту осори хайраш намонд,
Нашояд пас аз маргаш алҳамд хонд
Ҳамин нақш бархон пас аз аҳди хеш,
Ки дидӣ пас аз аҳди шоҳони пеш.
Ҳамин кому нозу тараб доштанд,
Ба охир бирафтанду бигзоштанд.
Яке номи некӯ бибурд аз ҷаҳон,
Яке расми бад монд аз ӯ ҷовидон.
Ба самъи ризо машнав изои кас!
В-агар гуфта ояд ба ғавраш бирас!
Гунаҳгорро узри нисён бинеҳ!
Чу зинҳор хоҳанд, зинҳор деҳ!
Гар ояд гунаҳгоре андар паноҳ,
На шартаст куштан ба аввал гуноҳ.
Чу боре бигуфтанду нашнид панд,
Дигар гӯшмолаш ба зиндону банд!
В-агар панду бандаш наёмад ба кор,
Дарахти хабисаст, бехаш барор!
Савобаст пеш аз кушиш банд кард,
Ки натвон сари кушта пайванд кард.
Чу хашм оядат бар гуноҳи касе,
Тааммул кунаш бар уқубат басе!
Ки саҳласт лаъли Бадахшон шикаст,
Шикаста нашояд дигар боз баст.

## Ҳ и к о я т

Зи дарёи Уммон баромад касе,
Сафар карда ҳомуну дарё басе,
Араб дидаву турку тоҷику Рум,
Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.
Ҷаҳондидаву донишандӯхта,
Сафаркардаву сӯҳбатомӯхта,
Ба ҳайкал қавӣ чун тановар дарахт,
Валекин фурӯ монда бебарг сахт...
Ба шаҳре даромад зи дарё канор,
Бузурге дар он ноҳият шаҳриёр,
Ки табъи накӯномиандеш дошт,
Сари аҷз дар пои дарвеш дошт,

Бишустанд хизматгузорони шоҳ
Сару тан ба ҳаммомаш аз гарди роҳ.
Чу бар остони малик сар ниҳод,
Ситоишкунон даст бар сар ниход.
Даромад ба айвони шоҳаншаҳӣ,
Ки— «бахтат ҷавон боду давлат раҳӣ» !
Шаҳаншоҳ гуфт: «Аз куҷо омадӣ?
Чӣ будат, ки наздики мо омадӣ?
Чӣ дидӣ дар ин кишвар аз хубу зишт?
Бигӯ, эй накӯноми некӯсиришт!»
Бигуфт: «Эй худованди  рӯи замин!
Худоят муин боду давлат қарин!
Нарафтам дар ин мамлакат манзиле,
К-аз осеб озурда дидам диле;
Надидам касе саргарон аз шароб,
Магар ҳам харобот  дидам хароб;
Маликро хамин хулқ пероя бас,
Ки розӣ нагардад ба озори кас.
Сухан гуфту домони гавҳар фишонд,
Ба лутфе, ки шаҳ остин барфишонд.
Писанд омадаш ҳусни гуфтори мард,
Ба назди худаш хонду икром кард.
Зараш доду гавҳар, ба шукри қудум,
Бипурсидаш аз гавҳару зоду бум.
Бигуфт, он чи пурсидаш, аз саргузашт,
Ба қурбат зи дигар касон дар гузашт.
Малик бо дили хеш дар гуфтугӯ,
Ки: «дасти вазорат супорам бад-ӯ»
Дар андеша бо худ басе рой зад,
Ки: «дастури мулк инчунин кас сазад.
Валекин ба тадриҷ, то анчуман  —
Ба сустӣ — нахананд бар рои ман.
Ба ақлаш бубояд нахуст озмуд,
Ба қадри ҳунар пойгоҳаш фузуд.
Барад бар дил аз ҷаври ғам борҳо,
Ки ноозмуда кунад корҳо...
Назар кун, чу сӯфор дорӣ ба шаст,
На онгаҳ, ки партоб кардӣ зи даст..,
Ба айём то бар наёяд басе,

Нашояд расидан ба ғаври касе...»

Зи ҳар навъ ахлоқи ӯ кашф кард,
Хирадманду покизадин буд мард.
Накӯсираташ диду равшанқиёс,
Сухансанҷу миқдори  мардумшинос.
Ба рой аз бузургон бехаш диду беш,
Нишондаш забардасти дастури хеш,
Чунон ҳикмату маърифат кор баст,
Ки аз амру нахяш даруне нахаст.
Даровард мулке ба зери қалам.
К-аз ӯ бар вуҷуде наёмад алам.
Забони ҳама ҳарфгирон бубаст,
Ки ҳарфи бадаш бар наёмад зи даст...
Зи равшандилаш мулк партав гирифт,
Вазири куҳанро ғами нав гирифт...

«...Сафаркардагон лоуболӣ зиянд,
Ки парвардаи мулку давлат наянд.
Нашояд чунин хирарои табоҳ,
Ки бадномӣ орад дар айвони шоҳ.
Магар неъмати шаҳ фаромӯш кунам,
Ки бинам табоҳиву хомӯш кунам?
Ба пиндор натвон сухан гуфт зуд,
Нагуфтам туро то яқинам набуд.
Зи фармонбаронам яке гӯш дошт,
К-аз инон якеро дар оғӯш дошт.

Ман ин гуфтам, акнун маликрост рой,
Манаш озмудам, ту низ озмой!»
Ба нохубтар сурате шарҳ дод,
Ки бадмардро некрӯзӣ мабод!..
Маликро чунон гарм кард ин хабар,
Ки ҷӯшаш баромад чу мирчал ба сар,
Ғазаб даст дар хуни дарвеш дошт,
Валекин сукун даст дар пеш дошт,
Ки: «Парварда куштан на мардӣ бувад
Ситам дар паи дод сардӣ бувад...
Ба неъмат набоист парварданаш,

Чу хоҳӣ зи бедод хун хӯрданаш.
Аз ӯ то ҳунарҳо яқинат нашуд,
Дар айвони шоҳӣ каринат нашуд.
Кунун то яқинат нагардад гуноҳ,
Ба гуфтори душман газандаш махоҳ!»...

Ҳам аз ҳусни тадбиру рои тамом,
Ба оҳистагӣ гуфт: «Эй некном!
Туро ман хирадманд пиндоштам,
Ба асрори мулкат амин доштам.
Гумон бурдамат зираку ҳушманд,
Надонистамат хоину нописанд.
Чунин муртафеъ  поя ҷои ту нест,
Гуноҳ аз ман омад, хатои ту нест.
Чу ман бадгуҳар парварам, лоҷарам —
Хиёнат раво дорадам дар ҳарам».
Баровард сар марди бисёрдон,
Чунин гуфт: «К-эй хисрави кордон!
Маро чун бувад доман аз айб пок,
Надорам зи хубси бадандеш бок.
Ба хотир дорам ҳаргиз ин зан нарафт,
Надонам, чи гуфт, он чи бар ман нарафт?»
Шаҳаншаҳ барошуфт: «К-инак вазир!
Тааллул маяндешу ҳуҷҷат магир!»
Бихандиду ангушт бар лаб гирифт:
«Гар ӯ ҳар чи гӯяд, набошад шигифт.
Ҳасуде, ки бинад ба ҷои худам ,
Куҷо бар забон оварад ҷуз бадам?!..
Ман он соат ангоштам  душманаш,
Ки Хисрав фурӯтар нишонд аз манаш.
Чу султон фазилат ниҳад бар ваям
Надонад, ки душман бувад дар паям?!..
Маро то қиёмат нагирад ба дӯст,
Чу бинад, ки дар иззи ман зилли ӯст.
Бар инат бигӯям ҳадисе  дуруст,
Агар гӯш бо банда дорӣ нахуст.

Надонам куҷо дидаам дар китоб,
Ки иблисро дид шахсе ба хоб.
Ба боло санавбар, ба дидор ҳур,
Чу хуршедаш аз чеҳра метофт нур.
Фаро рафту гуфт: «Эй аҷаб ин тӯӣ?
Фаришта набошад бадин некӯӣ!

Ту к-ин рӯй дорӣ ба ҳусни камар.
Чаро дар ҷаҳонӣ ба зиштӣ самар?..
Туро саҳмгинрӯй пиндоштанд,
Ба гармоба-дар зишт бингоштанд»
Шунид ин сухан бахтбаргашта дев,
Ба зорӣ баровард бонгу ғирев,
Ки: «Эй некбахт он на шакли манаст,
Валекин қалам бар кафи душманаст...»

«Маро хамчунин ном некаст, лек —
Зи иллат нагӯяд бадандеш нек.
Вазире, ки чоҳи ман обаш бирехт,
Ба фарсанг бояд зи макраш гурехт.
Валекин наяндешам аз хашми шоҳ,
Диловар бувад дар сухан бегуноҳ.
Агар мӯҳтасиб гирад онро ғамаст,
Ки санги тарозуи бораш камаст.
Чу ҳарфам бараояд дуруст аз қалам,
Маро аз ҳама ҳарфгирон чӣ ғам?!»
Малик аз сухан гуфтанаш хира монд.
Сару дасти фармондеҳӣ барфишонд,
Ки муҷрим ба зарку забоноварӣ,
Зи ҷурме, ки дорад нагардад барӣ,
«Зи хасмат ҳамоно, ки нашнидаам,
На охир ба чашми худат дидаам,
К-аз ин зумра халки дари боргоҳ,
Намебошадат ҷуз ба инон нигоҳ!»
Бихандид марди сухангӯю гуфт:
«Ҳақаст ин сухан, ҳақ нашояд нуҳуфт,
Дар ин нуқтае ҳаст гар бишнавӣ,

Ки умрат фузун боду давлат қавӣ:
Набинӣ, ки дарвеши бедастгоҳ
Ба ҳасрат кунад дар тавонгар нигоҳ.
Маро дастгоҳи ҷавонӣ бирафт,
Ба лаҳву лааб зиндагонӣ бирафт:
Зи дидори инон надорам шикеб,
Ки сармоядорони ҳуснанду зеб.
Маро ҳамчунин чеҳра гулфом буд.
Булӯринам аз хубӣ андом буд.
Дар ин ғоятам зишт, бояд кафан,
Ки мӯям чу пунбасту дукам бадан.
Маро ҳамчунин ҷаъд шабранг буд;
Қабо дар бар аз нозукӣ танг буд
Ду ришта дурам дар даҳон дошт ҷой,
Чу деворе аз хишти симин  ба пой.
Кунунам нигаҳ кун ба вақти сухан,
Бияфтода як-як чу сури куҳан .
Дар инон ба ҳасрат чаро нангарам,
Ки умри гаронмоя ёд оварам.
Бирафт аз ман он рӯзгори азиз,
Ба поён расад ногаҳ ин рӯз низ».
Чу донишвар ин дурри маънӣ бисуфт,
Бигуфт ин, к-аз ин беҳ маҳоласт гуфт.
Дар аркони давлат нигаҳ кард шоҳ,
Ки: «-ин хубтар лафзу маънӣ махоҳ!..
Ба ақл ар  на оҳистагӣ кардамӣ,
Ба гуфтори хасмаш биёзурдамӣ.
Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ,
Ба дандон газад пушти дасти дареғ»,
Накӯномро чоҳу ташрифу  мол —
Бияфзуду бадгӯйро гӯшмол.

Ба тадбири дастури донишвараш,
Ба некӣ бишуд ном дар кишвараш.
Ба адлу карам солҳо мулк ронд,
Бирафту накӯномӣ аз вай бимонд

...Таҳаммул  кунад ҳар киро ақл ҳаст,
На ақле, ки хашмаш кунад зердаст.

Нагӯям, ки ҷанговарӣ пойдор!
Чу хашм оядат ақл бар ҷой дор!
Худованди фармону рои шукӯҳ,
Зи ғавғои мардум нагардад сутӯҳ,
Сари пурғурур аз таҳаммул тиҳӣ,
Ҳаромаш бувад тоҷи шоҳаншаҳӣ...
...Танат зӯрмандасту лашкар гарон,
Валекин дар иқлими душман марон,
Ки вай дар ҳисоре, гурезад, баланд,
Расад кишвари бегунаҳро газанд.
Назар кун бар аҳволи зиндониён,
Ки мумкин бувад бегунаҳ дар миён.
Басо номи некӯи панҷоҳ сол,
Ки як номи зишташ кунад поймол.
Писандидакорони ҷовидном,
Татовул накарданд бар моли ом...
Бимурд аз тиҳидастӣ озодмард,
Зи паҳлӯи мискин шикам пур накард.

Ҳикоят

Шунидам, ки фармондеҳе додгар.
Қабо доштӣ ҳар ду рӯ остар.
Яке гуфташ: «Эй Хисрави некрӯз,
Зи дебои чинӣ қабое бидӯз!»
Бигуфт «Ин қадар сатру осоишаст,
Ва з-ин бигзарӣ зебу ороишаст...
Маро ҳам дусад гуна озу ҳавост,
Валекин хизона на танхо марост.
Хазоин пур аз бахри лашкар бувад,
На аз бахри оину зевар бувад».
Сипоҳе, ки хушдил набошад зи шоҳ,
Надорад ҳудуди вилоят нигоҳ.
Чу душман хари рӯстоӣ барад,
Малик боҷу даҳяк чаро мехӯрад?
Мухолиф хараш бурду султон хироҷ,
Чӣ иқбол бинӣ дар он тахту тоҷ?
Мурувват набошад бар афтода зӯр,
Барад мурғи дун дона аз пеши мӯр.
Касон бар хӯранд аз ҷавониву бахт,

Ки бо зердастон нагиранд сахт.
Агар зердасте барояд зи пой
Ҳазар кун зи нолиданаш бар худой!
Чу шояд гирифтан ба нармӣ диёр,
Ба пайкор  хун аз масоме маёр!
Ба мардӣ, ки мулки саросар замин,
Наярзад, ки хуне чакад бар замин.
Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт
Ба сарчашмае бар ба санге навишт;
«Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд чун чашм барҳам заданд.
Гирифтанд олам ба мардиву зӯр,
Ва лекин набурданд бо худ ба гӯр».

Ҳикоят

Шунидам, ки Дорои фаррухтабор,
Зи лашкар ҷудо монд рӯзи шикор.
Давон омадаш галлабоне ба пеш,
Ба дил гуфт Дорои фархундакеш;
Магар душманаст ин ки омад ба ҷанг?
Зи дураш бидӯзам ба тири ханданг»
Камони каёнӣ  ба зеҳ  рост кард,
Ба як дам вуҷудаш адам хост кард.
Бигуфт; «Эй худованди Эрону Тур,
Ки чашми бад аз рӯзгори ту дур!
Ман онам, ки аспони шаҳ парварам,
Ба хизмат дар ин марғзор андарам»,
Маликро дили рафта омад ба ҷой,
Бихандиду гуфт; «Эй накӯҳидарой!
Туро ёварӣ кард фаррух сурӯш.
В-агарна зеҳ оварда будам ба гӯш,
Нигаҳбон мард  бихандиду гуфт;
«Насиҳат зи мунъим  набояд нуҳуфт;
Зи тадбири маҳмуду  рои накӯст,
Ки душман бидонад шаҳаншаҳ зи дуст.
Чунонаст дар меҳтарӣ  шарти зист,
Тамаъ банду дафтар зи ҳикмат бишӯй!
Тамаъ бигсилу ҳарчи донӣ бигӯй!

...Нахоҳӣ, ки бошад дилат дардманд,
Дили дардмандон баровар зи банд.
Парешонии хотири додхоҳ,
Барандозад аз мамлакат подшоҳ...

Ҳикоят

Яке аз бузургони аҳли тамиз,
Ҳикоят кунад з-ибни Абдулазиз
Ки будаш нигине дар ангуштарӣ,
Фурӯ монда дар қиматаш Муштарӣ
Ба шаб гуфти он ҷирми гетифурӯз
Дуре буд дар рӯшноӣ чу рӯз.
Қазоро даромад яке хушксол,
Ки шуд бадри симои мардум ҳилол.
Чу дар мардум орому қувват надид,
Худ осуда будан мурувват надид.
Чу бинад касе захр дар коми халқ,
Каяш бигзарад оби нӯшин ба ҳалқ.
Бифармуд, бифрӯхтандаш ба сим,
Ки раҳм омадаш бар фақиру ятим.
Ба як ҳафта накдаш ба тороҷ дод,
Ба дарвешу мискину мӯҳтоҷ дод.
Фитоданд бар вай маломаткунон,
Ки: «Дигар ба дастат наяфтад чунон»
Шунидам, ки мегуфту борони дамъ—
Фурӯ медавидаш ба ораз чу шамъ,
Ки ҳар кеҳтареро бидонӣ, ки кист?
Маро борхо дар хазар дидаӣ,
Зи хелу чарогоҳ пурсидаӣ.
Кунунат ба меҳр омадам пешвоз,
Намедониям аз бадандеш боз.
Тавонам ман, эй номвар шаҳриёр!
Ки аспе бурун орам аз сад ҳазор.
Маро галлабонӣ ба ақл асту рой,
Ту ҳам галлаи хеш дорӣ, бипой!»
Чу Доро шунид ин насиҳат зи мард,
Накӯеш гуфту накӯеш кард.

Ҳамерафту мегуфт бо худ хиҷил
«Бубояд навишт ин насиҳат ба дил».
Дар он тахту мулк аз халал ғам бувад,
Ки тадбири шоҳ аз шубон кам бувад.
Ту кай бишнавӣ нолаи додхоҳ,
Ба кайвон барат каллаи хобгоҳ?!.
Чунон хусб  к-ояд фиғонат ба гӯш,
Агар додхоҳе барорад хурӯш,
Ки нолад зи золим, ки дар даври туст,
Ки ҳар ҷавр к-ӯ мекунад, ҷаври туст.
На саг домани корвоне дарид,
Ки деҳқони нодон, ки саг парварид.
Далер омадӣ, Саъдиё, дар сухун,
Чу теғат ба дастаст фатҳе бикун!
Бигӯ он чи донӣ, ки ҳак гуфта беҳ!
На ришватситониву на ишвадеҳ!
Ки: «Зиштаст пероя бар шаҳриёр,
Дили шаҳре аз нотавонӣ фигор.
Маро шояд ангуштарӣ бе нигин,
Нашояд дили халқ андӯҳгин».
Хунук он ки осоиши марду зан,
Гузинад  бар осоиши хештан
Накарданд рағбат ҳунарпарварон
Ба шодии худ аз ғами дигарон.
Агар хуш бихуспад малик бар сарир ,
Напиндорам осуда хуспад фақир.
Агар зинда дорад шаби дер боз,
Бихуспанд мардум ба орому ноз..

Яке панҷ байтам хуш омад ба гӯш,
Ки дар маҷлисе месуруданд дӯш;
«Маро роҳат аз зиндагӣ дӯш буд,
Ки он моҳрӯям дар оғӯш буд.
Мар ӯро чу дидам сар аз хоб маст,
Бад-ӯ гуфтам — эй сарв пеши ту паст!
Даме наргис аз хоби мастӣ бишӯй!
Чу гулбун биханду чу булбул бигӯй!
Чу мехуспӣ, эй фитнаи рӯзгор?
Маи лаъли нӯшин биёву биёр»

Нигаҳ кард шӯрида аз хобу гуфт:
«Маро фитна хониву гӯӣ махуфт?».

### Ҳикоят

Дар ахбори шоҳони пешина ҳаст,
Ки: «чун Тукла бар тахти шоҳӣ нишаст,
Ба давронаш аз кас наёзурд кас,
Сабақ бурд агар худ ҳамин буду бас .
Чунин гуфт якраҳ ба соҳибдиле,
Ки: «Умрам ба сар шуд ба беҳосилӣ.
Ба кунҷи ибодат бихоҳам нишаст,
Ки дарёбам ин панҷ рӯзе, ки ҳаст.
Чу мебугзарад ҷоҳу мулку сарир,
Набурд аз чаҳон давлат илло фақир»
Чу бишнид донои равшаннафас,
Ба тундӣ барошуфт, к-эй Тукла бас!
Ибодат баҷуз хизмати халқ нест,
Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.
Ту бар тахти султонии хеш бош!
Ба ахлоқ покиза дарвеш бош!
Ба сидқу иродат миён баста дор!
Зи томоту даъвӣ забон баста дор!..»
Бузургон, ки нақди сафо доштанд,
Чунин хирқа зери қабо доштанд.

...Киро ҷовидон мондан уммед ҳаст?.
Ки касро набинӣ, ки ҷовид ҳаст.
Киро симу зар монаду ганҷу мол,
Ба зудӣ пас аз вай шавад поймол.
Ва з-он кас, ки хайре расад бар касон,
Дамодам расад раҳматаш бар равон.
Бузурге, к-аз ӯ номи некӯ намонд,
Тавон гуфт бо аҳли дил «к-ӯ намонд!»

Ало, то дарахти карам парварӣ,
Гар уммед дорӣ, к-аз ӯ бар хӯрӣ...
Надонӣ гаҳи ғалла бардоштан,
Ки сустӣ бувад тухм нокоштан.

## Ҳикоят

Хирадманд марде дар ақсои Шом,
Гирифт аз ҷаҳон кунҷи ғоре мақом.
Ба сабраш дар он кунҷи торик ҷой,
Ба ганҷи қаноат фурӯ рафта пой.
Шунидам, ки номаш Худодӯст буд,
Малаксирату одамипӯст буд.
Бузургон ниҳоданд сар бар дараш,
Ки дар менаёмад ба дарҳо сараш...
Дар он марз к-он марди ҳушёр буд,
Яке марзбони ситамгор буд,
Ки ҳар нотавонро, ки дарёфтӣ,
Ба сарпанҷагӣ панҷааш тофтӣ.
Ҷаҳонсӯзу бераҳмату хиракуш,
Зи талхеш рӯи ҷаҳоне туруш.
Гурӯҳе бирафтанд аз он зулму ор,
Бибурданд номи бадаш дар диёр.
Гурӯҳе бимонданд мискину реш,
Паси чарха нафрин гирифтанд пеш.
Яди зулм ҷое, ки гардад дароз,
Набинӣ лаби мардум аз ханда боз.
Ва дидори шайх омадӣ гоҳ-гоҳ,
Худодӯст дар вай накардӣ нигоҳ.
Малик навбате гуфташ: «Эй некбахт!
Ба нафрат зи ман дармакаш рӯй сахт!
Маро бо ту, донӣ, сари дӯстист,
Туро душманӣ бо ман аз баҳри чист?
Гирифтам ки солори кишвар наям,
Ба иззат зи дарвеш камтар наям.
Нагӯям фазилат ниҳам бар касе,
Чунон бош бо ман, ки бо ҳар касе!»
Шунид ин сухан обиди ҳушёр,
Барошуфту гуфт: «Эй малик, ҳуш дор!
Вуҷудат парешонии халқ аз ӯст,
Надорам парешонии халқ дӯст.
Ту бо он ки ман дӯстам душманӣ,

Напиндорамат дӯстдори манӣ!
Мадеҳ бӯса бар дасти ман дӯствор!
Бирав дӯстдори  маро дӯст дор!..»
Аҷаб дорам аз хоби он сангдил,
Ки халқе бихуспанд аз ӯ тангдил.
Меҳо  зӯрмандӣ макун бар кеҳон
Ки бар як намат  менамонад ҷаҳон
Сари панҷаи нотавон бар мапеч,
Ки гар даст ёбад барой ба ҳеч!..
Набинӣ, ки чун бо ҳам оянд мӯр,
Зи шерони ҷангӣ бароранд шӯр.
На мӯе зи абрешиме камтараст,
Чу пур шуд зи занҷир маҳкамтараст.
Мабар, гуфтамат пои мардум зи ҷой,
Ки оҷиз шавӣ гар дарой зи пой!
Дили дӯстон ҷамъ беҳтар, ки ганҷ,
Хазина тиҳӣ беҳ, ки мардум ба ранҷ.
Маяндоз дар пой, кори касе,
Ки афтад, ки дар пояш афтӣ басе!
Таҳаммул кун, эй нотавон, аз қавӣ,
Ки рӯзе тавонотар аз вай шавӣ!
Ба ҳиммат барор аз ситезанда шӯр,
Ки бозуи ҳиммат беҳ аз дасти зӯр!
Лаби хушки мазлум гӯ хуш биханд,
Ки дандони золим бихоҳанд канд!

Ба бонги дуҳул хоҷа бедор гашт,
Чи донад шаби посбон чун гузашт
Хӯрад корвонӣ ғами бори хеш,
Насӯзад дилаш бар хари пуштреш.
Гирифтам, к-аз афтодагон нестӣ,
Чу афтода бинӣ, чаро истӣ?
Баринат бигӯям яке саргузашт,
Ки сустӣ бувад з-ин сухан даргузашт.

Ҳикоят

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ .

Чунон осмон бар замин шуд бахил,
Ки лаб тар накарданд заръу нахил.
Бихушид  сарчашмаҳои қадим,
Намонд об ҷуз оби чашми ятим.
Набудӣ ба ҷуз оҳи бевазане,
Агар бар шудӣ  дуде аз равзане .
Чу дарвеши бебарг дидам дарахт
Қави бозувон сусту дармонда сахт.
На дар роғ  сабза, на дар боғ шах,
Малах бӯстон хӯрду мардум малах.
Дар он ҳол пеш омадам дӯсте,
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте.
Шигифт омадам к-ӯ қавиҳол буд,
Худованди ҷоҳу зару мол буд.
Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри покизахӯ,
Чӣ дармондагӣ пешат омад? Бигӯ!»
Биғуррид бар ман, ки: «Ақлат куҷост?
Чу дониву пурсӣ, саволат хатост!
Набинӣ, ки сахтӣ ба ғоят расид,
Машаққат ба ҳадди ниҳоят расид.
На борон ҳамеборад аз осмон,
На бар меравад дуди фарёдхон».
Бад-ӯ гуфтам «Охир туро бок нест,
Кушад заҳр ҷое, ки тарёқ нест.
Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок,
Туро ҳаст, батро  зӣ тӯфон чи бок?!..»
Нигаҳ кард ранҷида дар ман фақеҳ ,
Нигаҳ кардани оқил андар сафеҳ.
Ки: «Мард арчи бар соҳиласт, эй рафиқ!
Наёсояд ӯ дӯстонаш ғариқ.
Ман аз бемуродӣ наям рӯйзард,
Ғами бемуродон маро хаста кард.
Нахоҳад, ки бинад хирадманд реш,
На бар узви мардум, на бар узви хеш.
Биҳамдуллаҳ арчи зи реш эминам,
Чу реше бубинам биларзад танам.

Мунағғас бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлӯи бемори суст.

Чу бинам, ки дарвеши мискин нахӯрд,
Ба ком андарам луқма заҳрасту дард.
Якеро ба зиндон дараш дӯстон ,
Куҷо монадаш айш дар бӯстон?!»...

## Ҳикоят

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт.
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.
Яке шукр гуфт андар он хоку дуд ,
Ки: «Дӯкони моро газанде набуд».
Яке гуфташ: «Эй пойбанди ҳавас!
Туро худ ғами хештан буду бас.
Писандӣ, ки шаҳре бисӯзад ба нор,
Ва лекин сароят бувад дар канор».
Ба ҷуз сангдил кӣ кунад меъда танг?
Чу бинад касон бар шикам баста санг
Тавонгар худ он луқма чун мехӯрад?
Чу бинад, ки дарвеш хун мехӯрад.
Магӯ тандуруст аст ранҷурдор.
Ки мепечад аз ғусса ранҷурвор.
Сабукпай, чу ёрон ба манзил расанд —
Нахуспад, ки вомондагон аз пасанд...
Агар дар сарои саодат касаст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе басаст.
Ҳаминат басандаст агар бишнавӣ,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ!
Хабар дорӣ аз хисравони Аҷам,
Ки карданд бар зердастон ситам,
На он шавқату подшоӣ бимонд ,
На он зулм бар рустоӣ бимонд...
Агар ҷавр дар подшоҳӣ кунӣ,
Пас аз подшоҳӣ гадоӣ кунӣ.
Ҳаромаст бар подшаҳ хоби хуш,
Ки бошад заиф аз қавӣ боркаш.
Маёзор омӣ  ба як хардала,
Ки султон шубонасту омӣ гала.
Чу пархош  бинанду бедод аз ӯ,
Шубон нест, гургаст. Фарёд аз ӯ!

Баданҷом рафту бад андеша кард,
Ки бо зердастон ҷафо пеша кард...
Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд аз пасат,
Накӯ бош то бад нагӯяд касат!

## Ҳикоят

Шунидам, ки дар марзе аз Бохтар,
Бародар ду буданд аз як қадар.
Сипаҳдору гарданкашу пилтан,
Накӯрӯю доною шамшерзан.
Падар ҳар дуро саҳмгинмард ёфт,
Талабгори ҷавлону новард ёфт,
Бирафт он заминро ду қисмат ниҳод,
Ба ҳар як писар з-он насибе бидод,
Мабодо, ки бар якдигар сар кашанд,
Ба пайкор шамшери кин бар кашанд.
Падар баъд аз он рӯзгоре шумурд,
Ба ҷонофарин ҷони ширин супурд...
Муқаррар шуд он мамлакат бар ду шоҳ,
Ки беҳадду мар буд ганҷу сипоҳ.
Ба ҳукми назар, дар беҳафтоди хеш
Гирифтанд ҳар як яке роҳ пеш:
Яке адл, то номи некӯ барад;
Яке зулм, то мол гирд оварад;
Яке отифат сирати хеш кард,
Дирам доду темори дарвеш кард,
Бино карду нон доду лашкар навохт,
Шаб аз баҳри дарвеш шабхона сохт...
Дигар хост, к-афзун кунад тахту тоҷ,
Бияфзуд бар марди деҳқон хироҷ,
Нагӯям, ки бадхоҳи дарвеш буд,
Ҳақиқат, ки ӯ душмани хеш буд.
Ба уммеди бешӣ надоду нахӯрд,
Хирадманд донад, ки нохуб кард...
Чу иқболаш аз дӯстӣ сар битофт,
Ба ноком душман бар ӯ даст ёфт.
Ситези фалак беху бораш биканд,
Суми аспи душман диёраш биканд.

Вафо дар кӣ ҷӯяд, чу паймон гусехт?!.
Хироҷ аз кӣ хоҳад, чу деҳқон гурехт?
Чи некӣ тамаъ дорад он бевафо,
Ки бошад дуои бадаш дар қафо...
Чу гуфтанд некон ба он некмард:
«Ту бар хӯр, ки бедодгар бар нахӯрд!»...
Аз ин расми бад монд, аз он номи нек.
Бадонро набошад саранҷоми нек.
Яке бар сари шох, бун мебурид,
Худованди бӯстон назар карду дид:
Бигуфто, ки: «Ин мард бад мекунад,
На бар ман, ки бо нафси худ мекунад»
Насиҳат ба ҷойаст агар бишнавӣ.
Заифон маяфкан ба китфи қавӣ!..
Ки чун бигзарад бар ту ин салтанат,
Бигирад ба қаҳр он гадо доманат.
Макун! Панҷа аз нотавонон бидор,
Ки гар бифганандат, шавӣ шармсор!
Хичолат бувад пеши озодагом,
Бияфтодан аз дасти афтодагон.
Бузургони равшандили некбахт,
Ба фарзонагӣ тоҷ бурданду тахт.
Ба дунболаи ростон кач марав!
Агар рост хоҳӣ зи Саъдӣ шунав:
Магӯ чоҳе аз салтанат беш нест,
Ки болотар аз ҷоҳи дарвеш нест .
Тиҳидаст ғам бахри ноне хӯрад,
Ҷаҳонбон ба қадри ҷаҳоне хӯрад.
Гадоро чу ҳосил шавад нони шом,
Чунон хуш бихуспад, ки султони Шом.
Ғаму шодмонӣ ба сар меравад,
Ба марг ин ду аз сар бадар меравад.
Чи онро, ки бар сар ниҳоданд тоҷ,
Чи онро, ки бар гардан омад хироҷ.
Агар сарфарозе ба кайвон бараст,
Агар тангдасте ба зиндон дараст .
Чу хайли аҷал бар сари ҳар ду тохт,
Намешояд аз якдигаршон шинохт.
Нигаҳбонии мулку давлат балост,

Гадо подшоҳ асту номаш гадост.
Шунидам, ки як бор дар ҳаллае,
Сухан гуфт бо обиде каллае,
Ки: «Ман фарри  фармондиҳӣ доштам,
Ба сар бар  кулоҳи меҳӣ доштам.
Чу толеъ мадад карду бахт иттифоқ,
Гирифтам ба бозуи давлат Ироқ.
Тамаъ карда будам, ки Кирмон хӯрам,
Ки ногаҳ бихӯрданд кирмон сарам»
Бикан пунбаи ғафлат аз гӯши ҳуш,
Ки аз мурдагон пандат ояд ба гӯш.
Накӯкор мардум набошад бадаш,
Наварзад касе бад, ки нек оядаш,
Шарангез ҳам дар сари шар равад,
Чу каждум, ки то хона камтар равад.
Агар нафъи кас дар ниҳоди ту нест,
Чунин ҷавҳару  санги хоро якест.
Ғалат гуфтам, э ёри фархундахӯй,
Ки нафъест дар оҳану сангу рӯй
Чунин одамӣ мурда беҳ нангро,
Ки бар вай фазилат бувад сангро.
На ҳар одамизода аз дад беҳаст,
Ки дад з-одамизодаи бад беҳаст.
Беҳаст аз дад инсони соҳибхирад,
На инсон, ки дар мардум афтад чу дад.

Чу инсон надонад ба ҷуз хурду хоб,
Кадомаш фазилат бувад бар давоб...
Касе донаи некмардӣ накошт,
Ки з-ӯ хирмани офият бар надошт.
На ҳаргиз шунидам, ки дар умри хеш,
Ки бадфеълро некӣ ояд ба пеш.
Гирезе  ба чоҳ андар афтода буд,
Ки аз ҳавли ӯ шери нар мода буд.
Бадандеши мардум ба ҷуз бад надид,
Бияфтоду оҷизтар аз худ надид.
Ҳама шаб зи фарёду зорӣ нахуфт.
Яке бар сараш кӯфт сангеву гуфт:
«Ту ҳаргиз расидӣ ба фарёди кас,

Ки мехоҳӣ имрӯз фарёдрас?!.
Ҳама тухми номардумӣ коштӣ,
Бубин, лоҷарам, то чи бардоштӣ?
Кӣ бар ҷони решат ниҳад марҳаме,
Ки аз дарди дилҳо набудат ғаме?!.
Ту моро ҳаме чоҳ кандӣ ба роҳ,
Ба сар, лоҷарам, дарфитодӣ ба чоҳ».
Ду кас чаҳ кананд аз паи хосу ом:
Яке хубсират, яке зиштном.
Яке ташиаро то кунад тоза ҳалк,
Яке то ба гардан дарафтанд халк
Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки ҳаргиз наёрад газ ангур бор.
Напиндорам, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.
Дарахти закум  ар ба ҷон парварӣ,
Мапиндор ҳаргиз, к-аз ӯ бар хӯрӣ,
Рутаб  новарад чӯби харзаҳра бор
Чи тухм афганӣ бар ҳамон чашм дор.

Яке панд медод фарзандро,
Нигаҳ дор панди хирадмандро:
«Макун ҷавр бар кӯдакон, э писар,
Ки як рӯзат афтад бузурге ба сар!
Наметарсӣ, э гурги ноқисхирад,
Ки рӯзе палангет аз ҳам дарад».
Ба хурдӣ дарам зӯри сарпанҷа буд,
Дили зердастон зи ман ранҷа буд.
Бихӯрдам яке мушти зӯроварон,
Накардам дигар зӯр бар лоғарон.
Ало то ба ғафлат нахуспӣ, ки қавм
Ҳаромаст бар чашми солори қавм.
Ғами зердастон бихӯр зинҳор!
Битарс аз забардастии рузгор!
Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз,
Чу доруи талхаст дафъи мараз.

## Ҳикоят

Якеро ҳикоят кунанд аз мулук,
Ки бемории ришта кардаш чу дук
Чунонаш бияндохт заъфи ҷасад,
Ки мебурд бар зердастон ҳасад...
Надиме замини малик бӯса дод,
Ки: «Мулки худованд ҷовид бод!
Дар ин шаҳр марде муборакдамаст,
Ки дар порсоӣ чу ӯе камаст...
Бихон! То бихонад дуое барин,
Ки раҳмат расад з-осмон бар замин»
Бифармуд то меҳтарони хидам,
Бихонданд пири муборакқадам:
Бирафтанду гуфтанд, омад фақир —
Тани мӯҳташам, дар либоси ҳақир
Бигуфто: «Дуое кун, э ҳушманд,
Ки дар ришта чун сӯзанам пойбанд!
Шунид ин сухан пири хамбуда пушт,
Ба тундӣ баровард бонге дурушт:
«...Дуои манат кай бувад судманд,
Асирони мӯҳтоҷ дар чоҳу  банд?
Ту нокарда бар халқ бахшоише,
Куҷо бинӣ аз давлат осоише?!.
Дуои ситамдидагон дар танат,
Куҷо даст гирад дуои манат?!»...

...Зи Саъдӣ шунав, к-ин сухан ростаст,
На ҳар бор афтода бархостаст.
Ҷаҳон, эй писар, мулки ҷовид нест,
Зи дунё вафодорӣ уммед нест...
Касе з-ин миён гӯи давлат рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд.
Ба кор омад онҳо, ки бардоштанд,
На гирдовариданду бигзоштанд.

...Кунад хоҷа бар бистари ҷонгудоз,
Яке даст кӯтоҳу дигар дароз.
Дар он дам ишорат намояд ба даст,

Ки даҳшат забонаш зи гуфтан бубаст,
Ки: «Дасте ба ҷуду карам кун дароз!
Дигар даст кӯтаҳ кун аз зулму оз!»
Кунунат, ки дастаст, дасте бизан!
Дигар кай барори ту даст аз кафан?!
Битобад басе моҳу парвину ҳур,
Ки сар барнадорӣ зи болини гӯр,
Қизил Арслон  қалъае сахт дошт,
Ки гардан ба Алванд бармефарошт.
На андеша аз кас, на ҳоҷат ба ҳеҷ,
Чу зулфи арӯсон раҳаш печ-печ.

Чунон нодир афтода бар равзае,
Ки бар лоҷувардитабақ байзае.
Шунидам, ки марде муборакҳузур
Ба наздики шоҳ омад, аз роҳи дур.
Ҳақоиқшиносе ҳунардидае,
Ҳунарманду офоқгардидае.
Бузурги забоновари кордон,
Ҳакими сухангӯи бисёрдон.
Қизил гуфт «Чандин ки гардидаӣ,
Чунин ҷои маҳкам куҷо дидаӣ?»
Бихандид, к-ин қалъаи хуррамаст.
Валекин мапиндор, к-ин маҳкамаст.
На пеш аз ту гарданкашон доштанд,
Даме чанд буданду бигзоштанд?!.
Зи даврони мулки падар ёд кун!
Дил аз банди андеша озод кун!
Чунон рӯзгораш ба кунҷе нишонд,
Ки бар як пашизаш тасарруф намонд...
Бари марди ҳушёр дунё хасаст,
Ки ҳар муддате ҷои дигар касаст.
Чунин гуфт шӯридае дар Аҷам,
Ба Кисро, ки: «Эй вориси мулки Ҷам!»"!"
Агар мулк бар Ҷам бимондиву бахт,
Туро кай муяссар шудӣ тоҷу тахт?!.
Агар ганҷи Қорун М ба даст оварӣ,
Намонад, магар он чӣ бахши барӣ!»

...Накӯӣ кун имсол чун деҳ турост,
Ки соли дигар дигаре деҳхудост!
Ҳакиме дуо кард бар Кайқубод,
Ки: «Дар подшоҳӣ заволат мабод!»
Бузурге дар ин, хурда бар вай гирифт,
Ки «Доно нагӯяд маҳол, эй шигифт?
Киро донӣ аз хисравони Аҷам,
Зи аҳди Фаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Ки дар тахту мулкаш наёмад завол?
Зи фарзона  мардум назебад маҳол.
Киро ҷовидон мондан уммед монд?
Ту дидӣ касеро, ки ҷовид монд?!»...
Чунин гуфт фарзонаи ҳушманд,
Ки: «Доно нагӯяд сухан нописанд.
Мар ӯро  на умри абад хостам,
Ба тавфиқи хайраш мадад хостам...
Касеро, ки ганҷасту фармону ҷайш,
Ҷаҳондориву шавкату кому айш,
Гараш сирати хубу зебо бувад,
Ҳама вақт айшаш муҳайё бувад.
Ва гар зӯрмандӣ кунад бо фақир,
Ҳамин панҷ рӯзаш бувад дору гир.
Чу Фиръавн тарки табоҳӣ накард,
Ба ҷуз то лаби гӯр шоҳӣ накард».

## Ҳикоят

Бузурге ҷафопеша дар ҳадди ғур,
Гирифтӣ хари рустоӣ ба зӯр.
Харон зери бори гарон бе алаф,
Ба рӯзе ду мискин шуданди талаф.
Чу мунъим кунад сифларо рӯзгор,
Ниҳад бар дили танги дарвеш бор...
Шунидам, ки рӯзе ба азми шикор —
Бурун рафт бедодгар шаҳриёр.
Таковар ба дунболи сайде биронд,
Шабаш даст дод, аз ҳашам  бозмонд.

Ба танҳо надонист рӯи раҳе,
Бияфтод, ноком шуд дар деҳе.
Яке пирмард андар он деҳ муқим,
Зи пирони мардумшиноси қадим,
Писарро ҳамегуфт: «К-эй шодбаҳр,
Харатро мабар бомдодон ба шаҳр,
Ки он ноҷавонмарди баргаштабахт,
Ки тобут бинам манаш ҷои тахт!
Камар баста дорад ба фармони дев,
Ба гардун бар аз дасти ҷавраш ғирев.
Дар ин кишвар осоишу хуррамӣ —
Надиду набинад ба чашм одамӣ.
Магар, к-он сияҳномаи бесафо —
Ба дӯзах равад, лаънат андар қафо»
Писар гуфт: «Роҳе дарозасту сахт,
Пиёда наёрам шуд, эй некбахт!
Тариқе бияндешу рое бизан,
Ки рои ту равшантар аз рои ман!»
Падар гуфт: «Агар панди ман бишнавӣ,
Яке санг бардошт бояд қавӣ,
Занӣ бар хари бегунаҳ чанд бор,
Сару дасту паҳлӯш гардад фигор.
Магар, к-он фурӯмояи зишткеш,
Ба кораш наёяд хари ланги хеш...»
Писар чун шунид ин ҳадис аз падар,
Сар аз хатти фармон набурдаш бадар:
Фуру кӯфт бечора харро ба санг,
Хар аз даст оҷиз шуд, аз пой ланг.
Падар гуфташ: «Акнун сари хеш гир!
Бар он раҳ, ки мебоядат пеш гир!
Писар дар паи корвоне фитод,
Зи дашном чандон, ки донист, дод.
Ва з-ин сӯ падар рӯй бар осмон,
Ки: «ё раб ба саҷҷодаи ростон,
Ки чандон амонам деҳ аз рӯзгор,
Ки з-ин наҳси золим барояд димор!
Агар ман набинам мар ӯро ҳалок,
Шаби гӯр чашмам нахуспад ба хок.
Агар мор зояд зани бордор,

Беҳ аз одамизодаи девсор.
Хар аз одами мӯъзӣ бисёр беҳ,
Саг аз мардуми мардумозор беҳ...
Шикаста матое, ки дар дасти туст,
Аз он беҳ, ки дар дасти душман дуруст»
Шаҳ ин ҷумла бишниду чизе нагуфт,
Бубаст аспу сар бар намадзин бихуфт
Ҳама шаб ба бедорӣ ахтар шумурд,
Зи савдою андеша хобаш набурд.
Чу овози мурғи саҳар гӯш кард,
Парешонии шаб фаромӯш кард.
Саворон ҳам шаб ба так тохтанд,
Саҳаргаҳ паи асп бишнохтанд.
Дар он арса бар асп диданд шоҳ,
Пиёда давиданд яксар сипоҳ.
Ба хизмат ниҳоданд сар бар замин,
Чу дарё шуд аз мавҷӣ лашкар замин.
Яке гуфташ аз мухлисони қадим,
Ки шаб буд ҳоҷиб ба рӯзаш надим:
«Раият чи нузлат ниҳоданд дӯш,
Ки моро на чашм орамиду на гӯш?»
Шаҳаншаҳ наёраст кардан ҳадис,
Ки бар вай чи омад зи бахти хабис.
Ҳам оҳиста сар бурд пеши сараш,
Фурӯ гуфт пинҳон ба гӯш андараш:
«Касам пои мурғе наёвард пеш,
Вале дасти хар рафт аз андоза беш».
Бузургон нишастанду хон хостанд,
Бихӯрданду маҷлис биёростанд.
Чу шӯри тараб дар ниҳод омадаш.
Зи деҳқони дӯшина ёд омадаш.
Бифармуд, ҷустанду бастанд сахт,
Ба хорӣ фиганданд дар пои тахт.
Сияҳдил бароҳехт шамшери тез,
Надонист бечора роҳи гурез.
Шумурд он дам аз зиндагӣ охираш,
Бигуфт ончи гардид дар хотираш.
Набинӣ, ки чун корд бар сар бувад,
Қаламро, забонаш равонтар бувад.

Чу донист, к-аз хасм натвон гурехт,
Ба бебокӣ аз тир таркаш бирехт.
Сари ноумедӣ бароварду гуфт:
«Шаби гӯр дар деҳ маҳоласт хуфт.
На танҳо манат гуфтам, эй шаҳриёр,
Ки баргаштабахтию бадрӯзгор.
Зи номеҳрубонӣ, ки дар даври туст,
Ҳама олам овора аз ҷаври туст.
Чаро хашм бар ман гирифтиву бас?
Манат пеш гуфтам, дигар халқ пас.
На ман кардам аз дасти ҷаврат нафир.
Ки халқе, зи халқе яке кушта гир!
Аҷаб, к-аз манат дар дил омад дурушт.
Бикуш, гар тавонӣ, ҳама халқ кушт!
В-агар сахт омад накӯҳиш зи ман,
Ба инсоф бехи накӯҳиш бикан!
Туро чора аз зулм баргаштанаст,
На бечораи бегунаҳ куштанаст,
Чу бедод кардӣ таваққӯъ мадор,
Ки номат ба некӣ равад дар диёр!
В-ар айдун, ки душворат ояд сухун,
Дигар ҳар чи душворат орад макун!..

Намонад ситамгора дар рӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати пойдор.
Туро нек пандаст агар бишнавӣ,
Ва гар нашнавӣ, худ пушаймон шавӣ.
Надонам, ки чун хуспадат дидагон?
Нахуфта зи дастат ситамдидагон.
Бадон кай сутуда шавад подшоҳ,
Ки халқаш ситоянд дар боргоҳ.
Чи суд офарин бар сари анҷуман,
Паси чарха нафринкунон пиразан...»
Ҳамегуфту шамшер болои сар,
Сипар карда ҷон пеши тири қадар.
Шаҳ аз мастии ғафлат омад ба ҳуш,
Ба гӯшаш ҳамегуфт фаррух сурӯш:
«К-аз ин пир дасти уқубат бидор!
Яке кушта гир аз ҳазорон ҳазор!»

Замоне сараш дар гиребон бимонд,
Пас он гаҳ ба афв остин барфишонд:
Ба дастони худ банд аз ӯ баргирифт,
Сарашро бибӯсиду дар бар гирифт...
Ба гетӣ ҳикоят шуд ин достон,
Равад некбахт аз паи ростон.

...Зи душман шунав сирати худ, ки дӯст
Ҳар он чи аз ту ояд ба чашмаш, накӯст.
Ситоишсароён на ёри туанд,
Накӯҳишкунон дӯстдори туанд.
Вуболаст додан ба ранҷур қанд,
Ки доруи талхаш бувад судманд.
Турушрӯй беҳтар кунад сарзаниш,
Ки ёрони хуштабъи ширинманиш.
Аз ин беҳ насиҳат нагӯяд касат,
Агар оқилӣ, як ишорат басат.

Ҳикоят

Чу даврӣ хилофат ба Маъмун расид,
Яке моҳпайкар канизак харид.
Ба чеҳр офтобе ба тан гулбуне,
Ба ақли хирадманд бозикуне .
Ба хуни азизон фурӯ бурда чанг,
Сарангуштҳо карда уннобранг.
Бар абрӯи обидфиребаш хизоб,
Чу қавси қузаҳ бар рухи офтоб.
Шаби хилват он лӯъбати ҳурзод —
Магар тан дар оғӯши Маъмун надод.
Гирифт оташи хашм дар вай азим,
Сараш хост кардан чу ҷавзо ду ним.
Бигуфто: «Сар инак ба шамшери тез —
Бияндозу бо ман макун хуфту хез!»

... Харе дид пӯяндаву коргар.
Тавонову зуровару борбар.
Яке марди курд устухоне ба даст.

Чунон мезадаш устухон мешикаст.
Шаҳаншаҳ барошуфту гуфт: «Эй ҷавон!
Зи ҳад рафт ҷаврат бадин безабон!
Чи зӯроварӣ, худнамоӣ макун!
Бар афтода зӯрозмоӣ макун!
Писандаш наёмад фурумоя қавл,
Яке бонг бар подшаҳ зад ба ҳавл,
Ки: «Беҳуда нагирифтам ин кор пеш,
Бирав, чун надонӣ, паси кори хеш!
Басо кас, ки пеши ту маъзур нест.
Чу вобинӣ, аз маслиҳат дур нест...

Бигуфт: «Аз чи бар дил газанд омадат?
Чӣ хислат зи ман нописанд омадат?»
Бигуфт: «Ар кушӣ в-ар шикофӣ сарам,
Зи бӯи даҳонат ба ранҷ андарам.
Кушад тири пайкору теғи ситам —
Ба якбор, бӯи-даҳон дам ба дам»,
Шунид ин сухан сарвари некбахт,
Бишӯриду бар худ бупечид сахт. »
Дилаш гарчи дарҳол аз ӯ ранҷа шуд,
Даво карду хушбӯй чун ғунча шуд...
Ба назди ман он кас накӯхоҳи туст,
Ки гӯяд: «Фалон чоҳ дар роҳи туст!»
Ба гумроҳ гуфтан: «Накӯ меравӣ!»
Ҷафои тамомасту ҷаври қавӣ.
Ҳар он гаҳ, ки айбат нагӯянд пеш,
Ҳунар донӣ аз ҷоҳилӣ айби хеш.
Магӯ «шаҳд ширин, шакар фоиқаст»
Касеро, ки суқмуниё лоиқаст.
Чи хуш гуфт он марди доруфурӯш:
«Шифо боядат, доруи талх нӯш!»
Агар шарбате боядат судманд,
Зи Саъдӣ ситон доруи талхи панд.
Ба парвезани маърифат бехта,
Ба шаҳди ибoрат баромехта.

## Ҳикоят

Шунидам, ки аз некмарде фақир,
Дилозурда шуд подшоҳе кабир.
Магар бар забонаш ҳақе рафта буд,
Зи гарданкашӣ бар вай ошуфта буд:
Ба зиндон фиристодаш аз боргоҳ,
Ки зӯрозмояст бозуи шоҳ.
Зи ёрон касе гуфташ андар нуҳуфт:
— Масолеҳ набуд ин сухан гуфт—гуфт:
«Расонидани амри ҳақ тоатаст,
Зи зиндон натарсам, ки як соатаст»
Ҳамон дам, ки дар ҳуфя ин роз рафт,
Ҳикоят ба гӯши малик боз рафт:
Бихандид «К-ӯ занни беҳуда бурд,
Надонад, ки хоҳад дар ин ҳабс мурд».
Ғуломе ба дарвеш бурд ин паём,
Бигуфто: «Ба хисрав бигӯ, эй ғулом!
Маро бори ғам бар дили реш нест,
Ки дунё ҳамин соате беш нест.
На гар дастгирӣ кунӣ, хуррамам,
На гар сар бурӣ, бар дил ояд ғамам.
Туро гар сипоҳасту фармону ганҷ,
Маро гар аёласту ҳирмону ранҷ,
Ба дарвозаи марг чун дар шавем ,
Ба як ҳафта бо ҳам баробар шавем...
На пеш аз ту, беш аз ту андӯхтанд,
Ба бедод кардан ҷаҳон сӯхтанд?!.
Чунон зӣ, ки зикрат ба таҳсин кунанд,
Чу мурдӣ, на бар гӯрат нафрин кунанд.
Набояд ба расми бад оин ниҳод,
Ки гӯянд лаънат бар ӯ, к-ин ниҳод!
Агар бар сар ояд худованди зӯр,
На зераш кунад оқибат хоки гӯр?!.
Бифармуд дилтанг рӯй аз ҷафо ,
Ки: «Берун кунандаш забон аз қафо!»
Чунин гуфт марди ҳақоиқшинос:

«К-аз ин ҳам, ки гуфтӣ, надорам ҳарос...
Агар бенавоӣ барам дар ситам,
Агар оқибат хайр бошад чи ғам?!»...

## Ҳикоят

Яке муштзан бахти рӯзӣ надошт,
На асбоби шомаш муҳайё, на чошт
Зи ҷаври шикам гил кашидӣ ба пушт,
Ки рӯзи маҳоласт хӯрдан ба мушт.
Мудом аз парешонии рӯзгор,
Дилаш ҳасратолуда, тан сӯгвор.
Гаҳаш ҷанг бо олами хиракуш,
Гаҳ аз бахти шӯрида рӯяш туруш.
Гаҳ аз дидани айши ширини халқ,
Фурӯ мешудӣ оби талхаш ба ҳалқ.
Гаҳ аз кори вожуна бигристӣ,
Ки кас дид аз ин саъбтар зисте?!..
Касон шаҳд нӯшанду мурғу бара,
Маро рӯи нон менабинад тара.
Гар инсоф пурсӣ на некӯст ин:
Бараҳна ману гурбаро пӯстин?
Дареғ, ар фалак шевае сохтӣ,
Ки ганҷе ба дасти ман андохтӣ?
Чи будӣ, ки поям дар ин кори гил,
Ба ганҷе фуру рафти аз коми дил?
Магар рӯзгоре ҳавас рондамӣ,
Зи худ гарди меҳнат барафшондамӣ.
Шунидам, ки рӯзе замин мешикофт:
Изоми занахдони пӯсида ёфт,
Ба хок андараш иқд бигрехта,
Гуҳарҳои дандон фурӯ рехта.
Даҳон безабон панд мегуфту роз,
Ки: «Эй хоҷа бо бенавои бисоз!
Чу инаст ҳоли даҳон зери гил,
Шакархӯрда ангор, ё хуни дил.
Ғам аз гардиши рӯзгорон мадор,
Ки бе мо бигардад басе рӯзгор!»

Ҳамон лаҳза, к-ин хотираш рӯй дод,
Ғам аз хотираш рахт як сӯ ниҳод...
Ғаму шодмонӣ намонад, валек —
Ҷазои амал монаду номи нек.
Карам пой дорад, на дайҳиму тахт.
Бидеҳ, к-аз ту ин монад, эй некбахт!
Макун такя бар мулку ҷоҳу ҳашам,
Ки пеш аз ту будасту баъд аз ту ҳам!..
Зар афшон чу дунё бихоҳӣ гузошт,
Ки Саъдӣ дур афшонд, чун зар надошт!

## Ҳикоят

Ҳикоят кунанд аз ҷафогустаре,
Ки фармондеҳӣ дошт бар кишваре.
Дар айёми ӯ рӯзи мардум чу шом,
Шаб аз бими ӯ хоби мардум ҳаром.
Ҳама рӯз некон аз ӯ дар бало,
Ба шаб дасти покон аз ӯ бар дуо.
Гурӯҳе бари шайхи он рӯзгор,
Зи дасти ситамгар гиристанд зор.
Ки: «Эй пири донои фархундарой —
Бигӯ ин ҷавонро—битарс аз худой!»
Бигуфто: «Дареғ оядам номи дӯст,
Ки ҳар кас на дархӯрди пайғоми ӯст.
Касеро, ки бинӣ, зи ҳақ бар карон
Манеҳ бо вай, эй хоҷа, ҳақ дар миён!»

Дареғаст бо сифла гуфтан улум,
Ки зоеъ шавад тухм дар шӯрабум.
Чу дар вай нагирад адӯ донадат,
Биранҷад ба ҷону биранҷонадат.

Ҳақат гуфтам, эй хисрави некрой!
Тавон гуфт ҳак пеши марди худой!
Нигин хислате дорад, эй некбахт,
Ки дар мум гирад, на дар санги сахт.
Аҷаб нест, гар золим аз ман ба ҷон —
Биранҷад, ки дуздасту ман посбон...

Ҳаме то бароияд ба тадбир кор,
Мадорон душман беҳ аз корзор.
Чу натвон адӯро ба қувват шикаст,
Ба неъмат бубояд дари фитна баст.
Гар андеша дорӣ зи душман газанд,
Ба таъвизи эҳсон забонаш бубанд!
Адӯро ба ҷон зиён зар бирез,
Ки эҳсон кунад кунд дандони тез!
Ба тадбир шояд фурӯ кӯфт кӯс.
Ки бо ғолибон чора заркасту лӯс.
Мурооти душман чунон кун, ки дӯст,
Мар ӯро ба фурсат тавон канд пӯст!
Ба тадбир Рустам даромад ба банд,
Ки Исфандиёраш биҷаст аз каманд.
Ҳазар кун зи пайкори камтар касе,
Ки аз қатра селоб дидам басе.
Мазан, то тавонӣ, бар абрӯ гиреҳ!
Ки душман, агарчи забун, дӯст беҳ.
Бувад душманаш тозаву дӯст реш,
Касе к-аш бувад душман аз дӯст беш .
Мазан бар сипоҳе зи худ бештар,
Ки натвон задан мушт бар нештар!
Агар з-ӯ тавонотарӣ дар набард,
На мардист бо нотавон зӯр кард.

Агар пилзӯрӣ ва гар шерчанг.
Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг.
Чу даст аз ҳама ҳилате даргусаст,
Ҳалоласт бурдан ба шамшер даст.
Агар сулҳ хоҳад адӯ, сар мапеч!
В-агар ҷанг ҷӯяд, инон бар мапеч,
Ки гар вай бубандад дари корзор,
Туро қадру ҳиммат шавад як ҳазор.
В-ар ӯ пои ҷанг орад андар рикоб,
Нахоҳад ба ҳашр аз ту довар ҳисоб.
Ту ҳам ҷангро бош чун кина хост,
Ки бо кинавар меҳрубонӣ хатост!
Чу бо сифла гӯӣ ба лутфу хушӣ,

Фузун гардадаш кибру гарданкашӣ.
Ба аспони тозиву мардони мард,
Барор аз ниҳоди бадандеш гард!..
Чу душман дарояд ба аҷз аз дарат,
Бадар кун зи дил хашму кин аз сарат!
Чу зинҳор хоҳад, карам пеша кун —
Бубахшою аз макраш андеша кун!
Зи тадбири пири куҳан бармагард,
Ки корозмуда бувад солхӯрд!
Даророанд бунёди руин зи пой,
Ҷавонон ба шамшеру пирон ба рой.
Ҷавонони пилафгани шергир —
Надонанд дастони рӯбоҳи пир.
Бияндеш дар қалби ҳайҷо мақар!
Чи донӣ, ки з-они ки бошад зафар?
Чу бинӣ, ки лашкар зи ҳам пушт дод,
Ба танҳо мадеҳ ҷони ширин ба бод!
Агар бар канорӣ, ба рафтан бикӯш!
В-агар дар миён, либоси  душман бипӯш!

Агар худ ҳазориву душман дувист,
Чу шаб шуд дар иқлими душман маист!
Шаби тира, панҷаҳ савор аз камин,
Чу понсад бидаррад ба ҳайбат замин.
Чу хоҳӣ буридан ба шаб роҳҳо,
Ҳазар кун нахуст аз камингоҳҳо!
Миёни ду лашкар чу якрӯза роҳ —
Бимонад, бизан хайма дар ҷойгоҳ.
Гар ӯ пешдастӣ кунад ғам мадор!
В-ар Афросиёбаст, мағзаш барор!
Надонӣ, ки лашкар чу якрӯза ронд,
Сари панҷаи зӯрмандаш намонд.
Ту осуда бар лашкари монда зан,
Ки нодон ситам кард бар хештан!
Чу душман шикастӣ, маяфкан алам,
Ки бозаш наёяд ҷароҳат ба ҳам!
Басе дар қафои ҳазимат  марон!
Набояд, ки дур афтӣ аз ёварон.
Ҳаво бинӣ аз гарди ҳайҷо чу мег,

Бигиранд гирдат ба жупину  теғ.
Ба дунболи горат наронад сипоҳ,
Ки холӣ бимонад паси пушти шоҳ...

Диловар, ки боре таҳаввур намуд,
Бибояд ба миқдораш андар фузуд,
Ки бори дигар дил ниҳад бар ҳалок,
Надорад зи пайкори Яъҷуҷ бок.
Кунун дасти мардони ҷангӣ бибӯс!
На он гаҳ, ки душман фурӯ кӯфт кӯс.
Сипоҳӣ дар осудагӣ хуш бидор!
Ки дар ҳолати сахтӣ ояд бакор,

Навоҳии  мулк аз кафи бадсигол —
Ба лашкар нигаҳ дору лашкар ба мол!
Маликро бувад бар аду дастчир,
Ки лашкар дилосуда бошанду сер.
Сипоҳӣ, ки кораш набошад ба барг,
Чаро дил ниҳад рӯзи ҳайҷо ба марг?!.
Баҳои сари хештан мехӯрад,
На инсоф бошад, ки сахтӣ барад.
Чу доранд ганҷ аз сипоҳӣ дареғ,
Дареғ оядаш даст бурдан ба теғ.
Чи мардӣ кунад дар сафи корзор,
Чу дасташ тиҳӣ бошаду кор — зор.

Ба пайкори душман далерон фирист!
Ҳужаброн  ба новарди шерон фирист!
Ба рои ҷаҳондидагон кор кун,
Ки сайд озмудаст гурги куҳун.
Матарс аз ҷавонони шамшерзан!
Ҳазар кун зи пирони бисёрфан!
Хирадманд бошад ҷаҳондидамард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.
Ҷавонони шоистаи бахтвар—
Зи гуфтори пирон напечанд сар.
Гарат мамлакат бояд ороста,
Мадеҳ кори мӯъзам  ба навхоста!
Сипаҳро макун пешрав ҷуз касе,

Ки дар ҷангҳо буда бошад басе!
Ба хурдон мафармой кори дурушт,
Ки сандон нашояд шикастан ба мушт!
Раиятнавозиву сарлашкарӣ —
На корест бозичаву сарсарӣ.

Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба ноозмуда мафармой кор!
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодида ҷанг.
Чу парварда бошад писар дар канор,
Битарсад, чу пеш оядаш корзор.
Ба гӯштиву нахҷиру омочу гӯй,
Диловар шавад марди пархошҷӯй.
Ба гармоба-парвардаву айшу ноз —
Битарсад, чу бинад дари ҷанг боз.
Ду мардаш нишонанд бар пушти зин,
Бувад, к-иш занад кӯдаке бар замин.
Якеро, ки дидӣ ту дар ҷанг пушт,
Бикуш! Гар адӯ дар масофаш  накушт.
Муханнас беҳ аз марди шамшерзан,
Ки рӯзи вағо  сар бупечад чу зан...
Саворе, ки бинмуд дар ҷанг пушт,
На худро, ки номоваронро бикушт.

Ду тан парвар, эй шоҳи кишваркушой
Яке аҳли разму яке аҳли рой!
Зи номоварон гӯи давлат баранд,
Ки донову шамшерзан парваранд.
Ҳар он, к-ӯ қаламро наварзиду теғ,
Бар ӯ гар бимирад магӯ: «эй дареғ!
Қаламзан нигаҳдору шамшерзан!
На мутриб, ки мардӣ наёяд зи...
На мардист: душман дар асбоби ҷанг,
Ту мадҳуши соқиву овози чанг.
Басо аҳли давлат ба бозӣ нишаст,
Ки давлат бирафташ ба бозӣ зи даст.

Нагӯям зи ҷанги бадандеш тарс,
Ки дар ҳолати сулҳ аз ӯ беш тарс!
Басо кас ба рӯз ояти сулҳ хонд,
Чу шаб шуд сипаҳ бар сари хуфта ронд.
Зиреҳпӯш хуспанд ҷанговарон,
Ки бистар бувад хобгоҳи занон.
Ба хайма дарун марди шамшерзан —
Бараҳна нахуспад чу дар хона зан,
Бубояд ниҳон ҷангро сохтан,
Ки душман ниҳон оварад тохтан.
Ҳазар кори мардони кор-огаҳаст,
Язак садди рӯини лашкаргаҳаст.
Миёни ду бадхоҳи кӯтоҳдаст,
На фарзонагӣ бошад эмин нишаст,
Ки гар ҳар ду бо ҳам сиголанд роз,
Шавад дасти кӯтоҳи эшон дароз.
Якеро ба найранг машғул дор!
Дигарро баровар зи ҳастӣ димор!
Агар душмане пеш гирад ситез,
Ба шамшери тадбир хунаш бирез!
Чу дар лашкари душман афтад хилоф,
Ту бигзор шамшери худ дар ғилоф!
Бирав, дӯстӣ гир бо душманаш,
Ки зиндон шавад пераҳан бар танаш!
Чу гургон писанданд бо ҳам газанд,
Баросояд андар миён гӯсфанд.
Чу душман ба душман шавад муштағил
Ту бо дӯст биншин ба ороми дил!
Чу шамшери пайкор бардоштӣ,
Нигаҳдор пинҳон раҳи оштӣ.

Ки кишваркушоёни миғфаршикоф—
Ниҳон сулҳ ҷӯянду пайдо масоф.
Дили марди майдон ниҳонӣ биҷӯй,
Ки бошад, ки дар поят афтад чу гӯй!
Чу солоре аз душман афтад ба чанг,
Ба куштан дараш кард бояд даранг,
Ки афтад, к-аз ин нима ҳам сарваре
Бимонад гирифтор дар чанбаре .

В-агар куштӣ он бандии решро,
Набинӣ дигар бандии хешро,
Натарсад, ки давронш бандӣ кунад,
Ки бо бандиён зӯрмандӣ кунад.
Касе бандиёнро бувад дастгир,
Ки худ буда бошад ба банде асир.
Агар сар ниҳад бар хатат сарваре,
Чу некаш бидорӣ ниҳад дигаре.
Агар хуфя даҳ дил ба даст оварӣ,
Аз он беҳ, ки сад раҳ шабехун барӣ.
Гарат хеши душман шавад дӯстдор,
Зи талбисаш эмин машав зинҳор,
Ки гардад дарунаш ба кини ту реш,
Чу ёд оядаш меҳру пайванди хеш.
Бадандешро лафзи ширин мабин,
Ки мумкин бувад захр дар ангубин!
Касе ҷон зи осеби душман набурд,
Ки мар дӯстонро ба душман шумурд.
Нигаҳ дорад он шӯх дар киса дур,
Ки бинад ҳама халкро кисабур.
Сипоҳе, ки осӣ шавад бар амир,
Варо то тавонӣ, ба хизмат магир!

Надонист солори худро сипос ,
Туро ҳам надонад, зи ғадраш ҳарос!
Ба савганду аҳд устувораш мадор!
Нигаҳбони пинҳон бар ӯ баргумор!
Навомӯзро ресмон кун дароз!.
Набигсил, ки дигар набинеш боз!
Чу иқлими душман ба ҷангу ҳисор—
Гирифтӣ, ба зиндониёнаш супор!
Ки бандӣ чу дандон ба хун дар барад,
Зи ҳалқуми бедодгар хун хӯрад.
Чу баркандӣ аз чанги душман диёр,
Раият басомонтар аз вай бидор,
Ки гар боз кӯбад дари корзор,
Бароранд ом аз димоғаш димор.
В-агар шаҳриёнро расонӣ газанд,
Дари шаҳр бар рӯи душман мабанд!

Магӯ душмани теғзан бар дараст,
Ки анбози душман ба шаҳр андараст.
Ба тадбири ҷанги бадандеш кӯш!
Масолеҳ бияндешу ният бипӯш!
Манеҳ дар миён роз бо ҳар касе,
Ки ҷосус ҳамкоса дидам басе!
Сикандар ки бо шарқиён ҳарб дошт,
Дари хайма, гӯянд, дар ғарб дошт.

Чу Баҳман зи Зобулситон хост шуд,
Чап овоза афганду аз рост шуд.
Агар ҷуз ту донад, ки азми  ту чист,
Бар он рою дониш бубояд гирист.
Карам кун! На пархошу киноварӣ,
Ки олам ба зери нигин оварӣ!
Чу коре барояд ба лутфу хушӣ,
Чӣ ҳочат ба тундиву гарданкашӣ?!.
Нахоҳӣ, ки бошад дилат дардманд,
Дили дардмандон баровар зи банд!
Ба бозу тавоно набошад сипоҳ,
Бирав, ҳиммат аз нотавонон бихоҳ!
Дуои заифони уммедвор,
Зи бозуи мардон беҳ ояд ба кор!..

# Боби дуввум
## Дар бораи эҳсон

Агар ҳушмандӣ, ба маънӣ гарой!
Ки маънӣ бимонад, на сурат, ба ҷой...
Касе хуспад осуда дар зери гил,
Ки хуспанд аз ӯ мардум осудадил.
Ғами хеш дар зиндагӣ хӯр, ки хеш,
Ба мурда напардозад аз ҳирси хеш
Зару неъмат акнун бидеҳ, к-они туст,
Ки баъд аз ту, берун зи фармони туст!
Нахоҳӣ, ки бошӣ парокандадил,
Парокандагонро зи хотир маҳил!
Парешон кун имрӯз ганҷина ҷуст,
Ки фардо калидаш на дар дасти туст!
Ба ғамхорагӣ ҷуз сарангушти ман,
Нахорад касе дар чаҳон пушти ман...
Магардон ғариб аз дарат бенасиб,
Мабодо, ки гардӣ ба дарҳо ғариб!

Бузурге расонад ба мӯҳтоҷ хайр,
Ки тарсад, ки мӯҳтоҷ гардад ба ғайр...
Фурӯмондагонро дарун шод кун!
Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун!
На хоҳандаӣ бар дари дигарон,
Ба шукрона хоҳанда аз дар марон!

Падармурдаро соя бар сар фиган!
Ғубораш бияфшону хораш бикан!..
Чу бинӣ ятиме сарафганда пеш,
Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш!
Ятим ар бигиряд, кӣ нозаш харад?
В-агар хашм гирад, кӣ бозаш барад?!
Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок!
Ба шафқат бияфшонаш аз чеҳра хок!
Агар сояи хеш рафт аз сараш,

Ту дар сояи хештан парвараш!
Ман он гаҳ сари тоҷвар доштам,
Ки сар дар канори падар доштам.
Агар бар вуҷудам нишастӣ магас,
Парешон шудӣ хотири чанд кас.
Кунун душманон гар барандам асир,
Набошад кас аз дӯстонам насир.
Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар...
Чу инъом кард машав худпараст,
Ки: «Ман сарварам дигарон зердаст»
Машав то тавонӣ зи заҳмат барӣ,
Ки раҳмат барандат чу заҳмат барӣ .

Ҳикоят

Забондоне омад ба соҳибдиле,
Ки: «Маҳкам фурӯ мондаам дар гиле:
Яке сифларо даҳ дирам бар манаст,
Ки донге аз ӯ—бар дилам даҳ манаст,
Ҳама шаб парешон аз ӯ ҳоли ман,
Ҳама рӯз чун соя дунболи ман.
Бикард аз суханҳои хотирпареш
Даруни дилам чун дари хона реш.
Худояш, магар то зи модар бизод,
Ҷуз ин даҳ дирам чизи дигар надод...
Ҳур аз кӯҳ як рӯз сар бар назад,
Ки он қалбатон ҳалқа бар дар назад.
Дар андешаам то кадомам карим,
Аз он сангдил даст гирад ба сим?»
Шунид ин сухан пири фаррухниҳод,
Дурусте ду дар остинаш ниҳод.
Зар афтод дар дасти афсонагӯй,
Бадар рафт аз он ҷо чу зар тозарӯй.
Яке суфт: «Шайх, ин надонӣ, ки кист?
Бар ӯ гар бимирад «набояд гирист:
Гадое, ки бар шери нар зин ниҳад,
Абӯзайдро  аспу фарзин ниҳад!»
Барошуфт обид, ки: «Хомӯш бош!

Ту марди забон нестӣ, гӯш бош!
Агар рост буд он чи пиндоштам,
Зи халқ обрӯяш нигаҳ доштам;
В-агар шӯхчашмиву солӯс кард,
Ало, то напиндорӣ афсӯс кард,
Ки: худро нигаҳ доштам обрӯй
Зи дасти чунон гурбузи ёвагуй»

Баду некро базл кун симу зар,
Ки ин касби хайрасту он дафъи шар!
Хунук он ки дар сӯҳбати оқилон
Биёмӯзад ахлоқи соҳибдилон
Гарат ақлу роясту тадбиру хуш,
Ба рағбат кунӣ панди Саъдӣ ба гӯш,
Ки ағлаб дар ин шева дорад мақол,
На дар чашму зулфу баногӯшу хол.

Ҳикоят

Яке рафту динор аз ӯ сад ҳазор,
Халаф монд соҳибдиле ҳушёр.
На чун мумсикон даст бар зар гирифт,
Чу озодагон банд аз ӯ баргирифт.
Зи дарвеш холӣ набудӣ дараш,
Мусофир ба меҳмонсарой андараш.
Дили хешу бегона хурсанд кард,
На ҳамчун падар симу зар банд кард.
Маломаткуне гуфташ: «Эй боддаст,
Ба якрах парешон макун ҳар чи ҳаст.
Ба соле тавон хирман андӯхтан,
Ба як дам на мардӣ бувад сӯхтан.
Зару нозу неъмат намонад басе.
Магар ин ҳикоят нагуфтат касе...

Масал

Ба духтар чи хуш гуфт бонуи деҳ,
Ки: «Рӯзи наво барги сахти бинеҳ
Ҳама вақт пур дор машку сабӯй,
Ки пайваста дар деҳ равон нест ҷӯй!»
«Ба як бор бар дӯстон зар мапош!

В-аз осеби душман дар андеша бош!..
Зи дасти тиҳӣ барнаёяд умед,
Ба зар баркани чашми деви сафед.
В-агар ҳар чӣ дорӣ ба каф, бар ниҳӣ,
Кафат вақти ҳоҷат бимонад тиҳӣ.
Гадоён ба саъйи ту ҳаргиз қавӣ —
Нагардандu тарсам ту лоғар шавӣ».
Чу маънои хайр ин ҳикоят бигуфт,
Зи ғайрат ҷавонмардро раг нахуфт.
Парокандадил гашт аз он айбҷӯй,
Барошуфту гуфт: «Эй парокандагӯй!
Маро дастгоҳе, ки пероманаст,
Падар гуфт мероси ҷадди манаст.
На эшон ба хиссат нигаҳ доштанд,
Ба ҳасрат бирафтанду бигзоштанд.
Ба дасти ман афтод моли падар,
Ки баъд аз ман афтад ба дасти писар?..
Ҳамон беҳ, ки имрӯз мардум хӯранд,
Ки фардо пас аз ман ба яғмо баранд
Хӯру пӯшу бахшою роҳат расон!
Нигаҳ мечидорӣ зи бахри касон?
Баранд аз ҷаҳон бо худ асҳоби рой,
Фурӯмоя монад ба ҳасрат ба ҷой...
Касе гӯй давлат зи майдон рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд...
Раҳи некмардони озода гир!
Чу истодаӣ, дасти афтода гир!

## Ҳикоят

Якеро карам буду қувват набуд,
Кифофаш ба қадри муравват набуд.
Ки сифла худованди ҳастӣ мабод!
Ҷавонмардро тангдастӣ мабод!..
На дархӯрди сармоя кардӣ карам
Тунукмоя будӣ аз он лоҷарам.
Бараш тангдасте ду ҳарфе навишт,
Ки: «Эй хубфарҷоми некӯсиришт!
Яке даст гирам ба чандин дирам,

Ки чандест то ман ба зиндон дарам!»
Ба чашм андараш қадри чизе набуд,
Валекин ба дасташ пашизе набуд.
Ба хасмони бандӣ фиристод мард,
Ки: «Эй некномони озодмард!
Бидоред чанде каф аз доманаш,
В-агар мегурезад зимон  бар манаш!»
Аз он ҷо ба зиндон даромад, ки «хез!
В-аз ин шаҳр, то пой дорӣ, гурез!»
Чу гунҷишк дар боз дид аз қафас,
Қарораш намонд андарон як нафас.
Чу боди сабо з-он миён сайр кард,
На сайре, ки бодаш расидӣ ба гард.
Гирифтанд ҳоли ҷавонмардро,
Ки ҳозир кунад сим, ё мардро.
Чу мурғ аз қафас рафт, натвон гирифт,
Ба бечорагӣ роҳи зиндон гирифт.
Шунидам, ки дар ҳабс чанде бимонд,
На шиква навишту на фарёд хонд.
Замонҳо наёсуду шабҳо нахуфт,
Бар ӯ порсое гузар карду гуфт:
«Напиндорамат молимардумхурӣ,
Чи пеш омадат то ба зиндон дарӣ?»
Бигуфт: «Эй ҷалиси  муборакнафас!
Нахӯрдам ба ҳилатгарӣ моли кас.
Яке нотавон дидам аз банд реш,
Халосаш надидам ба ҷуз банди хеш.

Надидам ба наздики дониш писанд —
Ман осудаву дигаре пойбанд»
Бимурд охиру некномӣ бибурд,
Зиҳӣ зиндагонӣ, ки номаш намурд!
Тани зиндадил хуфта дар зери гил —
Беҳ аз оламе зиндаи мурдадил.
Дили зинда ҳаргиз нагардад ҳалок,
Тани мурдадил гар бимирад чӣ бок?!.
...Насиҳат шунав! Мардуми дурбин —
Накоранд дар ҳеҷ дил тухми кин.
Худованди хирман зиён мекунад,

Ки бо хӯшачин сар гарон мекунад...
Басо зӯрманде, ки афтод сахт,
Бас афтодаро ёварӣ кард бахт.
Дили зердастон набояд шикаст,
Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст!

## Ҳикоят

Бинолид дарвеше аз заъфи ҳол,
Бари тундхӯе худованди мол.
На динор додаш сияҳдил на донг,
Бар ӯ зад ба сад хорӣ аз кибр бонг.
Дили соил аз ҷаври ӯ хун гирифт,
Сар аз ғам бароварду гуфт: «Эй шигифт,
Тавонгар турушрӯй боре чарост?
Магар менатарсад зи талхин хост?»
Бифармуд кӯтаҳназар то ғулом —
Бирондаш ба хориву заҷри тамом.

Шунидам, ки баргашт аз ӯ рӯзгор...
Шаковат бараҳна нишондаш чу сир,
На бораш раҳо карду не боргир.
Фишондаш қазо бар сар аз фоқа хок,
Мушаъбидсифат  кисаву даст пок.
Саропой ҳолаш дигаргуна гашт.
Бар ин моҷаро рӯзгоре гузашт.
Ғуломаш ба дасти кариме фитод,
Тавонгардилу дасту равшанниҳод.
Ба дидори дарвеши ошуфтаҳол
Чунон шод будӣ, ки мискин ба мол.
Шабонгаҳ яке бар дараш луқма ҷуст,
Зи сахтӣ кашидан қадамҳош суст.
Бифармуд соҳибназар бандаро,
Ки: «Хушнуд кун марди дармондаро!»
Чу наздик бурдаш зи хон баҳрае,
Баровард бехештан  наърае.
Шикастадил омад бари хоҷа боз,
Аён кард ашкаш ба дебоча роз.
Бипурсид солори фархундахӯ,

Ки: «Ашкат зи ҷаври кӣ омад ба рӯ?»
Бигуфт: «Андарунам бишӯрид сахт,
Бар аҳволи ин пири шӯридабахт,
Ки мамлуки вай будам андар қадим,
Худованди амлоку асбобу сим.
Чу кӯтоҳ шуд дасташ аз иззу ноз,
Кунад дасти хоҳиш ба дарҳо дароз»
Бихандиду гуфт: «Эй писар, ҷавр нест,
Ситам бар кас аз гардиши давр нест!
На он тундрӯяст бозоргон,
Ки бурдӣ сар аз кибр бар осмон?!.
Ман онам, ки он рӯз аз дар биронд,
Ба рӯзи манаш даври гетӣ нишонд.
Нигаҳ кард боз осмон сӯи ман,
Фурӯ шуст гарди ғам аз рӯи ман».
...Басо муфлиси  бенаво сер шуд,
Басо кори мунъим забар-зер шуд.
Яке сирати некмардон шунав!
Агар некмардиву покизарав,
Ки шиблӣ зи ҳонути  гандумфурӯш
Ба деҳ бурд анбони гандум ба дӯш.
Нигаҳ кард, мӯре дар он ғалла дид,
Ки саргашта дар ҳар тараф медавид.
Зи заҳмат бар ӯ шаб наёруст хуфт,
Ба маъвои худ бозаш оварду гуфт:
«Мурувват набошад, ки ин мӯри реш —
Пароканда гардонам аз ҷои хеш»
Даруни парокандагон ҷамъ дор,
Ки ҷамъиятат бошад аз рӯзгор!
Чи хуш гуфт Фирдавсии покзод,
Ки раҳмат бар он турбати пок бод:
«Маёзор мӯре, ки донакашаст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хушаст!»
Мазан бар сари нотавон дасти зӯр,
Ки рӯзе ба пояш дарафтӣ чу мӯр!
Даруни фурӯмондагон шод кун!
Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун!
Набахшид бар ҳоли парвона шамъ,
Нигаҳ кун, ки чун сӯхт дар пеши ҷамъ!

Гирифтам зи ту нотавонтар басест,
Тавонотар аз ту ҳам охир, касест.
Бубахш, эй писар, к-одамизода сайд
Ба эҳсон тавон кард, ваҳшӣ ба қайд.
Адӯро ба алтоф гардан бубанд,
Ки натвон буридан ба теғ ин каманд!..

Макун бад, ки бад бинӣ аз ёри нек!
Нарӯяд зи тухми бадӣ бори нек!
Чу бо дӯст душвор гириву танг,
Нахоҳад, ки бинад туро нақшу ранг.
Ва гар хоҷа бо душманон неххӯст,
Басе бар наёяд, ки гарданд дӯст.

Ҳикоят

Ба раҳ дар яке пешам омад ҷавон,
Ба так дар паяш гӯсфанде давон.
Бад-ӯ гуфтам: «Ин ресмонасту банд,
Ки меорад андар паят гӯсфанд»
Сабук тавку занҷир аз ӯ боз кард,
Чапу рост пӯидан оғоз кард.
Бара ҳамчунон аз паяш медавид,
Ки худ хӯрда буд аз кафи ӯ хавид
Чу боз омад аз айшу бозӣ ба ҷой,
Маро диду гуфт: «Эй худованди рой!
На ин ресмон мебарад бо манаш,
Ки эҳсон камандест дар гарданаш».
Ба лутфе, ки дидаст пили дамон,
Наёрад ҳаме ҳамла бар пилбон.
Бадонро навозиш кун, эй некмард,
Ки саг пос дорад чу нони ту хвард

Ҳикоят

Яке рӯбаҳе дид бе дасту пой,
Фурӯ монд аз лутфи сунъи худой,
Ки: «Чун зиндагонӣ ба сар мебарад,
Бад-ин дасту по аз куҷо мехӯрад?»

Дар ин буд дарвеши шӯридаранг,
Ки шере баромад шағоле ба чанг.
Шағоли нагунсорро  шер  хӯрд,
Бимонд ончи, рӯбоҳ аз ӯ сер хӯрд...
Яқин мардро дида бинанда кард,
Шуду такя бар офаринанда кард,
Ки: «ин пас ба кунҷе нишинам чу мӯр,
Ки рӯзӣ нахӯрданд пилон ба зӯр».
Занахдон фурӯ бурд чанде ба ҷайб,
Ки: «бахшанда рӯзӣ расонад зи ғайб».
На бегона темор кардаш, на дӯст,
Чу чангаш рагу устухон монду пӯст...
Бирав шери дарранда бош, эй дағал!
Маяндоз худро чу рӯбоҳи шал!
Чунон саъй кун, к-аз ту монад чу шер!
Чу рӯбаҳ чӣ бошӣ ба вомонда сер?
Чу шер он киро гардани фарбеҳаст,
Гар афтад чу рӯбаҳ саг, аз вай беҳаст.
Ба чанг ору бо дигарон нӯш кун!
На бар фузлаи дигарон гӯш кун!
Бихӯр то тавонӣ ба бозуи хеш,
Ки саъят бувад дар тарозуи хеш!
Чу мардон бубар ранҷу роҳат расон!
Муханнас хӯрад дастранҷи касон.
Бигир, эй ҷавон, дасти дарвеши пир!
На худро бияфган, ки: «дастам бигир!»
...Карам варзад он сар, ки мағзе дар ӯст,
Ки дунҳимматонанд бемағзу пӯст.-

## Ҳикоят

Шунидам, ки мардест покизабум,
Шиносову раҳрав дар ақсои Рум,
Ману чанд солуки саҳронавард,
Бирафтем қосид ба дидори мард.
Сару рӯи ҳар кас бибӯсиду даст
Ба тамкину иззат нишонду нишаст.
Макун бад, ки бад бинӣ аз ёри нек!
Нарӯяд зи тухми бадӣ бори нек!

Чу бо дӯст душвор гириву танг,
Нахоҳад, ки бинад туро нақшу ранг.
Ва гар хоҷа бо душманон некхӯст,
Басе бар наёяд, ки гарданд дӯст.

### Ҳикоят

Ба раҳ дар яке пешам омад ҷавон,
Ба так дар пояш гӯсфанде давон.
Бад-ӯ гуфтам: «Ин ресмонасту банд,
Ки меорад андар паят гӯсфанд»
Сабук тавку занҷир аз ӯ боз кард,
Чапу рост пӯидан оғоз кард.
Бара ҳамчунон аз пояш медавид,
Ки худ хӯрда буд аз кафи ӯ хавид
Чу боз омад аз айшу бозӣ ба ҷой,
Маро диду гуфт: «Эй худованди рой!
На ин ресмон мебарад бо манаш,
Ки эҳсон камандест дар гарданаш».
Ба лутфе, ки дидаст пили дамон,
Наёрад ҳаме ҳамла бар пилбон.
Бадонро навозиш кун, эй некмард,
Ки саг пос дорад чу нони ту хвард.

### Ҳикоят

Яке рӯбаҳе дид бе дасту пой,
Фурӯ монд аз лутфи сунъи худой,
Ки: «Чун зиндагонӣ ба сар мебарад,
Бад-ин дасту по аз куҷо мехӯрад?»
Дар ин буд дарвеши шӯридаранг,
Ки шере баромад шағоле ба чанг.

Шағоли нагунсорро  шер  хӯрд,
Бимондончи, рӯбоҳ аз ӯ сер хӯрд...
Яқин мардро дида бинанда кард,
Шуду такя бар офаринанда кард,
Ки: «-ин пас ба кунҷе нишинам чу мӯр,

Ки рӯзӣ нахӯрданд пилон ба зӯр».
Занахдон фурӯ бурд чанде ба ҷайб,
Ки: «бахшанда рӯзӣ расонад зи ғайб».
На бегона темор кардаш, на дӯст,
Чу чангаш рагу устухон монду пӯст...
Бирав шери дарранда бош, эй дағал!
Маяндоз худро чу рӯбоҳи шал!
Чунон саъй кун, к-аз ту монад чу шер!
Чу рӯбаҳ чи бошӣ ба вомонда сер?
Чу шер он киро гардани фарбеҳаст,
Гар афтад чу рӯбаҳ саг аз вай беҳаст.
Ба чанг ору бо дигарон нӯш кун!
На бар фузлаи дигарон гӯш кун!
Бихӯр то тавонӣ ба бозуи хеш,
Ки саъят бувад дар тарозуи хеш!
Чу мардон бубар ранҷу роҳат расон!
Муханнас хӯрад дастранҷи касон.
Бигир, эй ҷавон, дасти дарвеши пир!
На худро бияфган, ки: «дастам бигир!»
.. Карам варзад он сар, ки мағзе дар ӯст,
Ки дунҳимматонанд бемағзу пӯст...

## Ҳикоят

Шунидам, ки мардест покизабум,
Шиносову раҳрав дар ақсои Рум,
Ману чанд солуки саҳронавард,
Бирафтем қосид ба дидори мард.
Сару рӯи ҳар кас бибӯсиду даст
Ба тамкину иззат нишонду нишаст.
Зараш дидаму заръу шогирду рахт,
Вале бемурувват чу бебардарахт;
Ба лутфу сухан гармрӯ буд мард,
Вале дегдонаш қавӣ буд сард.
Ҳама шаб набудаш карору ҳуҷӯъ—
Зи тасбеҳу таҳлилу моро зи ҷӯъ,
Саҳаргаҳ миён басту дар боз кард,
Ҳамон лутфи дӯшина оғоз кард.
Ҷавоне, ки ширину хуштабъ буд,

Ки бо мо мусофир дар он рабъ буд:
— Маро бӯса,— гуфто,— ба тахфиф деҳ
Ки дарвешро тӯша аз бӯса беҳ!
Ба хизмат манеҳ даст бар кафши ман!
Маро нон деҳу кафш бар сар бизан!»
Ба исор мардон сабақ бурдаанд,
На шабзиндадорони дилмурдаанд.
Ҳамедидам аз посбони татор,
Дили мурдаву чашми шабзиндадор.
Каромат ҷавонмардиву нондеҳист!
Мақолоти беҳуда табли тиҳист!..
Ба маънӣ тавон кард даъвӣ дуруст,
Дами беқадам такягоҳест суст!

Ҳикоят

Шунидам дар айёми Ҳотам, ки буд,
Ба хайл андараш бодпое чу дуд,
Сабосуръате раъдбонг адҳаме,
Ки бар барқ пешӣ гирифтӣ ҳаме.
Ба таг жола мерехт бар кӯҳу дашт,
Ту гуфтӣ магар абри найсон гузашт.
Яке селрафтор, ҳомуннаворд,
Ки бод аз паяш бозмондӣ чу гард.
Зи авсофи Ҳотам ба ҳар марзу бум —
Бигуфтанду бархе ба султони Рум ',
Ки: «Ҳамтои ӯ дар ҷаҳон мард нест!
Чу аспаш ба ҷавлону новард нест!
Биёбоннаварде чу киштӣ бар об,
Ки болои сайраш напаррад уқоб!»
Ба дастури доно чунин гуфт шоҳ,
Ки: «Даъво хиҷолат бувад бе гувоҳ!
Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод
Бихоҳам гар ӯ марҳамат карду дод,
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист!
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист!»
Расуле хирадманду олим, ба Тай
Равон карду даҳ мард ҳамроҳи вай.
Замин мурдаву абр гирён бар ӯ ,
Сабо кард бори дигар ҷон бар ӯ.

Ба манзилгаҳи Ҳотам омад фуруд,
Баросуд чун ташна бар зиндаруд.
Симоте бияфганду аспе бикушт,
Ба доман гуҳар додашон, зар ба мушт.
Шаб он ҷо бибуданду рӯзи дигар
Бигуфт ончи донист соҳибхабар.
Ҳамегуфт Ҳотам, парешон чу маст,
Ба дандони ҳасрат ҳамеканд даст,
Ки: «Эй баҳравар мӯбади некном!
Чаро пеш аз инам нагуфтӣ паём?

Ман он бодрафтори гардуншитоб
Барои шумо дӯш кардам кабоб,
Ки донистам аз ҳавли борони сел,
Нашояд шудан дар чарогоҳи хел.
Ба навъи дигар рӯю роҳам набуд,
Ҷуз он асп дар боргоҳам набуд.
Мурувват надидам дар оини хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фоқа реш.
Маро ном бояд дар иқлим фош!
Дигар маркаби номвар, гӯ мабош!»
Касонро дирам доду ташрифу асп,
Табиист ахлоқи некӯ, на касб.
Хабар шуд ба Рум аз ҷавонмарди Тай,
Ҳазор офарин кард бар табъи вай.
Зи Ҳотам бад-ин нукта розӣ машав!
Аз ин нағзтар моҷарое шунав:

Ҳикоят

Надонам кӣ гуфт ин ҳикоят ба ман?
Ки будаст фармондеҳе дар Яман,
Зи номоварон гӯи давлат рабуд,
Ки дар ганҷбахшӣ назираш   набуд.
Тавон гуфтан ӯро саҳоби карам,
Ки дасташ фишондӣ чу борон дирам.
Касе номи Ҳотам набурдӣ бараш,
Ки савдо нарафтӣ аз он бар сараш ,
Ки: «Чанд аз мақолоти он бодсанҷ,
Ки на мулк дорад, на фармон, на ганҷ!»

Шунидам, ки ҷашне мулукона сохт,
Чу чанг андар он базм халқе навохт.
Дигар зикри Ҳотам касе боз кард;
Дигар кас сано гуфтан оғоз кард.
Ҳасад мардро бар сари кина дошт,
Якеро ба хун хӯрданаш баргумошт,
Ки: «То ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман!»
Балоҷӯй роҳи Банн Тай гирифт,
Ба куштан ҷавонмардро  пай гирифт.
Ҷавоне ба раҳ пеш боз омадаш,
К-аз ӯ бӯи унсе фароз омадаш,
Накӯрӯю доною ширинзабон,
Бари хеш бурд он шабаш меҳмон.
Карам карду ғам хӯрду пӯзиш намуд.
Бадандешро дил ба некӣ рабуд.
Ниҳодаш саҳар бӯса бар дасту пой,
Ки: «Наздики мо чанд рӯзе бипой!»
Бигуфто: «Наёрам шуд ин ҷо муқим,
Ки дар пеш дорам муҳимме азим!»
Бигуфт: «Ар ниҳӣ бо ман андар миён,
Чу ёрони якдил бикӯшам ба ҷон!»
— Ба ман дор,— гуфт,— эй ҷавонмард, гӯш!
Ки донам ҷавонмардро пардапӯш.
Дар ин бум Ҳотам шиносӣ магар,
Ки фархундарӯясту некӯсияр?!
Сараш подшоҳи Ямон хостаст,
Надонам, чи қин дар миён хостаст .
Гарам раҳ намоӣ ба дон ҷо, ки ӯст,
Ҳамин чашм дорам зи лутфи ту, дӯст!»
Бихандид барно, ки: «Ҳотам манам!
Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам!
Набояд, ки гар субҳ гардад падид,
Газандат расад, ё шавӣ ноумед».
Чу Ҳотам ба озодагӣ сар ниҳод,
Ҷавонро баромад хурӯш аз ниҳод,
Ба хок андар афтоду бар пой ҷаст,
Гаҳаш дида бӯсиду гаҳ пою даст.

Биандохт шамшеру таркаш ниҳод,
Чу бечорагон даст бар каш  ниҳод.
Ки: «Гар ман гиле бар вучудат занам,
На мардам, ки дар кеши мардон занам!»
Ду чашмаш бибӯсиду дар бар гирифт,
В-аз он ҷо тариқи Яман бар гирифт.
Малик дар миёни ду абрӯи мард,
Бидонист ҳоли, ки коре накард.
Бигуфто: «Биё то  чи дорӣ хабар?
Чаро сар набастӣ ба фитрок бар?
Магар бар ту номоваре ҳамла кард,
Наёвардӣ аз заъф тоби набард?».
Ҷавонмарди шотир замин бӯса дод,
Маликро сано гуфту тамкин ниҳод,
Ки: «Дарёфтам Ҳотами номҷӯй,
Ҳунарманду хушманзару хубрӯй,   ,
Накӯрою соҳибхирад дидамаш,
Ба мардонагӣ фавқи худ дидамаш.
Маро бори лутфаш дуто кард пушт,
Ба шамшери эҳсону лутфам бикушт».
Бигуфт он чи дид аз карамҳои вай.
Шаҳаншаҳ сано гуфт бар оли Тай...
...Такаллуф бари марди дарвеш нест,
Васият ҳамин як сухан беш нест,
Ки чандон, ки ҷаҳдат бувад хайр кун
Зи ту хайр монад, зи Саъдӣ сухун!

## Ҳикоят

Якеро харе дар гил афтода буд,
Зи савдош хун дар дил афтода буд.
Биёбону сармову борону сайл
Фурӯҳишта зулмат  бар офоқ зайл.
Ҳама шаб, дар ин ғусса, то бомдод
Сақат  гуфту нафрину дашном дод.
На душман бираст аз забонаш, на дӯст,
На султон, ки ин марзбум они ӯст.
Қазоро худованди он паҳндашт,
Дар он ҳоли мункар бар ӯ баргузашт.

Шунид ин суханҳои дур аз савоб,
На сабри шунидан, на рӯи ҷавоб.
Малик шармгин бар ҳашам бингарист,
Ки: «Савдои ин бар ман аз баҳри чист?»
Яке гуфт: «Шоҳо, ба теғаш бизан,
Ки нагзошт касро на духтар, на зан!
Нигаҳ кард султони олӣ маҳал,
Худаш дар бало диду хар дар ваҳал.
Бубахшид бар ҳоли мискини мард,
Фурӯ хӯрд хашми суханҳои сард:
Зараш доду аспу қабо, пӯстин,
Чи некӯ бувад меҳр дар вақти кин!
Яке гуфташ: «Эй пири беақлу ҳуш,
Аҷаб расти аз қатл!» гуфто: «Хамӯш!
Агар ман бинолидам аз дарди хеш.
Вай инъом фармуд дархурди хеш»
Бадиро бадӣ, саҳл бошад, ҷазо
Агар мардӣ, аҳсин ило ман асо! .

## Ҳикоят

Яке заҳраи харҷ кардан надошт,
Зараш буд ёрои хӯрдан надошт.
На хӯрдӣ, ки хотир баросоядаш,
На додӣ, ки фардо бакор оядаш.
Шабу рӯз дар банди зар буду сим,
Зару сим дар банди марди лаим.
Бидонист рӯзе писар дар камин,
Ки мумсик куҷо кард зар дар замин.
Зи хокаш бароварду бар бод дод.
Шунидам, ки санге ба ҷояш ниҳод.
Ҷавонмардро зар бақое накард,
Ба як дасташ омад, ба дигар бихӯрд...
Ниҳода падар ҷанг бар пои хеш
Писар ҷангиву пой оварда пеш.
Падар зору гирён ҳама шаб нахуфт,
Писар бомдодон бихандиду гуфт:
Зар аз баҳри хӯрдан бувад, эй падар!
Барои ниҳодан чи сангу чи зар!

Зар аз санги хоро бурун оваранд,
Ки бо дӯстону азизон хӯранд.
Зар андар кафи марди дунёпараст,
Ҳанӯз, эй бародар, ба санг андараст.
Чу дар зиндагонӣ бадӣ бо аёл,
Гарат марг хоҳанд, аз эшон манол!..
Бахили тавонгар ба динору сим
Чу морест болои ганҷе муким .

Аз он солҳо мебимонад зараш,
Ки ларзад тилисме чунин бар сараш
Ба санги аҷал ногаҳон бишкананд,
Ба осудагӣ ганҷ қисмат кунанд.
Пас аз бурдану гирд кардан чу мӯр,
Бихӯр пеш аз он ки-т хӯрад кирмигӯр!
Суханҳои Саъдӣ мисоласту панд,
Бакор оядат, гар шавӣ корбанд!
Дареғаст аз ин рӯй бартофтан!
К-аз ин рӯй давлат тавон ёфтан.

Ҳикоят

Ҷавоне ба донге карам карда буд,
Таманнои пире баровarда буд.
Ба ҷурме гирифт осмон ногаҳаш,
Фиристод султон ба куштангаҳаш.
Такопӯд туркону ғавғои ом,
Тамошокунон бар дари кӯю бом.
Чу дид андар ошуб дарвеши пир —
Ҷавонро ба дасти халоиқ асир,
Дилаш бар ҷавонмарди мискин бихаст,
Ки боре дил оварда будаш ба даст.
Баровард зорӣ, ки: «Султон бимурд!
Ҷаҳон монду хӯи писандида бурд!»
Ба ҳам барҳамесуд дасти дареғ.
Шуниданд туркони оҳихтатеғ.

Ба фарёд аз эшон баромад хурӯш,
Тапончазанон бар сару рӯю дӯш,
Пиёда ба сар то дари боргоҳ

Давиданду бар тахт диданд шоҳ.
Ҷавон аз миён ҷасту бурданд пир.
Ба гардан, бари тахти султон асир.
Ба ҳавлаш бипурсиду ҳайбат намуд,
Ки: «Марги манат хостан аз чӣ буд?..
Баровард пири диловар забон,
Ки: «Эй ҳалқадаргӯши ҳукмат ҷаҳон!
Ба қавли дирӯғе, ки «султон бимурд!»
Намурдиву бечорае ҷон бибурд!»
Малик з-ин ҳикоят чунон баршукуфт,
Ки чизе бубахшиду чизе нагуфт.
В-аз ин ҷониб афтону хезон ҷавон
Ҳамерафт бечора ҳар сӯ давон.
Яке гуфташ: «Аз чорсӯи қасос.
Чи карди, ки омад ба ҷонат халос?»
Ба гӯшаш фурӯ гуфт: «К-эй ҳушманд!
Ба ҷое зи донге раҳидам зи банд!»
Яке тухм дар хок аз он мениҳад,
Ки рӯзи фурӯмондагӣ бар диҳад...

## Ҳикоят

Бигуфтем дар боби эҳсон басе,
Валекин на шартаст бо ҳар касе.
Бихӯр мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол!..
Барандоз бехе, ки хор оварад!
Дарахте бупарвар, ки бор оварад!
Касеро бидеҳ пояи меҳтарон,
Ки бо кеҳтарон сар надорад гарон!
Набахшой дар ҳар куҷо золимест,
Ки раҳмат бар ӯ, ҷавр бар оламест!
Ҷаҳонсӯзро кушта беҳтар чароғ,
Яке беҳ дар оташ, ки халқе ба доғ!
Ҳар он кас, ки бар дузд раҳмат кунад,
Ба бозуи худ корвон мезанад.
Ҷафопешагонро бидеҳ сар ба бод!
Ситам бар ситампеша — адл асту дод!

## Ҳикоят

Шунидам, ки марде ғами хона хӯрд.
Ки занбӯр дар сақфи он лона кард.
Зи духтар талаб кард сотӯрро ,
Ки вайрон кунад хоназанбӯрро.
Занаш гуфт: «Аз инҳо чи хоҳӣ? Макан,
Ки мискин парешон шаванд, аз ватан!»
Бишуд марди доно паи кори хеш,
Гирифтанд як рӯз занро ба неш.
Зани бехирад бар дару бому кӯй,
Ҳамекард фарёду мегуфт шӯй:
«Макун рӯй бар мардум, эй зан, туруш!»
Ту гуфтӣ, ки: «Занбӯри мискин макуш»
Касе бо бадон некӯӣ чун кунад?
Бадонро таҳаммул, бад афзун кунад.
Чу андар саре бинӣ озори халқ,
Ба шамшери тезаш биёзор ҳалқ!
Наи найза дар ҳалқаи корзор,-
Бақиматтар аз найшакар сад ҳазор.
Чи некӯ задаст ин масал пири деҳ:
«Сутури   лагадзан гаронбор беҳ!»
Чу гурба навозӣ кабӯтар барад,
Чу фарбеҳ кунӣ гург, «Юсуф хӯрад»

На ҳар кас сазовор бошад ба мол,
Яке мол хоҳад, яке гӯшмол.
Биное, ки маҳкам набошад асос,
Баландаш макун! В-ар кунӣ з-ӯ ҳарос!..
Сари чашма шояд гирифтан ба мил
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.
Бубанд, эй писар, даҷла  гар об кост,
Ки суде надорад чу селоб хост!
Чу гурги хабис омадат дар каманд,
Бикуш! В-ар на—баркан дил аз гӯсфанд!..
Магӯ шояд ин мор куштан ба чӯб!
Чу сар зери санги ту дорад, бикӯб!
Қаламзан, ки бад кард бо зердаст,
Қалам беҳтар ӯро ба шамшер даст...
Саид оварад қавли Саъдӣ ба ҷой,
Ки тартиби мулкасту тадбиру рой...

# Боби севвум
## Ишқ ва мастиву шӯр

...Туро ишқи ҳамчун худе з-обу гил,
Рабояд ҳаме сабру ороми дил.
Ба бедориаш фитна бар хадуд хол,
Ба хоб андараш пойбанди хаёл.
Ба сидқаш чунон сар ниҳӣ бар қадам,
Ки бинӣ ҷаҳон бо вуҷудаш адам ,
Чу дар чашми шоҳид наёяд зарат,
Зару хок яксон намояд барат.
Дигар бо касат бар наёяд нафас,
Ки бо ӯ намонад дигар ҷои кас...
На андеша аз кас, ки расво шавӣ,
На тоқат, ки як дам шикебо шавӣ.
Гарат ҷой бихоҳад ба лаб бар ниҳӣ,
В-арат теғ бар сар ниҳад, сар ниҳӣ...

Ҳикоят

Шунидан, ки дар лаҳни ҳунёгаре,
Ба рақс андар омад пари пайкаре.
Зи дилҳои шӯрида пероманаш,
Гирифт оташи шамъ дар доманаш.
Пароканда хотир шуду хашмнок.
Яке гуфташ аз дӯстдорон: «Чӣ бок?..
Туро оташ, эй дӯст, доман бисӯхт!
Маро худ баякбора хирман бисӯхт»...

Ҳикоят

Яке шоҳиде дар Самарқанд дошт,
Ки гӯӣ: «ба ҷои самар қанд дошт
Ҷамоле гараи бурда аз офтоб,
Зи шӯхеш бунёди тақвӣ хароб...
Ҳамерафтиву дидаҳо дар пояш.
Дили дӯстон карда ҷон барҳаяш
Назар кардӣ он шӯх бар вай нуҳуфт,

Нигаҳ кард боре ба тундиву гуфт,
Ки: «Эй хирасар, чанд пӯи паям?
Надонӣ, ки ман мурғи домат наям?
Гарат бори дигар бубинам, ба теғ —
Чу душман бибуррам сарат бедареғ!»
Касе гуфташ: «Акнун сари хеш гир!
В-аз ин саҳлтар матлабе пеш гир!
Напиндорам ин ком ҳосил кунӣ,
Мабодо, ки ҷон дар сари дил кунӣ!»
Чу мафтуни содиқ маломат шунид,
Ба дил аз дарун нолае бар кашид,
Ки: «Бигзор то захми теғи ҳалок
Биғалтонадам лоша дар хуну хок!
Магар пеши душман, бигӯянду дӯст.
Ки: «Ин куштаи дасту шамшери ӯст!»
Намебинам аз хоки кӯят гурез?,
Ба бедод, гӯ, обрӯят бирез!
Маро тавба фармоӣ, эй худпараст!
Туро тавба з-ин гуфта авлотараст!
Бубахшой бар ман, ки ҳарч ӯ кунад.
Агар қасди хунаст, некӯ кунад!
Бисӯзонадам ҳар шабе оташаш,
Саҳар зинда гардам ба бӯи хушаш...»
Мадеҳ, то тавонӣ, дар ин чанг пушт,
Ки зиндаст Саъдӣ чу ишқаш бикушт!..

## Ҳикоят

Шикоят кунад наварӯсе ҷавон,
Ба пире, зи домоди номеҳрубон,
Ки: «Мапсанд чандин, ки бо ин писар
Ба талхӣ равад рӯзгорам ба сар.
Касоне, ки бо мо дар ин манзиланд,
Набинам, ки чун мо парешондиланд:
Зану мард бо ҳам чунон дӯстанд,
Ки гӯӣ ду мағзанду як пӯстанд.
Набинӣ дар ин муддат аз шӯи ман,
Ки боре бихандид дар рӯи ман».
Шунид ин сухан пири фархундафол,

Сухандон бувад марди деринасол,
Яке посухаш дод ширину хуш,
Ки: «гар хубрӯяст бораш бикаш!»
Дареғаст рӯй аз касе тофтан,
Ки дигар нашояд чу ӯ ёфтан.
Чаро сар кашӣ з-он, ки гар сар каши—
Ба ҳарфи вуҷудат қалам дар каши?!
...Басо ақли зӯровари чирдаст,
Ки савдои ишқаш кунад зердаст.
Чу савдо хирадро бимолид гӯш,
Наёрад дигар сар баровард хуш.

*Ҳикоят ба тарзи масал.*

Яке панҷаи оҳанин рост кард,
Ки бо шер зӯроварӣ хост кард.
Чу шераш ба сарпанҷа дар худ кашид,
Дигар зӯр дар панҷаи худ надид.
Яке гуфташ: «Охир чи ҳуснӣ чу зан?
Ба сарпанҷаи оҳанинаш бизан!»
Шунидам, ки мискин дар он зер гуфт:
«Нашояд бад-ин панҷа бо шер гуфт!»
Чу бар ақли доно шавад ишқ чир,
Ҳамон панҷаи оҳанинасту шер!..
Чу ишқ омад, аз ақл дигар магӯй,
Ки дар дасти чавгон асираст гӯй!

Ҳикоят

Миёни ду амзода вуслат фитод —
Ду хуршедсимои меҳтарнажод.
Якеро ба ғоят хуш афтода буд,
Дигар номзад саркаш афтода буд.
Писарро нишонданд пирони деҳ.
Ки: «Меҳрат бар ӯ нест маҳраш бидеҳ!»,
Бихандиду гуфто: «Ба сад гӯсфанд —
Тағобун набошад раҳоӣ зи банд!»
Ба нохун паричеҳра меканд пӯст,
Ки: «Ҳаргиз бадин кай шикебам зи дӯст?!
На сад гӯсфандам, ки сесад ҳазор —
Наярзад ба нодидани рӯи ёр».

### Ҳикоят

Ба Маҷнун касе гуфт: «К-эй некпай!
Чӣ будат, ки дигар наёй ба ҳай?
Магар дар сарат шӯри Лайлӣ намонд?
Хаёлат дигар гашту майле намонд?»
Чу бишнид бечора бигрист зор,
Ки: «Эй хоҷа, дастам зи доман бидор!
Маро худ дили дардмандасту реш,
Ту низам мазан бар сари реш неш!
На дурӣ далели сабурӣ бувад,
Ки бисёр дурӣ зарурӣ бувад».
Бигуфт: «Эй вафодори фархундахӯ!
Паёме, ки дорӣ ба Лайлӣ, бигӯ!»
Бигуфто: «Мабар номи ман пеши дӯст,
Ки ҳайфаст номи ман он ҷо, ки ӯст!»...

...Набинӣ шутур бар навои араб,
Ки чунаш ба рақс андар орад тараб?
Шутурро чу шӯру: тараб дар сараст,
Агар одамиро набошад, хараст.

### Ҳикоят

Шакарлаб ҷавоне най омӯхтӣ,
Ки дилҳо дар оташ чу най сӯхтӣ.
Падар борҳо бонг бар вай задӣ —
Ба тундиву оташ дар он най задӣ.

Шабе бар навои писар гӯш кард,
Самоаш  парешону мадҳӯш кард.
Ҳамегуфт бар чеҳра афганда ҳай,
Ки: «Оташ ба ман дар зад ин бор най!»

Шабе ёд дорам, ки чашмам нахуфт,
Шунидам, ки парвона бо шамъ гуфт,
Ки: «Ман ошиқам, гар бисӯзам равост,
Туро гиряву сӯзу зорӣ чарост?»

Бигуфт: «Эй ҳаводори мискини ман
Бирафт ангабин — ёри ширини ман.
Чу ширинӣ аз ман бадар меравад,
Чу Фарҳод оташ ба сар меравад».
Ҳамегуфту ҳар лаҳза селоби дард
Фурӯ медавидаш ба рухсори зард,
Ки: «Эй муддаӣ ишқ кори ту нест,
Ки на сабр дорӣ, на ёрои ист!
Ту бигрезӣ аз пеши як шӯъла, хом!
Ман истодаам то бисӯзам тамом!
Туро оташи ишқ агар пар бисӯхт,
Маро бин, ки аз пой то сар бисӯхт!
Мабин тобишу маҷлисафрӯзиям!
Тапиш бину селобу дилсӯзиям».
Нарафта зи шаб ҳамчунон баҳрае,
Ки ногаҳ бикушташ паричеҳрае.
Ҳамегуфту мерафт дудаш ба сар:
«Ҳаминаст поёни ишк, эй писар!

Агар ошиқӣ хоҳи омӯхтан,
Бакуштан фараҳ ёбӣ аз сухтан!»
Агар ошикӣ,сар машуй аз мараз!
Чу Саъдӣ фурӯ шӯй даст аз ғараз...
Бадарё марав гуфтамат зинҳор!
В-агар меравӣ,тан ба тӯфон супор!

# Боби чорум

## Дар бораи тавозӯъ

Яке қатра борон зи абре чакид,
Хиҷил шуд чу паҳнои дарё бидид,
Ки: «Ҷое, ки дарёст ман чистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам!»
Чу худро ба чашми ҳақорат бидид,
Садаф дар канораш ба ҷон парварид.
Сипеҳраш ба ҷое расонид кор,
Ки шуд номвар лӯлӯи шоҳвор.
Баландӣ аз он ёфт, к-ӯ паст шуд,
Дари нестӣ кӯфт, то ҳаст шуд...

*Танбеҳ*

Гарат чоҳ бояд, макун чун хасон
Ба чашми ҳақорат назар дар касон!
Гумон кай барад мардуми ҳушманд,
Ки дар сар киро нест қадри баланд?!..
Аз ин номвартар маҳалле мачӯ,
Ки хонанд халқат писандидахӯ!
На гар чун тӯӣ бо ту кибр оварад,
Бузургаш набинӣ ба чашми хирад?!..
Ту низ ар такаббур кунӣ, ҳамчунон
Намоӣ, ки пешат такаббуркунон!
Чу истодаӣ бар мақоми баланд,
Бар афтода, гар ҳӯшмандӣ, маханд!
Басо истода даромад зи пой,
Ки афтодагонаш гирифтанд ҷой.
Гирифтам, ки худ ҳастӣ аз айб пок,
Таъаннут макун бар мани айбнок!..
Агар мардӣ, аз мардии худ магӯй!
На ҳар шаҳсаворе бадар бурд гӯй!
Пиёз омад он беҳунар ҷумла пӯст,
Ки пиндошт чун писта мағзе дар ӯст...
Сухан монад аз оқилон ёдгор,
Зи Саъдӣ ҳамин як сухан ёд дор!..

Ҳикоят

Фақиҳе куҳанҷомаву тангдаст,
Дар айвони қозӣ ба саф бар нишаст,
Нигаҳ кард қозӣ бар ӯ тез-тез,
Муарриф  гирифт остинаш, ки: «Хез!
Надонӣ, ки бартар мақоми ту нест?
Фурӯтар нишин! ё бирав! ё биист,
На ҳар кас сазовор бошад ба садр,
Каромат ба фазл асту рутбат ба қадр!
Дигар раҳ чи ҳоҷат ба панди касат?!..
Ҳамин шармсорӣ уқубат басат!
Ба иззат ҳар он, к-ӯ фурӯтар нишаст,
Ба хорӣ наяфтад зи боло ба наст.

Ба ҷои бузургон далерӣ макун!
Чу сарпанҷаат нест, шерӣ макун!»
Чу оташ баровард дарвеш дуд,
Фурӯтар нишаст аз мақоме, ки буд.
Фақиҳон тариқи ҷадал сохтанд,
«Лима?» «лонусаллим!» дарандохтанд,
Кушоданд бар ҳам дари фитна боз,
Ба «лову наам» карда гардан дароз.
Ту гӯӣ хурӯсони шотир ба ҷанг
Фитоданд дарҳам ба минқору чанг.
Яке бе худ аз хашмнокӣ чу маст,
Яке бар замин мезадӣ ҳар ду даст.
Фитоданд дар уқдаи печ-печ,
Ки дар ҳалли он раҳ набурданд ҳеч.
Куҳанҷома андар сафи охирин,
Ба ғурриш даромад чу шери арин,
Ки: «Бурҳон қавӣ бояду маънавӣ!
На рагҳои гардан ба ҳуҷҷат қавӣ!
Маро низ ҷавгони лаъбасту гӯй!»
Бигуфтанд: «Агар нек донӣ, бигӯй!»
Пас онгаҳ ба зонуи иззат нишаст,
Забон бар кушоду даҳонҳо бубаст.
Ба килки  фасоҳат баёне, ки дошт,
Ба дилҳо чу накдш нигин барнигошт.
Сар аз кӯи сурат ба маънӣ кашид,

Қалам бар сари ҳарфи даъвӣ кашид.
Бигуфтандаш аз ҳар канор офарин,
Ки: «Бар ақлу табъат ҳазор офарин!»
Саманди» сухан то ба ҷое биронд,
Ки қозӣ чу хар дар халобе бимонд.

Баровард аз тоқ дастори хеш,
Ба икрому лутфаш фиристод пеш,
Ки: «Ҳайҳот қадри ту нашнохтам!
Ба шукри қудумат напардохтам!
Дареғ оядам бо чунин мояе,
Ки бинам туро дар чунин пояе».
Муарриф ба дилдорӣ омад бараш,
Ки дастори қозӣ ниҳад бар сараш.
Ба дасту забон манъ кардаш, ки: «Дур!
Манеҳ бар сарам пойбанди ғурур!..
Чу «мавлом!» хонанду «садри кабир!»
Намоянд мардум ба чашмам ҳақир.
Тафовут кунад ҳаргиз оби зулол,
Гараш кӯза заррин бувад ё сафол?!..
Хирад бояд андар сари марду мағз,
Набояд маро чун ту дастори нағз!
Кас аз сарбузургӣ набошад бачиз,
Каду сарбузургасту бемағз низ.
Маяфроз гардан ба дастору риш,
Ки дастор пунбасту сиблат ҳашиш!
Ба сурат касоне, ки мардумвашанд,
Чу сурат ҳамон беҳ, ки дам дар кашанд.
Ба қадри ҳунар ҷуст бояд маҳал,
Баландиву наҳсӣ макун чун Зуҳал!
Наи бӯрёро баландӣ накӯст,
Ки хосияти найшакар худ дар ӯст.
Бад-ин ақлу ҳиммат нахонам касат!
Агар меравад сад ғулом аз пасат!
Чи хуш гуфт хармӯҳраи дар гиле,
Чу бардошташ пуртамаъ ҷоҳиле:
«Маро кас нахоҳад харидан ба ҳеч,
Ба девонагӣ дар ҳарирам мапеч!»

Гиё худ ҳамон қадр дорад, ки ҳаст,
В-агар дар миёни шақоиқ нишаст.
На мунъим ба мол аз касе беҳтараст,
Хар ар ҷулли атлас бипӯшад, хараст».
Бад-ин шева марди сухангӯй ҷуст,
Ба оби сухан кина аз дил бишуст.
Дилозурдаро сахт бошад сухун,
Чу хасмат бияфтод, сустӣ макун!
Чу дастат диҳад, мағзи душман барор!
Ки фурсат фурӯ шӯяд аз дил ғубор.
Чунон монд қозӣ ба ҷавраш асир,
Ки гуфт: «Инна ҳозо лаявмун асир!».
Ба дандон газид аз тағобун  ядайн,
Бимондаш дар ӯ дида чун фарқадайн.
В-аз он ҷо ҷавон рӯи ҳиммат битофт,
Бурун рафту бозаш нишон кас наёфт.
Ғирев аз бузургони маҷлис бихост,
Ки: «Оё чунин шӯхчашм аз куҷост?»
Нақиб аз паяш рафту ҳар сӯ давид,
Ки: «маре бад-ин наъту сурат ки дид?»
Яке гуфт: «Аз ин навъ шириннафас —
Дар ин шаҳр Саъдӣ шиносему бас!
Бар он сад ҳазор офарин, к-ин бигуфт,
Ҳақи талх бин то чи ширин бигуфт!»

...Ба нармӣ зи душман тавон канд пӯст.
Чу бо дӯст сахтӣ кунӣ душман ӯст.
Чу сандон касе сахтрӯӣ накард,
Ки хоиски таъдиб бар сар нахӯрд...
Ба ширинзабонӣ тавон бурд гӯй,
Ки пайваста талхӣ барад тундхӯй.
Ту ширинзабонӣ зи Саъдӣ бигир!
Турушрӯйро гӯ: «Ба сахтӣ бимир!».

Ҳикоят

Шакархандае ангабин мефурӯхт,
Ки дилҳо зи шириияш мебисӯхт.
Наботе миён баста чун найшакар,
Бар ӯ муштарӣ аз магас бештар.

Гар ӯ заҳрбардоштӣ филмасал,
Бихӯрдандӣ аз дасти ӯ чун асал.
Гароне назар кард дар кори ӯ,
Ҳасад бурд бар рӯзи бозори ӯ.
Дигар рӯз шуд, гашт ҳар кӯ давон,
Асал бар сару сирка бар абрӯвон '.
Басе гашт фарёдҳои пешу пас,
Ки биншаст бар ангабинаш магас .
Шабонгаҳ, чу нақдаш наёмад ба даст,
Ба дилтангӣ омад ба кунҷе нишаст.
Чу осӣ туруш карда рӯй аз ваид,
Чу абрӯи зиндониён рӯзи ид.
Занаш гуфт бозикунон шӯйро:
«Асал талх бошад турушрӯйро»
...Ҳаромат бувад нони он кас чашид,
Ки чун суфра абрӯ ба Хам даркашид.
Макун хоҷа бар хештан кор сахт,
Ки бадхӯй бошад нагунсорбахт!.
Гирифтам зи симу зарат чиз нест!
Чу Саъдӣ забони хушат низ нест?!
...Зи ҳушёри оқил назебад, ки даст
Занад дар гиребони нодони маст.
Саге пои саҳронишине газид,
Ба хашме, ки заҳраш зи дандон чакид...
Шаб аз дард бечора хобаш набурд.
Ба хел  андараш духтаре буд хурд,
Падарро ҷафо карду тундӣ намуд,
Ки: «Охир туро низ дандон набуд?!..
Пас аз гиря марди парокандарӯз —
Бихандид: «К-эй момаки дилфурӯз!
Маро гарчи ҳам салтанат буду неш,
Дареғ омадам кому дандони хеш.
Маҳоласт гар теғ бар сар хурам,
Ки дандон ба пои саг андар барам!»...

## Ҳикоят

Малик Солеҳ  аз подшоҳони Шом,
Бурун омадӣ субҳдам бо ғулом.

Бигаштӣ дар атрофи бозору кӯй,
Ба расми араб нима барбаста рӯй,
Ки соҳибназар буду дарвешдӯст,
Касе, к-ин ду дорад, малик Солеҳ ӯст.
Ду дарвеш дар масҷиде хуфта ёфт,
Парешондилу хотир ошуфта ёфт...
Яке з-он ду мегуфт бо дигаре,
Ки: «Ҳам рӯзи маҳшар бувад доваре,
Гар ин подшоҳони гарданфароз,
Ки дар лаҳву айшанд бо кому ноз,
Дароянд бо оҷизон дар биҳишт,
Ман аз гӯр сар барнадорам зи хишт.
Биҳишти барин мулку маъвои мост,
Ки банди ғам имрӯз дар пои мост.
Ҳама рӯз аз инҳо чи дидӣ хушӣ,
Ки дар охират низ заҳмат кашӣ?!

Агар Солеҳ он ҷо ба девори боғ
Дарояд, ба кафшаш барорам димоғ!»
Чу мард ин сухан гуфт, Солеҳ шунид,
Дигар будан он ҷо масолеҳ надид.
Даме рафт, то чашмаи офтоб,
Зи чашми халоиқ фурӯ шуст хоб,
Давон ҳар ду касро фиристоду хонд,
Ба ҳайбат нишасту ба ҳурмат нишонд.
Бар эшон биборид бороні ҷуд,
Фурӯ шусташон гарди зул аз вуҷуд.
Пас аз ранҷи сармову борону сел,
Нишастанд бо номдорони хел.
Гадоёни бе ҷома шаб карда рӯз,
Муаттаркунон ҷома бар удсӯз.
Яке гуфт аз инҳо маликро ниҳон,
Ки: «Эй ҳалқабаргӯши ҳукмат ҷаҳон!
Писандидагон бар бузургӣ расанд,
Зи мо бандагонат чӣ омад писанд?»
Шаҳаншаҳ зи шодӣ чу гул баршукуфт,
Бихандид дар рӯи дарвешу гуфт:
«Ман он кас наям, к-аз ғурури ҳашам,
Зи бечорагон рӯй дарҳам кашам.

Ту ҳам бо ман аз сар бинеҳ хӯи зишт,
Ки то созгорӣ кунӣ дар биҳишт!
Ман имрӯз кардам дари сулҳ боз,
Ту фардо макун дар ба рӯям фароз!»
Чунин роҳ, гар муқбили пеш гир!
Шараф боядат дасти дарвеш гир!
Иродат надорӣ саодат маҷӯй!
Ба чавгони хизмат тавон бурд гӯй!
Туро кай бувад чун чароғ илтихоб,
Ки аз худ парӣ ҳамчу қандили об

## Ҳикоят

Яке дар нуҷум андаке даст дошт,
Вале аз такаббур саре маст дошт.
Бари Кӯшёр  омад аз роҳи дур,
Диле беиродат, саре пурғурур.
Хирадманд аз ӯ дида бардӯхтӣ,
Яке ҳарф дар вай наёмӯхтӣ.
Чу бебаҳра азми сафар кард боз,
Бад-ӯ гуфт донои гарданфароз:
«Ту худро гумон кардаӣ пурхирад,
Иное, ки пур шуд, дигар чун барад?!..
Зи даъвӣ пурӣ, з-он тиҳӣ меравӣ!
Тиҳӣ ой, то пурмаонӣ шавӣ!»
Зи ҳастӣ тиҳӣ ой Саъдисифат,
Ки гирд оварӣ хирмани маърифат!..

## Ҳикоят

Якеро чу Саъдӣ диле сода буд,
Ки бо содарӯе дарафтода буд.
Ҷафо бурдӣ аз душмани сахтгӯй,
Зи чавгони сахтӣ наҷастӣ чу гӯй.
Зи кас чин дар абрӯ наяндохтӣ,
Зи бозӣ ба тундӣ напардохтӣ.
Яке гуфт: «Охир туро нанг нест?
Хабар з-ин ҳама селиву санг нест?
Тани хешро шағба дунон кунанд.
Зи душман таҳаммул забунон кунанд!»

Чи хуш гуфт шайдои шӯридасар,
Ҷавобе, ки бояд навиштан ба зар:
«Дилам хонаи меҳри ёрасту бас,
Аз он менағунҷад дар ӯ кини кас».

### Ҳикоят

Шунидам, ки Луқмон сияҳфом буд,
На танпарвару нозукандом буд.
Яке бандаи пеш пиндошташ,
Забун дида дар кори гил дошташ.
Ҷафо диду бо ҷавру қаҳраш бисохт,
Ба соле сарое зи баҳраш бисохт.
Чу пеш омадаш бандаи рафта боз,
Зи Луқмонш омад ниҳебе фароз.
Ба пояш дарафтоду пӯзиш намуд,
Бихандид Луқмон, ки: «Пузиш чӣ суд?..
Ба соле зи ҷаврат ҷигар хун кунам,
Ба як соат аз дил бурун чун кунам?!..
Вале ҳам бубахшоям, эй-некмард,
Ки суди ту моро зиёне накард!
Ту обод кардӣ шабистони хеш,
Маро ҳикмату маърифат гашт беш:
Ғуломест дар хелам, эй некбахт,
Ки фармоямаш вактҳо кори сахт.
Дигар раҳ наёзорамаш сахт дил,
Чу ёд оядам сахтии кори гил!».

Ҳар он кас, ки ҷаври бузургон набурд,
Насӯзад дилаш бар заифони хурд.
Гар аз ҳокнмон сахт ояд сахун,
Ту бар зердастон дуруштӣ макун!..
...Гаронӣ, ки бадхоҳ гӯяд, маранҷ!
В-агар нестӣ, гӯ: «бирав, бодсанҷ»!
Агар аблаҳе мушкро ганда гуфт,
Ту маҷмӯъ бош, ӯ пароканда гуфт...
Ту некӯравиш бош, то бадсигол —
Ба нуқси ту гуфтан наёбад маҷол.
Чу душворат ояд зи душман сухун,

Нигар, то чи айбат гирифт, он макун!
Чу он кас набошад накӯгӯи ман,
Ки равшан кунад айб бар рӯи ман...

...Ту он гаҳ шавӣ пеши мардум азиз,
Ки мар хештанро нагирӣ ба чиз!..
Аз ин хокдон бандае пок шуд,
Ки дар пои камтар касе хок шуд.
Ало, эй ки бар хоки мо бигзарӣ!
Ба хоки азизон, ки ёд оварӣ,
Ки: «Гар хок шуд Саъдӣ ӯро чи ғам?!.
Ки дар зиндагӣ хок будаст ҳам,
Ба бечорагӣ тан фаро хок дод,
В-агар гирди олам баромад чу бод.
Басе бар наёяд, ки хокаш хӯрад,
Дигарбора бодаш ба олам барад.
Нигар! То гулистони маънӣ шукуфт,
Дар ӯ ҳеҷ булбул чунин хуш нагуфт!
Аҷаб, гар бимирад чунин булбуле,
Ки бар устухонаш нарӯяд гуле?!»..

# Боби панҷум

## Дар бораи ризо

Шабе зайти фикрат ҳаме сӯхтам.
Чароғи балоғат  барафрӯхтам.
Парокандагӯе ҳадисам шунид,
Ҷуз аҳсантагӯӣ тариқе надид.
Ҳам аз ҳубс навъе дар ӯ дарҷ кард,
Ки ночор фарёд хезад зи дард
Ки: «Фикраш балеғастурояш баланд,
Вале дар раҳи зӯҳду томоту панд,
На дур хишту кӯполу гурзи гарон,
Ки ин шева хатмаст бар дигарон!»
Надонад, ки моро сари ҷанг нест,
В-агарна маҷоли сухан танг нест,
Тавонам, ки теғи забон баркашам,
Ҷаҳони суханро қалам даркашам.
Биё, то дар ин шева чолиш кунем,
Сари хасмро санг болиш кунем.
Маро дар Сипоҳон яке ёр буд,
Ки ҷанговару шӯху айёр буд.
Мудомаш ба хун дасту ханҷар хизоб,
Бар оташ дили хасм аз ӯ чун кабоб.
Надидамш рӯзе, ки таркаш набаст,
Зи пӯлодпайконаш оташ наҷаст.
Диловар ба сарпанҷаи говзӯр,
Зи ҳавлаш ба шерон дарафтода шӯр.
Ба даъво чу ӯ новак андохтӣ,
Адӯро ду тан аз як андохтӣ.
Чунон хор дар гул надидам, ки рафт,
Ки пайкони ӯ дар сипарҳои зафт.
Назад тораки ҷангҷӯро ба даст,
Ки хӯду   сарашро  на дарҳам  шикаст
Палапгонаш аз зӯри сарпанҷа зер,
Фурӯ бурда чангол дар мағзи шер.
Гирифтӣ камарбанди ҷангозмой,
В-агар кӯҳ будӣ, бикандӣ зи ҷой.

Зиреҳпӯшро чун табарзин задӣ,
Гузар кардӣ аз марду бар зин задӣ.
На дар мардӣ, ӯро, на дар мардумӣ,
Дуйӯм дар ҷаҳон, кас шунид одамӣ.
Маро як дам аз даст нагзоштӣ,
Ки бо росттабъон саре доштӣ.
Сафар погаҳам з-он замин даррабуд,
Ки бешам, дар он буқъа рӯзӣ набуд.
Қазо нақл кард аз Ироқам ба Шом.
Хуш омад дар он хоки покам мақом.
Маалқисса чанде бибудам муқим,
Ба ранҷу ба роҳат, ба уммеду бим.
Дигар пур шуд аз Шом паймонаам,
Кашид орзумандии хонаам.
Қазоро чунон иттифоқ ӯфтод,
Ки бозам гузар дар Ироқ ӯфтод,
Шабе сар фурӯ шуд ба андешаам,
Ба дил бар гузашт он ҳунарпешаам.
Намак реши деринаам тоза кард,
Ки будам намакхӯрда аз дасти мард.
Ба дидори вай дар Сипоҳон шудам,
Ба меҳраш талабгору хоҳон шудам.
Ҷавон, дидам аз гардиши чарх, пир,
Хадангаш камон, арғувонаш зарир.
Чу кӯҳи сапедаш сар аз барфи мӯй,
Равон обаш аз барфи пирӣ ба рӯй .
Фалак дасти қувват бар ӯ ёфта,
Сари дасти мардеш бартофта.
Бадар карда гетӣ ғуррур аз сараш,
Сари нотавонӣ ба зону бараш.
Бадӯ гуфтам: «Эй сарвари шергир!
Чӣ фарсуда гаштӣ чу рӯбоҳи пир?»
Бихандид; «К-аз рӯзи ҷанги татар ,
Бадар кардам он ҷангҷӯӣ зӣ сар.
Замин дидам аз найза чун найситон,
Гирифта аламҳо чу оташ бар он.
Барангехтам гарди ҳайҷо чу дуд,
Чу давлат набошад, таҳаввур чӣ суд?!..

Ман онам, ки чун ҳамла овардамӣ,
Ба рамҳ  аз каф ангуштарӣ бурдамӣ,
Вале чун накард ахтарам ёварӣ,
Гирифтанд гирдам чу ангуштарӣ.
Ғанимат шумурдам тариқи гурез,
Ки нодон кунад бар қазо панҷа тез.
Чи ёрӣ кунад миғфару ҷавшанам,
Чу ёрӣ накард ахтари равшанам.
Калиди зафар чун набошад ба даст,
Ба бозу дари фатҳ натвон шикаст.
Гурӯҳе палангафгану пилзӯр,
Дар оҳан сари марду сумми сутур.
Ҳамон дам, ки дидем гарди сипоҳ,
Зиреҳ — ҷома кардему миғфар — кулоҳ.
Чу абр, аспи тозӣ барангехтам,
Чу борон балорак фурӯ рехтам.
Ду лашкар ба ҳам бар заданд аз камин
Ту гуфтӣ заданд осмон бар замин.
Зи боридани тир ҳамчун тагарг,
Зи ҳар гӯша бархост тӯфони марг.
Ба сайди хужаброни пархошсоз,
Каманд аждаҳои даҳан карда боз.
Замин осмон шуд зи гарди кабуд,
Чу анҷум дар ӯ барқи шамшеру хӯд.
Саворони душман чу дарёфтем,
Пиёда, сипар бар сипар бофтем.
Ба тиру синон мӯй бишкофтем,
Чу давлат набуд, рӯй бартофтем.
Чи зӯр оварад панҷаи ҷаҳди мард,
Чу бозуи тавфиқ  ёрӣ накард?!

Кас аз лашкари мо зи ҳайҷо бурун —
Наёмад, ҷуз оғушта хуфта ба хун.
Чу сад дона мачмӯъ дар хӯшае,
Фитодем ҳар дона дар гӯшае

### Ҳ и к о я т

Чунин гуфт пеши заған каргасе,
Ки: «Набвад зи ман дурбинтар касе»

Заған гуфт: «Аз ин дар нашояд гузашт,
Биё то чӣ бинӣ дар атрофи дашт?!»
Шунидам, ки миқдори якрӯза роҳ,
Бикард аз баландӣ ба пастӣ нигоҳ.
Чунин гуфт каргас: «Гарат бовараст,
Ки як дона гандум ба ҳомун дараст!»
Заганро намонд аз тааҷҷуб шикеб,
Зи боло ниҳоданд сар дар нишеб.
Чу каргас бари дона омад фароз,
Бупечид дар пош банде дароз.
Надонист аз он дона бар хӯрданаш,
Ки даҳр афганад дом дар гарданаш.
На обистони дур бувад ҳар садаф,
На ҳар бор шотир занад бар ҳадаф
Заған гуфт: «Аз ин дона дидан чӣ суд?
Чу бинони доми хасмат набуд!..»
...Макун гуфтамат мардии хеш фош!
Чу мардӣ намудӣ, муханнас мабош!
Ба андозае буд бояд намуд,
Хиҷолат набурд он ки нанмуд буд,

Ки чун орият барканaнд аз сараш,
Бимонад кӯҳанҷомае дар бараш.
Агар кӯтаҳӣ пои чӯбин мабанд,
Ки дар чашми тифлон намоӣ баланд!
В-агар нуқраандӯда бошад нуҳос,
Тавон харҷ кардан бари ношинос.
Мазан, ҷони ман, оби зар бар пашиз,
Ки саррофи доно нагирад ба чиз!
Зарандӯдагонро бар оташ баранд,
Падид ояд он гаҳ, ки мис ё заранд!..
Ба наздики ман шабрави роҳзан,
Беҳ аз фосиқи порсопераҳан.
Манеҳ обрӯи риёро маҳал,
Ки ин об дар зер дорад ваҳал!
Чу дар ҳуфя бад бошиву нобакор,
Чи суд оби номус бар рӯи кор?!..
Кунанд абра покизатар з-остар,
Ки ин дар ҳиҷобасту он дар назар,

В-ар овоза хоҳӣ дар офоқ фош,
Дарун ҳулла кун! Гӯ, бурун ҳашв бош!..

Туро панди Саъдӣ басаст, эй писар!
Агар гӯш гирӣ, чу панди падар!
Гар имрӯз гуфтори мо нашнавӣ,
Мабодо, ки фардо пушаймон шавӣ!..
Наёбӣ беҳ аз вай насиҳатгаре,
Бубар з-ин дарахт, эй бародар, баре!

# Боби шашум
## Дар бораи қаноат

...Қаноат тавонгар кунад мардро,
Хабар деҳ ҳариси ҷаҳонгардро!.
Сукуне ба даст овар, эй бесабот.
Ки бар санги гардон нарӯяд набот!
Мапарвар тан, ар марди рою ҳушӣ,
Ки ӯро чу мепарварӣ мекушӣ!
Хирадманд мардум ҳунар парваранд,
Ки танпарварон аз ҳунар лоғаранд!
Касе сирати одамӣ гӯш кард,
Ки аввал саги нафс хомӯш кард.
Хӯру хоб танҳо тариқи дадаст,
Бар ин будан оини нобихрадаст.
Хунук некбахте, ки дар гӯшае,
Ба даст орад аз маърифат тӯшае...
Валекин чу зулмат надонад зи нур,
Чи дидори деваш, чи рухсори ҳур.
Ту худро аз он дар чаҳ андохтӣ,
Ки чаҳро зи раҳ боз нашнохтӣ!..
Ба андоза хӯр зод агар мардумӣ!
Чунин пуршикам! Одамӣ? Ё хумӣ?!
Надоранд танпарварон огаҳӣ.
Ки пурмеъда бошад зи ҳикмат тиҳӣ.
Ду чашму шикам пур нагардад ба ҳеҷ.
Тиҳӣ беҳтар ин рӯдаи печ-печ.
Магар менабинӣ, ки дадро мудом
Наяндохт ҷуз ҳирси хӯрдан ба дом?
Паланге, ки гардан кашад бар вуҳуш,
Ба дом афтад аз баҳри хӯрдан чу муш!
Чу муш он, ки нону панираш хурӣ!
Ба домаш бияфтиву тираш хурӣ!

### Ҳикоят

Маро ҳоҷие шонаи оҷ дод,
Ки «раҳмат бар ахлоқи ҳуҷҷоҷ бод!»

Шунидам, ки боре «сагам» хонда буд,
Ки аз ман ба навъе дилаш монда буд.
Бияндохтам шона: «К-ин устухон —
Намебоядам, дигарам саг махон!
Мапиндор, чун сиркан худ хӯрам,
Ки ҷаври худованди ҳалво барам!»
Қаноат кун, эй нафс, бар андаке,
Ки султону дарвеш бинӣ яке!
Чаро пеши хисрав ба ҳоҷат равӣ?
Чу як сӯ ниҳодӣ тамаъ, хисравӣ!
Ва гар худпарастӣ, шикам табла кун!
Дари хонаи ину он қибла кун!

## Ҳикоят

Яке пуртамаъ пеши Хоразмшоҳ,
Шунидам, ки шуд бомдоде пагоҳ,
Чу дидаш, ба хизмат дуто гашту рост,
Дигар рӯй бар хок молиду хост.
Писар гуфташ: «Эй бобаки номҷӯй!
Яке мушкиламро ҷавобе бигӯй:
Нагуфтӣ, ки қибласт хоки Ҳиҷоз?!..
Чаро кардӣ имрӯз аз ин ҷо намоз?!»..
Қаноат сарафрозад, эй марди ҳуш!
Сари пуртамаъ бар наёяд зи дӯш!
Тамаъ обрӯи ту вофир бирехт!
Барои ҷаве домани дур бирехт!...
Касеро, ки дарҷи тамаъ дарнавишт,
Набояд ба кас «абду чокар» навишт
Тавaққӯъ биронад зи ҳар маҷлисат!
Бирон аз хулат, то наронад касат!

## Ҳикоят

Якеро таб омад зи соҳибдилон,
Касе гуфт: «Шаккар бихоҳ аз фалон!»
Бигуфт: «Эй писар, талхии мурданам,
Беҳ аз ҷаври рӯи туруш бурданам!»
Шакар оқил аз дасти он кас нахӯрд,

Ки рӯй аз такаббур бар ӯ сирка кард.
Марав дар паи ҳар чи дил хоҳадат,
Ки тамкини тан, нури ҷон коҳадат.
Кунад мардро нафси аммора хор,
Агар ҳушмандӣ, азизаш мадор!
В-агар ҳар чӣ бошад муродат, хурӣ,
Зи даврон басе номуродӣ барӣ!

Танӯри шикам дам ба дам тофтан
Мусибат бувад рӯзи ноёфтан.
Ба тангӣ нарезандат аз рӯй ранг,
Чу вақти фарохӣ кунӣ меъда танг!
Кашад марди пурхора бори шикам,
В-агар дарнаёбад кашад бори ғам.
Шикамбанда, бисёр бинӣ хиҷил,
Шикам пеши ман танг беҳтар ки дил

## Ҳикоят

Ман аз Басра овардаам бас аҷаб
Ҳадисе, ки ширинтараст аз рутаб,
Тане чанд дар хирқаи ростон
Гузаштем бар тарфи ҳурмостон.
Яке з-он миён меъдаанбор буд,
Зи пурхории хеш пур хор буд.
Миён баст мискину шуд бар дарахт,
В-аз он ҷо ба гардан дарафтод сахт...
Раиси деҳ омад, ки: «Инро ки кушт?»
Бигуфтам: «Мазан бонг бар мо дурушт!
Шикам доман андар кашидаш зи шох,
Бувад тангдил рӯдагони фарох!»...
Саросар шикам шуд малах, лоҷарам,
Ба пояш кашад мӯри кӯчакшикам.
Бирав андаруне ба даст ор пок!
Шикам пур нахоҳад шуд илло ба хок!..
Ғизо гар латифасту гар сарсарӣ,
Чу дерат ба даст ӯфтад хуш хӯрӣ!
Сар он гаҳ ба болин ниҳад ҳушманд,
Ки хобаш ба каҳр оварад дар каманд.

Маҷоли сухан то наёбӣ магӯй!
Чу майдон набинӣ, нигаҳдор гӯй!
Магӯю манеҳ, то тавонӣ қадам —
Зи андоза берун, в-аз андоза кам..

### Ҳикоят

Яке нонхӯриш ҷуз пиёзе надошт,
Чу дигар касон баргу созе надошт.
Парокандае гуфташ эй хоксор!
Бирав табхе аз хони яғмо биёр!
Бихоҳу мадор аз кас, эй хоҷа, бок,
Ки мақтӯи рӯзӣ  бувад шармнок!»,
Қабо басту чобук навардид даст,
Қабояш дариданду дасташ шикаст.
Шунидам, ки мегуфту хун мегирист,
Ки мар хештанкардаро чора чист?
«Балоҷӯй бошад гирифтори оз!
Ману хона минбаъду нону пиёз!
Ҷавине, ки аз саъйи бозӯ хӯрам,
Беҳ аз майда бар хони аҳли карам!»
Чи дилтанг хуфт он фурӯмоя дӯш,
Ки бар суфраи дигарон дошт гӯш.

### Ҳикоят

Яке гурба дар хонаи зол буд,
Ки баргаштаайёму бадҳол буд.
Равон шуд ба меҳмонсарои амир,
Ғуломони султон зананддаш ба тир.
Бурун ҷасту хун аз танаш мечакид,
Ҳамегуфту аз ҳавли ҷон медавид:
«Агар ҷастам аз дасти ин тирзан,
Ману мушу вайронаи пирзан!»

Наярзад асал, ҷони ман, захми неш,
Қаноат накӯтар ба дӯшоби хеш!..
Шунидам, ки: «Дар рӯзгори қадим,
Шудӣ санг дар дасти абдол сим».
Мапиндор, к-ин қавл маъқул нест,

Чу қонеъ шудӣ, сангу симат якест!
Чу тифл андарун дорад аз ҳирс пок,
Чи мушти зараш пешу чи мушти хок.
Хабар деҳ ба дарвеши султонпараст,
Ки султон зи дарвеш мискинтараст!
Гадоро кунад як дирам сим сер,
Фаридун ба мулки Аҷам нимсер.
Нигаҳбонии мулку давлат балост,
Гадо подшоҳасту номаш гадост.
Гадое, ки дар хотираш банд нест,
Беҳ аз подшоҳе ки хурсанд нест.
Бихуспанд шаб рустоиву ҷуфт
Ба завқе, ки султон дар айвон нахуфт...
Агар подшоҳасту гар   пинадӯз
Чу хуспанд гардад шаби ҳар ду рӯз.
Чу бинӣ тавонгар сар аз кибр маст,
Бирав шукри яздон кун, эй тангдаст!
Надорӣ биҳамдиллаҳ он дастрас,
Ки бархезад аз дастат озори кас!

...На пайваста раз хӯшаи тар диҳад,
Гаҳе барг резад, гаҳе бар диҳад.
Бузургон чу'хур дар ҳиҷоб ӯфтанд,
Ҳасудон чу ахгар дар об ӯфтанд.
Бурун ояд аз зери абр офтоб —
Ба тадриҷу ахтар бимирад дар об.

Зи зулмат матарс, эй писандидахӯ,
Ки мумкин бувад оби ҳайвон дар ӯ ,
На гетӣ, пас аз ҷунбиш, ором ёфт,
На Саъдӣ сафар кард, то ком ёфт.
Дил аз бемуродӣ ба фикрат масӯз!
Шаб обистанаст, эй бародар, ба рӯз!

# Боби ҳафтум
## Дар бораи тарбия

Сухан дар салоҳасту тадбиру хӯй,
На дар аспу новарду чавгону гӯй.
Ту бо душмани нафс ҳамхонаӣ!
Чӣ дар банди пайкори бегонаӣ!
Инон бозпечони нафс аз ҳаром,
Ба мадрӣ зи Рустам гузаштанду Сом.
Ту худро чу кӯдак адаб кун ба чӯб!
Ба гурзи гарон мағзи мардум макӯб!
Кас аз чун ту душман надорад ғаме,
Ки бо хештан барнаёӣ ҳаме!
Вуҷуди ту шаҳрест пур неку бад,
Ту султону дастури доно — хирад...
Ризову варaъ  некномони ҳур,
Ҳавову ҳавас раҳзану кисабур.
Чу султон иноят кунад бо бадон,
Куҷо монад осоиши бихрадон?!.
Туро шаҳвату ҳирсу кину ҳасад,
Чу хун дар рагонанду ҷон дар ҷасад.

Ҳикоят

Такаш  бо ғуломон яке роз гуфт,
Ки: «Инро набояд ба кас боз гуфт!
Магар гашт зоҳир аз эшон ҳадис,
Бигуфто, ки: «Эй ҷоҳилони хабис!
Ба як солам омад зи дил бар забон,
Ба як лаҳза шуд мунташир дар ҷаҳон?»
Бифармуд ҷаллодро: «Бедареғ
Бубардор сарҳои инон ба теғ!»
Яке з-он миён гуфту зинҳор хост:
«Макуш бандагон, к-ин гунаҳ аз ту хост.
Ту аввал набастӣ, ки сарчашма буд,
Чу селоб шуд, пеш бастан чи суд?!.
Ту пайдо макун рози дил бар касе,
Ки ӯ худ бигӯяд бари ҳар касе!
Ҷавоҳир ба ганҷинадорон супор!

Вале розро хештан пос дор!»
Сухан то нагуфтӣ бар ӯ даст ҳаст,
Чу гуфта шавад, ёбад ӯ бар ту даст...
Яке тифл бардорад аз Рахш  банд,
Наёяд ба сад Рустам андар каманд.
Магӯ он чи гар бар мало ӯфтад,
Сухангӯ аз он дар бало ӯфтад.
Ба деҳқони нодон чи хуш гуфт зан:
«Бадониш сухан гӯй, ё дам мазан!»
Магӯ он чи тоқат надорӣ шунуд,
Ки ҷавкишта гандум нахоҳад даруд!
Чу дашном гӯӣ, дуо нашнавӣ!
Ба ҷуз киштаи хеш менадравӣ!
Чи некӯ задаст ин масал барҳаман,
«Бувад ҳурмати ҳар кас аз хештан!»...
Гар ин душманон тарбият ёфтанд,
Сар аз ҳукму раъят набартофтанд,
Ҳавову ҳавасро намонад ситез,
Чу бинад сари панҷаи ақл тез...
Чи ҳоҷат дар ин боб гуфтан басе,
Ки ҳарфе бас, ар кор бандад касе.

## Боби ҳаштӯм

## Фазилат ва хомӯшӣ

...Садафвор гавҳаршиносони роз,
Даҳон ҷуз ба лӯълӯ накарданд боз.
Фаровонсухан бошад огандагӯш,
Насиҳат нагирад магар дар хамӯш.
Чу хоҳи, ки гӯӣ нафас дар нафас,
Ҳаловат наёби зи гуфтори кас...
Таammулкунон дар хатову савоб,
Беҳ аз жожхоёни ҳозирҷавоб.
Камоласт дар нафси инсон сухун,
Ту худро ба гуфтор ноқис макун!..
Ҳазар кун зи мардони даҳмардагӯй!
Чу доно яке гӯю парварда гӯй!
Сад андохтӣ тиру ҳар сад хатост,
Агар ҳушмандӣ, як андозу рост!
Чаро гӯяд он ҳарф дар ҳуфя мард,
Ки гар фош гардад, шавад рӯй зард.
Макун пеши девор ғайбат басе!
Бувад, к-аз пасаш гӯш дорад касе
Даруни дилат шаҳрбандаст роз ,
Нигар то намонад дари шаҳр боз!
Аз он марди доно даҳон дӯхтаст,
Ки бинад, ки шамъ аз забон сӯхтаст.

Яке хубрӯю ҳалақпӯш буд,
Ки дар Миср якчанд хомӯш буд.
Хирадмандмардум зи наздику дур,
Ба гирдаш чу парвона ҷӯёни нур.
Тафаккур, шабе, бо дили хеш кард,
Ки: «Пӯшида зери забонаст мард.
Агар ҳамчунин сар ба худ дар барам,
Чӣ донанд мардум, ки донишварам?!»...
Сухан гуфт, душман бидонисту дӯст,
Ки дар Миср нодонтар аз вай ҳам ӯст.
Ҳузураш парешон шуду кор зишт,
Сафар карду дар тоқи масчид навишт:

«Дар оина гар хештан дидамӣ,
Ба бедонишӣ парда надридамӣ.
Чунин зишт аз он парда бардоштам,
Ки худро накӯрӯй пиндоштам».
...Туро хомӯшӣ, эй худованди ҳуш,
Виқорасту ноаҳлро пардапӯш!
Агар олими, ҳайбати худ мабар!
В-агар ҷоҳилӣ , пардаи худ мадар!
Ту сирри дили хеш манмой зуд,
Ки ҳаргаҳ, ки хоҳӣ, тавонӣ намуд!
Валекин чу пайдо шавад рози мард,
Ба кӯшиш нашояд ниҳон боз кард...
Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Парокандагӯй аз баҳоим батар.
Чу мардум сухан гуфт бояд ба ҳуш,
В-агарна шудан чун баҳоим хамӯш.

Ба нутқ асту ақл одамизода фош,
Чу тӯтӣ сухангӯи нодон мабош!
Ба нутқ одамӣ беҳтараст аз давоб,
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯӣ савоб

## Ҳикоят

Яке носафо гуфт дар вақти ҷанг,
Гиребон дариданд вайро ба ҷанг.
Қафо хӯрду гирёну урён нишаст,
Ҷахондидае гуфташ: «Эй худпараст!
Чу ғунча гарат баста буди даҳан,
Дарида надидӣ чу гул пераҳан!»
Саросема гӯяд сухан пургазоф,
Чу танбӯри бемағзи бисёрлоф.
Набинӣ, ки оташ забонасту бас,
Ба обе тавон куштанаш дар нафас.
Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,
Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар.
Агар мушки холис надорӣ, магӯй!
В-агар ҳаст худ фош гардад ба бӯй!
Ба савганд гуфтан, ки «Зар мағрибист!»

Чи ҳочат?.. Маҳак худ бигӯяд, ки чист?
Бигӯянд аз ин ҳарфгирон ҳазор,
Ки: «Саъдӣ на аҳласту омӯзгор» '.
Раво бошад ар пӯстинам даранд,
Ки тоқат надорам, ки мағзам баранд!

Ҳикоят

Азудро писар сахт ранҷур буд,
Шикеб аз ниҳоди падар даррабуд.
Яке порсо гуфташ аз рӯи панд,
Ки: «Бигзор мурғони ваҳшӣ зи банд!»

Кафасҳои мурғони ваҳшӣ шикаст
Кӣ дар банд монад чу зиндон шикаст?!.
Нигаҳ дошт бар тоқи бӯстонсарой,
Яке номвар булбули хушсарой.
Писар субҳдам сӯи бӯстон шитофт,
Ҷуз он мурғ бар тоқи айвон наёфт.
Бихандид: «К-эй булбули хушнафас!
Ту аз гуфти худ мондаӣ дар кафас!»...
Чу Саъдӣ, ки чанде забонбаста буд,
Зи таъни забонаварон раста буд...
Чу ботил сароянд магмор гӯш!
Чу бесатр бинӣ, басарро бипӯш!

Ҳикоят

Шунидам, ки дар базми туркони маст,
Муриде дафу чанги мутриб шикаст.
Чу чангаш кашиданд ҳолӣ ба мӯй-
Ғуломону чун даф задандаш ба рӯй.
Шаб аз дарди чавгону селӣ нахуфт,
Дигар рӯз пираш ба таълим гуфт:
«Нахоҳӣ, ки бошӣ чу даф рӯйреш,
Чу чанг, эй бародар, сар андоз пеш!»...

...Касе хуштар аз хештандор нест,
Ки бо хубу зишти касаш кор нест.
Туро дида дар сар ниҳоданду гӯш,
Даҳан ҷои гуфтору дил ҷои ҳуш,

Магар боздонӣ нишеб аз фароз!
Нагӯӣ, ки: «Ин кӯтаҳаст, он дароз!»

Ҳикоят

Чунин гуфт пире писандидаҳуш,
Хуш ояд суханҳои пирон ба гӯш.
Ки: «Дар Ҳинд рафтам ба кунҷе фароз,
Чи дидам? Чу ялдо сиёҳе дароз.
Дар оғӯши ӯ духтаре чун камар,
Фурӯ бурда дандон ба лабҳош дар.
Чунон тангаш оварда андар канор,
Ки пиндорӣ аллайлу яғшаинаҳор '.
Маро амри маъруф доман гирифт,
Фузул оташе гашту дар ман гирифт.
Талаб кардам, аз пешу пас чӯбу санг,
Бар он нохудотарси беному нанг.
Ба ташбеҳу дашному ошӯбу заҷр,
Сафед аз сияҳ фарқ кардам чу фаҷр ,
Шуд он абри нохуш зи болои боғ,
Падид омад он байза аз зери зоғ.
Зи лоҳавлам он девҳайкал биҷаст,
Парипайкар андар ман овехт даст,
Ки: «Эй зарқсаччодаи далқпӯш!
Сияҳкори дунёхару динфурӯш!
Маро солҳо дил зи каф рафта буд —
Бар ин шахсу ҷон бар вай ошуфта буд.
Кунун пухта шуд луқмаи хоми ман,
Ки гармаш бурун кардӣ аз коми ман».
Тазаллум бароварду фарёд хонд:
Ки: «Шафқат барафтоду раҳмат намонд.
Намонд аз ҷавонон касе дастгир,
Ки бистонадам дод аз ин марди пир,
Ки шармаш наёяд зи пире ҳаме,
Занад даст дар сатри номаҳраме».
Ҳамекард фарёду доман ба чанг,
Маро монда сар дар гиребони нанг.
Бурун рафтам аз ҷома дар дам чу сир ,
Ки тарсидам аз заҷри барнову пир.
Бараҳна давон рафтам аз пеши зан,

Ки дар дасти ӯ ҷома беҳтар, ки ман!
Пас аз муддате кард бар ман гузор,
Ки: «Медониям?» — гуфтамаш,— «Зинҳор,
Ки ман тавба кардам зи дасти ту, бар,
Ки гирди фузӯлӣ нагардам дигар!
Касеро наёяд чунин кор пеш,
Ки оқил нишинад паси кори хеш.
Аз он шанъат ин панд бардоштам,
Дигар дида, нодида ангоштам.
Гарат ақлу роясту тадбиру ҳуш,
Чу Саъдӣ сухан гӯй, в-арна хамӯш!

Ҳикоят

Касе гуфту пиндоштам тибатаст,
Ки: «Дуздӣ басомонтар аз ғайбатаст!»
Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри ошуфтаҳуш!
Шигифт омад ин достонам ба гӯш,
Ба норостӣ дар чӣ бинӣ беҳӣ,
Ки бар ғайбаташ мартабат мениҳӣ?!»
«Бале,— гуфт,— дуздон тахапвур кунанд,
Ба бозуи мардум шикам пур кунанд.
Зи ғайбат чӣ мехоҳад он содамард,
Ки девон сияҳ карду чизе нахӯрд?
Маро дар Низомия  идрор  буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд.
Мар устодро гуфтам: «Эй пурхирад!
Фалон ёр бар ман ҳасад мебарад!
Чу ман доди маънӣ диҳам дар ҳадис,
Барояд ба ҳам андаруни хабис!
Шунид ин сухан пешвои адаб,
Ба тундӣ барошуфту гуфт: «Эй аҷаб!

Ҳасудӣ писандат наёмад зи дӯст,
Чӣ маълум кардй, ки ғайбат накӯст?!.»
...Ҳар он, к-ӯ барад номи мардум ба ор,
Ту хайри худ аз вай таваққӯъ мадор,
Ки андар қафои ту гӯяд ҳамон,
Ки пеши ту гуфт аз паси дигарон.

## ТАНБЕҲ

Се касро шунидам, ки ғайбат равост,
Чу з-он дар гузаштӣ чаҳорӯм хатост:
Яке подшоҳи маломатписанд ,
К-аз ӯ бар дили халқ бинӣ газанд.
Ҳалоласт аз ӯ нақл кардан хабар,
Ки то халқ бошанд аз ӯ пурҳазар:
Дувӯм, парда бар беҳаёе матан,
Ки ӯ медарад пардаи хештан!
Зи ҳавзаш мадор, эй бародар, нигоҳ,
Ки меафтад ӯ худ ба гардан ба чоҳ;
Савӯм, кaҷтарозуи норостхӯ,
Зи феъли бадаш ҳар чӣ донӣ, бигӯ!

## Ҳикоят

Шунидам, ки дузде даромад зи дашт,
Ба дарвозаи Систон дар гузашт,
Зи баққоли он хӯй чизет сарид,
Аз он чиз бечора хайре надид:
Бидуздид баққол аз ӯ ними донг,
Баровард дузди сияҳкор бонг:
«Худоё, ту шабрав ба оташ масӯз,
Ки раҳ мезанад систонӣ ба рӯз!
Ба шаб ҳастам аз феъли худ хавфнок,
Ба рӯз ин надорад зи кас тарсу бок!»
...Касоне, ки пайғоми душман баранд,
Зи душман, ҳамоно, ки душмантаранд.
Касе қавли душман наёрад ба дӯст,
Магар он, ки дар душманӣ ёри ӯст.
Наёрост душман ҷафо гуфтанам,
Чунон, к-аз шунидан биларзад танам.
Ту душмантарӣ к-оварӣ бар даҳон,
Ки; «Душман чунин гуфт андар ниҳон».
Суханчин кунад тоза ҷанги қадим,
Ба хашм оварад некмарди салим.
Аз он ҳамнишин, то тавонӣ, гурез!

Ки мар фитнаи хуфтаро гуфт: «Хез!»
Сияҳчолу  мард андар ӯ бастапой,
Беҳ аз фитна аз ҷой бурдан ба ҷой.
Миёни ду тан ҷанг чун оташаст,
Суханчини бадбахт ҳезумкашаст...
...Надидам зи ғаммоз  саргаштатар,
Нагунтолеъу бахтбаргаштатар,
Зи нодониву тирарой, ки ӯст,
Хилоф афганад дар миёни ду дӯст,
Кунанд ину он хуш дигарбора дил,
Вай андар миён кӯрбахту хиҷил.
Миёни ду тан оташ афрӯхтан —
На ақласт, худ дар миён сӯхтан.
Чу Саъдӣ касе завқи хилват чашид,
Ки аз ҳар ду олам забон даркашид.
Бигӯ он чи донӣ сухан судманд,
Агар ҳам надорад кас ӯро писанд,
Ки фардо пушаймон барорад хурӯш,
Ки: «Овах , на кардам чаро ҳақ ба гӯш?»
Дар ӯ дам чу ғунча даме аз вафо,
Ки аз ханда афтад чу гул дар қафо!
Нашояд ҳавас бохтан бо гуле,
Ки ҳар бомдодаш бувад булбуле.
Чу худро ба ҳар маҷлисе шамъ кард,
Ту дигар чу парвона гирдаш магард!..
Мабин дилфиребаш чу ҳури биҳишт,
К-аз он рӯи дигар чу ғӯласт зишт!
Гараш пой бӯсӣ, надорад сипос,
В-агар хок гардӣ, надорадат пос
Сар аз мағзу даст аз дирам кун тиҳӣ!
Чу хотир ба фарзанди мардум диҳӣ!
Макун бад ба фарзанди мардум нигоҳ,
Ки фарзанди хешат барояд табоҳ!

...Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро ҳирадмандӣ омӯзу рой.
Ки гар ақлу рояш набошад басе,
Бимириву аз ту намонад касе;
Басо рӯзгорон, ки сахтӣ барад,

Писар, чун падар нозукаш парварад.
Хирадманду парҳезгораш бидор!
Агар дӯстдорӣ, ба нозаш мадор!
Ба хурдӣ дараш заҷру таълим кун!
Ба некӯ бадаш ваъдаву бим кун!
Навомӯзро мадҳу таҳсину зеҳ!
Зи тавбиҳу таҳдиди устод беҳ!
Биёмуз фарзандро дастранҷ
В-агар даст дорӣ чу Қорун ба ганҷ!

Макун такя бар дастгоҳе, ки ҳаст,
Ки бошад, ки неъмат намонад ба даст!
Ба поён расад кисаи симу зар,
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар!
Чи донӣ, ки гардидани рӯзгор,
Ба ғурбат бигардонадаш дар диёр!
Чу бар пешае бошадаш дастрас,
Куҷо дасти ҳоҷат барад пеши кас?!.
Надонӣ, ки Саъдӣ мурод аз чӣ ёфт?
На дарё навашту на ҳомун шикофт!
Ба хурдӣ бихӯрд аз бузургон қафо,
Худо додаш андар бузургӣ сафо!
Ҳар он кас, ки гардан ба фармон ниҳад,
Басе бар наёяд, ки фармон диҳад.
Ҳар он тифл, к-ӯ ҷаври омӯзгор —
Набинад, ҷафо бинад аз рӯзгор!
Писарро накӯ дору роҳат расон,
Ки чашмаш набошад ба дасти касон!
Ҳар он кас, ки фарзандро ғам нахӯрд,
Дигар кас ғамаш хӯрду овора кард.
Нигаҳ дор з-омӯзгори бадаш,
Ки бадбахту гумраҳ кунад чун худаш!
Писар, к-ӯ миёни қаландар нишаст,
Падар гӯ: «зи хайраш фурӯ шӯй даст!
Дареғаш махӯр бар ҳалоку талаф,
Ки пеш аз падар мурда беҳ нохалаф! ...

## Ҳикоят

Яке сурате дид соҳибҷамол,
Бигардидаш аз шӯриши ишқ ҳол.
Барандохт бечора чандин арақ,
Ки шабнам барорад биҳиштиварақ.
Гузар кард Буқрот  бар вай савор,
Бипурсид: «К-инро чӣ афтода кор?»
Касе гуфт: «К-ин обиду порсост,
Ки ҳаргиз хатое зи дасташ нахост.
Равад рӯзу шаб дар биёбону кӯҳ,
Зи сӯҳбат гурезон, зи мардум сутӯҳ.
Рабудаст хотирфиребе дилаш,
Фурӯ рафта пои назар дар гилаш.
Чу ояд зи халқаш маломат ба гӯш,
Бигиряд, ки: «Чанд аз маломат?» Хамӯш!
Магӯ ар бинолам, ки: «Маъзур нест»
Ки ин дардам аз иллате дур нест.
На ин нақш дил мерабояд зи даст,
Дил ӯ мерабояд, ки ин нақш баст».
Шунид ин сухан марди корозмой,
Куҳансоли парвардаву пухтарой.
Бигуфт: «Ар чи сийти накӯӣ равад,
На бо ҳар касе он чи гӯӣ, равад.
Нигорандаро худ ҳамин нақш буд.
Ки шӯридаро дил ба яғмо рабуд!
Чаро тифли якрӯза ҳушаш набурд?
Ки дар сунъ  дидан чи болиғ, чи хурд.
Муҳаққиқ  ҳамон бинад андар ибил,
Ки дар хубрӯёни Чину Чигил»
Никобест ҳар сатри ман з-ин катиб,
Фурӯҳишта бар орази дилфиреб.
Маонист дар зери сатри сиёҳ,
Чу дар парда маъшуқу дар меғ моҳ.
Дар авроқи Саъдӣ нагунҷад малол,
Ки дорад паси парда чандин ҷамол,
Маро, к-ин суханҳост маҷлисфурӯз,
Чу оташ дар он рӯшноиву сӯз,
Наранҷам зи хасмон агар дар тапанд
К-аз ин оташи порсӣ дар табанд,

Агар дар ҷаҳон, аз ҷаҳонрастаест,
Дар аз халқ бар хештанбастаест,
Кас аз дасти ҷаври забонҳо нараст,
Агар худнамояст, агар ҳақпараст...
Ба кӯшиш тавон даҷларо пеш баст,
Нашояд забони бадандеш баст...
Мапиндор агар шеру гар рӯбаҳӣ,
К-аз инҳо ба мардиву ҳилат раҳӣ.
Агар кунҷи хилват гузинад касе,
Ки парвои сӯҳбат надорад басе.
Маломат кунандаш, ки: «Зарқасту рев ,
Зи мардум чунон мегурезад, ки дев».
Агар хандарӯясту омезгор,
Афифаш надонанду парҳезгор...
Агар марди дарвешро сахтиаст,
Бигӯянд: «-идбору бадбахтиаст».
В-агар бенавое бигиряд ба сӯз,
Нагунбахт хонандашу тирарӯз.
В-агар компоне дарояд зи пой,
Ғанимат шуморанду фазли худой,
Ки: «То чанд ин ҷоҳу гарданкашӣ?
Хуширо бувад дар ақиб нохушӣ!»
В-агар тангдасте, тупукмояе,
Саодат баландаш кунад пояе,
Бихояндаш аз кина дандон ба захр,
Ки: «Дунпарвараст ин фурӯмоя даҳр!»
Чу бинанд коре ба дастат дараст,
Ҳарисат шуморанду дунёпараст,
В-агар дасти ҳиммат бидорӣ зи кор,
Гадопеша хонандату пухтакор .
Агар нотиқӣ— «табли пурёвай!»
В-агар хомӯшӣ — «нақши гармовай»
Таҳаммулкунонро нахонанд мард,
Ки: «Бечора аз бим сар барнакард»
В-агар дар сараш ҳавли мардонагист,
Гурезанд аз ӯ: «к-ин чи девонагист?»
Тааннут кунандаш гар андакхӯрест,
Ки: «Молаш магар рӯзии дигарест!»
В-агар нағзу покиза бошад хӯраш,

«Шикамбанда» хонанду «танпарвараш».
Агар бетакаллуф зияд молдор,
Ки зиннат бар аҳли тамизаст ор,
Забон дар ниҳандаш ба изо чу теғ,
Ки: «Бадбахт зар дорад аз худ дареғ!»
В-агар коҳу айвон мунаққаш кунад,
Тани хешро кисвати хуш кунад,
Ба ҷон ояд аз дасти таъназанон,
Ки: «Худро биёрост ҳамчун занон!»
Агар порсое саёҳат накард,
Сафаркардагонаш нахонанд мард.
Ки: «Норафта берун зи оғӯши зан,
Кадомаш ҳунар бошаду рою фан?!»...
Ҷаҳондидаро ҳам бидарранд пӯст.
Ки: «Саргаштаву бахтбаргашта ӯст!
Гараш ҳаз  зи иқбол будиву баҳр,
Замона наронди зи шаҳраш ба шаҳр!»
Азабро  накӯҳиш кунад хурдабин,
Ки: «Меларзад аз хуфтухезаш замин».
В-агар зан кунад, гӯяд: «Аз дасти дил
Ба гардан дарафтод чун хар ба гил!»
На аз ҷаври мардум раҳад зиштрӯй,
На шоҳид, зи номардуми зиштгӯй.
Гарат барканад хашм рӯзе зи ҷой,
Саросема хонандату тирарой,
В-агар бурдборӣ  кунӣ бо касе,
Бигӯянд: «Ғайрат надорад басе!»
Сахиро ба андарз  гӯянд: «Бас,
Ки фардо ду дастат шавад пешу пас!»
В-агар қонеъу хештандор гашт,
Ба ташнои халқе гирифтор гашт,
Ки: «Ҳамчун падар хоҳад ин сифла мурд
Ки дунё раҳо карду ҳасрат бибурд!»...
Раҳоӣ надорад кас аз дасти кас,
Гирифторро чора — сабрасту бас!

### Ҳ и к о я т

Ҷавоне хирадманду фарзона буд,
Ки дар вазъ чолоку мардона буд.

Накуному соҳибдилу ҳакпараст,
Хати оразаш хуштар аз хатти даст.
Қавӣ дар луғат буду дар наҳв чуст,
Вале ҳарфи шинро нагуфтӣ дуруст.
Якеро бигуфтам зи соҳибдилон,
Ки: «Дандони пешин надорад фалон!
Баромад зи савдои ман сурхрӯй,
Ки: «-ин ҷинс беҳуда дигар магӯй!
Ту дар вай ҳамон айб дидӣ, ки ҳаст,
Зи чандин ҳунар чашм ақлат бубаст!»

Якеро, ки илмасту тадбиру рой,
Гараш пои исмат  билағжад зи ҷой,
Ба як хур'да  мапсанд бар вай ҷафо!
Бузургон чӣ гуфтанд? — Хуз мосафо!
Бувад хору гул бо ҳам, эй ҳушманд,
Чӣ дар банди хорӣ? Ту гулдаста банд?
Гарат айбҷӯӣ бувад дар сиришт,
Набинӣ зи товус ҷуз пои зишт!
Сафое ба даст ор, эй тираpӯй,
Ки нанмояд оинаи тира рӯй!..
Манеҳ айби халқ эй фурӯмоя, пеш,
Ки чашмат фурӯ дӯзад аз айби хеш!
Чаро доманолударо ҳад  занӣ?
Чу худро шиносӣ, ки тардоманӣ!..
Чу бад нописанд оядат худ макун!
Пас он гаҳ ба ҳамсоя гӯ: «Бад макун!»...
Ту хомӯш! Агар ман беҳам ё бадам,
Қи ҳаммоли суду зиёни худам...
Чу душман, ки дар шеъри Саъдӣ нигоҳ
Ба нафрат кунад з-он даруни табоҳ,

Надорад ба сад нуктаи нағз гуш,
Чу айбе бубинад барорад хурӯш.
Ҷуз ин иллаташ нест, к-он худписанд
Ҳасад дидаи некбинаш биканд...
На ҳар чашму абрӯ, ки бинӣ накӯст,
Бихӯр мағзи писта, биандоз пӯст

ДАР БОРАИ ШУКР

...На тифли даҳанбаста будӣ зи лоф,
Ҳаме рӯзӣ омад ба ҷавфат  зи ноф!
Чу нофат буриданду рӯзӣ гусаст,
Ба пистони модар гирифтӣ ду даст!
Ду пистон, ки имрӯз дилхоҳи туст,
Ду чашма ҳам аз парваришгоҳи туст!
Канору бари модари дилпазир—
Биҳиштасту пистон дару ҷӯи шир.
Дарахтест болои ҷонпарвараш,
Валад меваи нозанин дар бараш.
На рагҳои пистон даруни диласт?,
Пас ар бингарӣ шир — хуни диласт!

Ҳикоят

Ҷавоне сар аз рои модар битофт,
Дили дардмандаш ба озар  битофт.
Чу бечора шуд пешаш овард маҳд ,
Ки: «Эй сустмеҳри фаромӯшаҳд;
На гирёну дармонда будиву хурд,
Ки шабҳо зи дасти ту хобам набурд?!.
На дар маҳд нирӯю  ҳолат набуд,
Магас рондан аз худ маҷолат набуд!
Ту онӣ, ки аз як магас ранҷаӣ,
Ки имрӯз солору сарпанҷаӣ!
Ба ҳоли шавӣ боз дар қаъри гӯр,
Ки натвонӣ аз хештан дафъи мӯр!..
Чу пӯшидачашме, набинӣ, ки роҳ
Надонад ҳаме вақти рафтан зи чоҳ!
Ту гар шукр кардӣ, ки бодидаӣ!
В-агар на ту ҳам чашмпӯшидай!»
...Гирифтам, ки душман бикӯбӣ ба санг,
Макун боре  аз ҷаҳл бо дӯст ҷанг!
Хирадмандтабъони миннатшинос,
Бидӯзанд неъмат ба мехи сипос.

## Ҳикоят

Маликзодае з-аспи адҳам фитод,
Ба гардан дараш мӯҳр дарҳам фитод.
Чу пилаш фурӯ рафт гардан ба тан,
Нагаштӣ сараш, то нагаштӣ бадан.
Пизишкон бимонданд ҳайрон дар ин,
Магар файласуфе зи Юнонзамин,
Сараш боз печиду тан рост шуд,
Агар вай набудӣ замин хост шуд.
Шунидам ки саъяш фаромӯш кард,
Забон аз муроот хомӯш кард.
Дигар навбат омад ба наздики шоҳ,
Накард он фурӯмоя дар вай нигоҳ.
Хирадмандро сар фурӯ шуд зи шарм,
Шунидам, ки мерафту мегуфт нарм:
«Агар дӣ напечидамӣ гарданаш,
Напечидӣ имрӯз рӯй аз манаш».
Фиристод тухме ба дасти раҳӣ,
Ки: «Бояд, ки бар удсӯзаш ниҳӣ!»
Фиристода омад бари шаҳриёр,
Бикард он чи гуфташ худованди кор.
Маликро яке атса омад зи дуд,
Сару гарданаш ҳамчунон шуд, ки буд.
Ба узр аз паи мард биштофтанд,
Биҷустанд бисёру кам ёфтанд.
Надонад касе қадри рӯзи хушӣ,
Магар рӯзе афтад ба сахтикашӣ.
Зимистони дарвеш дар танги сол,
Чи саҳласт пеши худованди мол...
Чу мардонарав бошиву тезпой,
Ба шукрона бо кундпоён бипой!
Ба пири куҳан бар бубахшад ҷавон,
Тавоно кунад раҳм бар нотавон.
Чи донанд ҷайҳуниён қадри об,
Зи вомондагон пурс дар офтоб!..
Касе қимати тандурустӣ шинохт,
Ки якчанд, бечора, дар таб гудохт.
Туро тирашаб кай намояд дароз,
Ки ғалтӣ зи паҳлу ба паҳлуи ноз!

Барандеш аз афтону хезони таб,
Ки ранҷур донад дарозии шаб.
Ба бонги духул хоча бедор гашт,
Чи донад шаби посбон чун гузашт?

Ҳикоят

Шунидам, ки Тӯғрул шабе дар хазон,
Гузар кард бар ҳиндуе посбон.
Зи боридани барфу борони сайл ,
Ба ларзиш дарафтода ҳамчун суҳайл.
Дилаш бар вай аз раҳмат омад ба ҷӯш,
Ки: «Инак қабопӯстинам бипӯш!
Даме мунтазир бош бар тарфи бом,
Ки берун фиристам ба дасти ғулом!»
Дар ин буд, ки боди сабо дар вазид,
Шаҳаншаҳ дар айвони шоҳӣ хазид.
Вушоқе паричеҳра дар хайл дошт,
Ки табъаш бад-ӯ андаке майл дошт.
Тамошои туркаш чунон хуш фитод,
Ки ҳиндуи мискин бирафташ зи ёд.
Қабопӯстине гузашташ ба гӯш,
Зи бадбахтияш бар наёмад ба дӯш.
Магар ранҷи сармо бар ӯ бас набуд,
Ки ҷаври сипеҳр интизораш фузуд.
Нигаҳ кун чу султон ба ғафлат бихуфт,
Ки чӯбакзанаш бомдодон чи гуфт:
«...Туро шаб ба айшу тараб меравад,
Чи донӣ, ки бар мо чӣ шаб меравад?»
Фурӯ бурда сар корвоне ба дег,
Чи аз по фурӯрафтагони ба рег?!.
Бидор, эй худованди, заврақ, дар об,
Ки бечорагонро гузашт аз сар об!
Таваққуф кунед, эй ҷавонони чуст,
Ки дар корвонанд пирони суст!..
Туро кӯҳпайкар ҳаюн меравад,
Пиёда чӣ донӣ, ки чун меравад?
Ба ороми дил хуфтагон дар буна ,
Чӣ донанд ҳоли шикамгурсна?

### Ҳикоят

Якеро асас  даст барбаста буд,
Ҳама шаб парешону дилхаста буд.
Ба гӯш омадаш ногаҳон аз касе,
Ки менолад аз тангдастӣ басе.

«Ба гӯш омадаш дар шаби тираранг.
Ки шахсе хаменолад аз дасти танг».
Шунид ин сухан дузди марлулу[в] гуфт:
«Зи бечорагӣ чанд нолӣ? Бихуфт!
Бирав шукри яздон кун, эй тангдаст,
Ки дастат асас танг бар ҳам набаст».
Макун нола аз бенавоӣ басе,
Чу бинӣ зи худ бенавотар касе...

### Ҳикоят

Фақиҳе бар афтодамасте гӯзашт,
Ба мастурии  хеш мағрӯр гашт.
Зи нахват бад-ӯ илтифоте накард.
Ҷавон сар баровард: «к-эй пирмард!
Такаббур макун чун ба неъмат дарӣ!
Ки маҳрумӣ ояд зи мустакбирӣ [вг]!
Якеро, ки дар банд бинӣ маханд!
Мабодо, ки рӯзе дарафтӣ ба банд!..
На охир дар имкони тақдир ҳаст,
Қи фардо чу ман бошӣ афтода маст?!.
Туро осмон хат ба масҷид навишт,
Мазан таъна бар дигаре дар куништ!»...

### Ҳикоят

Буте дидам аз оҷ дар сӯманот,
Мурасса [т], чу дарҷоҳилият Манот ,
Чунон сураташ баста тимсолгар,
Ки сурат набандад аз он хубтар
Зи ҳар ноҳият корвонҳо равон —
Ба дидори он сурати беравон.

Тамаъ карда роёни Чину Чигил,
Чу Саъдӣ вафо з-он бути сангдил.

Забоноварон рафта аз ҳар макон,
Тазаррӯъкунон пеши он безабон.
Фурӯ мондам аз кашфи он моҷаро,
Ки ҳайё  ҷамоде парастад чаро?
Муғеро, ки бо ман сару кор буд,
Накӯгӯю ҳамҳуҷраву ёр буд.
Ба нармӣ бипурсидам, эй барҳаман!
Аҷаб дорам аз кори ин буқъа ман,
Ки мадҳуши ин нотавонпайкаранд,
Муқайяд ба чоҳи залол андаранд!
На нерӯи дасташ на рафтори пой,
В-араш бифганӣ барнахезад зи ҷой!
Набинӣ, ки чашмонаш аз каҳрабост,
Вафо ҷустан аз тангчашмон хатост!
Бар ин гуфтам он дӯст, душман гирифт,
Чу оташ шуд аз хашму дар ман гирифт.
Муғонро хабар карду пирони дайр,
Надидам дар он анҷуман рӯи хайр.
Фитоданд габрони  позандхон ,
Чу саг дар ман аз баҳри он устухон.
Чу он роҳи каҷ пешашон рост буд,
Раҳи рост дар чашмашон каҷ намуд,
Ки мард арчи донову соҳибдиласт
Ба наздики бедонишон ҷоҳиласт.
Фурӯ мондам аз чора ҳамчун ғариқ,
Бурун аз мадоро надидам тариқ.
Чу дидӣ, ки ҷоҳил ба кин андараст,
Саломат ба таслиму лин  андараст!
Меҳин барҳаманро сутудам баланд,
Ки: «Эй пири тафсиру устоди занд!
Маро низ бо нақши ин бут хушаст,
Ки шакле хушу қомате дилкашаст.
Бадеъ оядам сураташ дар назар,
Валекин зи маънӣ надорам хабар!
Чу солуки ин манзилам анқариб,
Баду нек нодир шиносад ғариб,
Ту донӣ, ки фарзини ин руқъаӣ!
Насиҳатгари шоҳи ин буқъаӣ!
Ибодат ба тақлид гумроҳӣ аст,

Хунук раҳраверо, ки огоҳӣ аст!
Чи маънист дар сурати ин санам,
Ки аввал парастандагонаш манам!»
Бараҳман зи шодӣ барафрӯхт рӯй,
Писандида гуфт: «Эй писандидагӯй!
Саволат савобасту феълат ҷамил!
Ба манзил расад, ҳар ки ҷӯяд далел:
Басе чун ту гардидам андар сафар,
Бутон дидам аз хештан бехабар.
Ҷуз ин бут, ки ҳар субҳ з-ин ҷо, ки ҳаст,
Барорад ба яздони додор даст.
Агар хоҳӣ, имшаб дар ин ҷо бубош!
Ки фардо шавад бар ту ин роз фош!
Шаб он ҷо бибудам ба фармони пир,
Чу Бежан ба чоҳи бало дар асир.
Шабе, ҳамчу рӯзи киёмат дароз,
Муғон гирди ман бе вузӯ дар намоз...
Магар карда будам гуноҳе азим,
Ки дидам дар он шаб азобе алим .
Ҳама шаб дар ин қайди ғам мубтало,
Яке даст бар дил, яке бар дуо,
Ки ногаҳ дуҳулзан фурӯ кӯфт кӯс,
Бихонд аз фазои бараҳман хурӯс.
Хатиби сияҳпӯши шаб бехилоф,
Баровард шамшери шаб аз ғилоф
Фитод оташи субҳ дар сӯхта,
Ба як дам ҷаҳоне шуд афрӯхта.
Ту гуфтӣ, ки дар хиттаи Зангбор ,
Зи як гӯша ногаҳ даромад татор
Муғони табаҳрои ношустарӯй
Падид омаданд аз дару дашту кӯй.
Кас аз мард дар шаҳру аз зан намонд,
Дар он буткада ҷои арзан намонд.
Ман аз ғусса ранҷуру аз хоб маст,
Ки ногоҳ тимсол бардошт даст.
Баякбор аз онҳо баромад хурӯш,
Ту гуфтӣ, ки дарё даромад ба ҷӯш.
Чу бутхона холӣ шуд аз анҷуман,
Бараҳман нигаҳ карда хандон ба ман,

Ки: «Акнун туро ҳеҷ мушкил намонд!
Ҳақикат аён гашту ботил намонд!»,
Чу дидам, ки ҷаҳл андар ӯ маҳкамаст,
Хаёли маҳол андар ӯ мудғамаст .
Наёрастам аз ҳақ дигар ҳеҷ гуфт,
Ки ҳақ з-аҳли ботил бубояд нуҳуфт.
Чу бинӣ забардастро зӯрдаст,
На мардӣ бувад панҷаи худ шикаст.
Замоне ба солус гирён шудам,
Ки: «Ман з-он чи гуфтам, пушаймон шудам!»

Ба гиря дили кофирон кард майл,
Аҷаб нест санг ар бигардад ба сайл
Давиданд хидматкунон сӯи ман,
Ба иззат гирифтанд бозуи ман.
Шудам узргӯён бари шахси оҷ
Ба курсии заркӯбу бар тахти соҷ .
Бутакро яке бӯса додам ба даст,
Ки лаънат ба бут боду бар бутпараст!
Ба тақлид кофир шудам рӯз чанд,
Бараҳман шудам дар мақолоти занд.
Чу дидам, ки дар дайр гаштам амин,
Нагунҷидам аз хуррамӣ дар замин.
Дари дайр маҳкам бубастам шабе,
Давидам чапу рост чун ақрабе .
Нигаҳ кардам аз зери тахту забар,
Яке парда дидам мукаллал  ба зар.
Паси парда митроне озарпараст —
Муҷовир , сари ресмоне ба даст.
Бафаврам мар он ҳол маълум шуд,
Чу Довуд, к-оҳан бар ӯ мум шуд,
Ки ночор, чун даркашад ресмон,
Барорад санам даст бар осмон.
Бараҳман шуд аз рӯи ман шармсор,
Ки шунъат бувад «бахя бар рӯи кор» .
Битозиду ман дар паяш тохтам,
Нагунаш ба чоҳе дарандохтам,
Ки донистам, ар зинда он барҳаман
Бимонад, кунад саъй дар хуни ман,

Писандад, ки аз ман барорад димор,
Мабодо, ки сирраш кунам ошкор.
Чу аз кори муфсид хабар ёфтӣ,
Зи пояш дарафган чу дарёфтӣ,
Ки гар зиндааш монӣ он бадгуҳар,
Нахоҳад туро зиндагонӣ дигар!
В-агар сар ба хидмат ниҳад бар дарат,
Агар даст ёбад бибуррад сарат!
Фиребандаро пой дар пай манеҳ!
Чу рафтиву дидӣ, амонаш мадеҳ!
Тамомаш бикуштам ба санг он ҳабис,
Ки аз мурда дигар наёяд ҳадис.
Чу дидам, ки ғавғо барангехтам,
Раҳо кардам он буму бигрехтам.
Чу андар наистоне оташ задӣ,
Зи шерон бупарҳез агар бихрадӣ!
Макуш баччаи мори мардумгазой![в]*
Чу куштӣ, дар он хона дигар мапой!
Чу занбӯрхона биёшуфтӣ,
Гурез аз маҳаллат, ки гарм ӯфтӣ!
Ба чобуктар аз худ маяндоз тир!
Чу афтод доман ба дандон бигир! »
Дар авроки Саъдӣ ҷуз ин панд нест,
Ки чун пойдевор кандӣ, маист!
Ба Ҳинд омадам баъд аз он растахез,
В-аз он ҷо ба роҳи Яман то Ҳиҷез .
Аз он ҷумла талхӣ, ки бар ман гузашт,
Даҳонам ҷуз имрӯз ширин нагашт...
Кай ин шукри неъмат баҷо оварам,
В-агар пой гардад ба хизмат сарам?!.
Фараҳ ёфтам баъд аз он бандҳо,
Ҳанузам ба гӯш аст аз он пандҳо,..

# Боби нӯҳум
## Дар роҳи тавба

Биё, эй ки умрат ба ҳафтод рафт,
Магар хуфта будӣ, ки бар бод рафт!
Зи панҷаҳ дирам панҷ агар кам шавад,
Дилат реши сарпанчаи ғам шавад!
Чу панҷоҳ солат бурун шуд зи даст,
Ғанимат шумур панҷ рӯзе, ки ҳаст!
Агар мурди мискин забон доштӣ,
Ба фарёду зорӣ фиғон доштӣ:
«...Чу моро ба ғафлат бишуд рӯзгор,
Ту боре даме чанд фурсат шумор!»

Ҳикоят

Шабе дар ҷавониву тайбу ниам ,
Ҷавонон нишастем чанде ба ҳам.
Чу булбул сароён, чу гул тозарӯй,
Зи шӯхӣ дар афганда ғулғул ба кӯй
Ҷаҳондидапире зи мо бар канор,
Зи даври фалак лайли мӯяш наҳор ',
Чу фундуқ даҳон аз сухан баста буд,
На чун мо лаб аз ханда чун писта буд,
Ҷавоне фаро рафт: «К-эй пирмард!
Чи дар кунҷи узлат нишинӣ ба дард?!
Даме сар барор аз гиребони ғам!
Ба ороми дил бо ҷавонон бичам!»
Баровард сар солхӯрд аз нуҳуфт,
Ҷавобаш, нигар, то чи пирона гуфт:
«Чу боди сабо бар гулистон вазад,
Чамидан дарахти ҷавонро сазад.
Чамад то ҷавонасту сабзу, хавид,
Шикаста шавад чун ба зардӣ расид,
Баҳорон, ки бод овард бедмушк ,
Бирезад дарахти куҳан барги хушк.
Назебад маро бо ҷавонон чамид,
Ки бар оразам субҳи пирӣ дамид ...
Шуморост навбат бар ин хон нишаст,

Ки мо аз танаъум  бишустем даст.
Чу бар сар нишастат зи пирӣ ғубор,
Дигар чашми айш аз ҷавонӣ мадор!
Маро барф борид бар парри зоғ,
Нашояд чу булбул тамошои боғ.
Кунад ҷилва товуси соҳибҷамол,
Чӣ мехоҳӣ аз бози баркандабол?!.
Маро ғалла танг омад андар дарав,
Шуморо кунун мерасад сабза нав.
Гулистони моро тароват гузашт,
Кӣ гул даста бандад чу пажмурда гашт?!
Маро такя, ҷони падар, бар асост!
Дигар такя бар зиндагонӣ хатост!
Гули сурхи рӯям, нигар, зарри ноб!
Фурӯ рафт чун зард шуд офтоб.
Мусаллам ҷавонрост бар пой ҷаст,
Ки пирон баранд истионат  ба даст.
Ҳавас пухтан аз кӯдакӣ нотамом,
Чунон зишт нояд, ки аз пири хом...
Ҷавон то расонад сиёҳӣ ба нур,
Барад пири мискин сиёҳӣ ба гӯр»

Ҳикоят

Куҳансоле омад ба назди табиб,
Зи нолиданаш то ба мурдан қариб,
Ки: «Дастам ба раг барнеҳ, эй некрой!
Ду поям ҳаме бар наёяд зи ҷой!
Бадон монад ин қомати хуфтаам,
Ки гӯӣ ба гил дар фурӯ рафтаам!»
Бадӯ гуфт: «Даст аз ҷаҳон даргусил!
Ки поят қиёмат барояд зи гил!»
Нишоти ҷавонӣ зи пирӣ маҷӯй!
Ки нояд дигар оби рафта ба ҷӯй!
Агар дар ҷавонӣ задӣ дасту пой,
Дар айёми пирӣ баҳуш бошу рой!
Чу даврони умр аз чиҳил даргузашт,
Мазан дасту по, к-обат аз сар гузашт!
Бибояд ҳавас кардан аз сар бадар,
Ки даври ҳавасбозӣ омад ба сар.

Нишот онгаҳ аз ман рамидан гирифт,
Ки шомам сапеда дамидан гирифт,
Ба сабза кучо тоза гардад дилам,
Ки сабза бихоҳад дамид аз гилам.
Тафарручкунон  аз ҳавову ҳавас,
Гузаштем бар хоки бисёр кас,
Касоне, ки аз мо ба ғайб андаранд,
Биёянду бар хоки мо бигзаранд.
Дареғо, ки рӯзи ҷавонӣ гузашт!
Ба лаҳвулааб зиндагонӣ гузашт
Дареғо чунон рӯҳпарвар замон,
Ки бигзашт бар мо чу барқи Ямон !..
Чи хуш гуфт бо кӯдак омӯзгор,
Ки: «Коре накардему шуд рӯзгор!»
Дареғо, ки бигзашт умри азиз!
Бихоҳад гузашт ин даме чанд низ!
Агар дар сарои саодат касаст,
Зи гуфтори Саъдеш ҳарфе басаст!

Ҳикоят

...Фароғи дилат ҳасту нерӯи тан,
Чу майдон фарохаст гӯё бизан!
Қазо рӯзгоре зи ман даррабуд,
Ки ҳар рӯз аз вай шаби қадр  буд.
Ман он рӯзро қадр нашнохтам,
Бидонистам акнун, ки дарбохтам.
Чӣ кӯшиш кунад пирхар зери бор?
Ту мерав, ки бар бодпой савор!
Шикастақадаҳ гар бубанданд чуст,
Наёвард хоҳад баҳои дуруст.
Кунун к-ӯфтодат ба ғафлат зи даст,
Тариқе надорад ба ҷуз бозбаст!
Кӣ гуфтат ба Ҷайҳун дарандоз тан?!
Чу андохтӣ, дасту пое бизан!..
Чу аз чобукон дар давидан гарав —
Набурдӣ, ҳам афтону хезон бирав!..
Шабе хобам андар биёбони Файд
Фурӯ баст пои давидан ба қайд.
Шутурбоне омад ба ҳавлу ситез,

Маҳори  шутур бар сарам зад, ки: «Хез!
Магар дил ба мурдан ниҳодӣ сипас ,
Ки барменахезӣ ба бонги ҷарас!
Маро ҳам чу ту хоби хуш дар сараст,
Ва лекин биёбон ба пеш андараст.
Ту, к-аз хоби нӯшин ба бонги раҳил
Нахезӣ, дигар кай расӣ дар сабил?!»
Фурӯ кӯфт табли шутур сорбон ,
Ба манзил расид аввали корвон...
Ба раҳ хуфтагон то бароранд сар,
Набинанд раҳрафтагонро асар...
Чу шайбат  даромад ба рӯи шубоб»,
Шабат рӯз шуд  дида баркан зи хоб!
Ман он рӯз баркандам аз умр умед,
Ки афтодам андар сиёҳӣ сапед ...
Кунун вақти тухмаст, агар парварӣ,
Гар умедворӣ, ки хирман барӣ!
Кунун кӯш, к-об аз камар баргузашт!
На вақте, ки селоб аз сар гузашт!
Макун умр зоеъ ба афсӯсу хайф,
Ки фурсат азизасту алвақту сайф!
...Нишастӣ ба ҷои дигар кас басе!
Нишинад ба ҷои ту дигар касе!..
Чу дей рафту фардо наёмад ба даст,
Ҳисоб аз ҳамин як нафас кун, ки ҳаст!
Фурӯ рафт  Ҷамро яке нозанин,
Кафан кард чун кирмаш абрешимин.
Ба дахма даромад пас аз чанд рӯз,
Ки бар вай бигиряд ба зориву сӯз.
Чу пӯсида дидаш ҳаририн кафан,
Ба фикрат чунин гуфт бо хештан:
«Ман аз кирм барканда будам ба зӯр,
Биканданд аз ӯ боз кирмони гӯр!»
Дар ин боғ сарве наёмад баланд,
Ки боди аҷал беху бораш наканд.
Ниҳоле ба сӣ сол гардад дарахт,
Зи бехаш барорад яке боди сахт...
Ду байтам ҷигар кард рӯзе кабоб,
Ки мегуфт гӯяндае бо рубоб:

«Дареғо, ки бе мо басе рӯзгор!
Бирӯяд гулу бишкуфад лолазор,
Басе тиру даймоҳу урдибиҳишт —
Биёяд, ки мо хок бошему хишт!»

Ҳикоят

Яке порсосирати ҳақпараст,
Фитодаш яке хишти заррин ба даст.
Сари ҳушмандаш чунон хира кард,
Ки савдо дили равшанаш тира кард.
Ҳама шаб дар андеша: «К-ин ганҷу мол,
Дар ӯ, то зиям раҳ наёбад завол.
Дигар қомати аҷзам аз баҳри хост,
Набояд бари кас дуто карду рост.
Сарое кунам пойбасташ рухом;
Дарахтони сақфаш ҳама уди хом;
Яке ҳуҷра хос аз паи дӯстон,
Дари ҳуҷра андар саробӯстон;
Бифарсудам аз руқъа бар руқъа дӯхт,
Тафи дегдон мағзи ҷонам бисӯхт
Дигар зердастон пазандам хуриш,
Ба роҳат диҳам руҳро парвариш;
Ба сахтӣ бикушт ин намадбистарам,
Равам баъд аз ин абкарӣ густарам».
Хаслаш хараф карду колива ранг,
Ба мағзаш фурӯ бурд харчанг чанг...
Ба саҳро баромад сар аз ишва маст,
Ки ҷое набудаш қарору нишаст.
Яке бар сари гӯр гил месиришт,
Ки ҳосил кунад з-он гили гӯр хишт.
Ба андеша дар худ фурӯ рафт пир,
Ки: «Эй нафси кӯтаҳназар, панд гир!
Чӣ бандӣ дар ин хишти заррин дилат?
Ки як рӯз хиште кунанд аз гилат!»
Тамаъро начандон даҳонаст боз,
Ки бозаш нишинад ба як луқма оз.
Бидор, эй фурӯмоя, з-ин хишт даст,
Ки Ҷайҳун нашояд ба як хишт баст,
Ту ғофил дар андешаи суду мол,
Ки сармояи умр шуд поймол!

Ғубори ҳаво чашми ақлат бидӯхт!
Самуми  ҳавас кишти умрат бисӯхт!
Бикун сурмаи ғафлат аз чашм пок,
Ки фардо шавӣ сурмаи чашми хок!

Ҳикоят

Миёни ду тан душманӣ буду ҷанг,
Сар аз кибр бар якдигар чун паланг.
Зи дидори ҳам то ба ҳадде рамон,
Ки бар ҳар ду танг омадӣ осмон.
Якеро аҷал бар сар овард ҷайш,
Сар омад бар ӯ рӯзгорони айш.
Бадандеши вайро дарун шод гашт,
Ба гӯраш пас аз муддате баргузашт.
Шабистони гӯраш дарандуда дид.
Ки вақте сарояш зарандуда дид.
Хиромон ба болинаш омад фароз,
Ҳамегуфт бо худ лаб аз ханда боз:
«Хушо вақти маҷмӯи он кас, ки ӯст,
Пас аз марги душман дар оғӯши дӯст.
Пас аз марги он кас набояд гирист,
Ки рӯзе пас аз марги душман бизист»
Зи рӯи адоват ба бозуи зӯр,
Яке тахта баркандаш аз рӯи гӯр
Сари тоҷвар дидаш андар мағок,
Ду чашми ҷаҳонбинаш оганда хок.
Вуҷудаш гирифтори зиндони гӯр,
Танаш тӯъмаи кирму тороҷи мӯр.
Зи даври фалак бадри рӯяш ҳилол,
Зи ҷаври замон сарви қаддаш хилол .
Кафи дасту сарпанҷаи зӯрманд
Ҷудо карда айём бандаш зи банд.
Чунонаш бар ӯ раҳмат омад зи дил,
Ки бисришт дар хокаш аз гиря гил.
Пушаймон шуд аз кардаи хӯи зишт,
Бифармуд бар санги гӯраш навишт:
«Макун шодмонӣ ба марги касе,
Ки даҳрат пас аз вай намонад басе!»

...Ба ҷое расад кори сар деру зуд,
Ки гӯӣ дар ӯ дида ҳаргиз набуд.
Задам теша як рӯз бар талли хок,
Ба гӯш омадам нолае дарднок,
Ки: «Зинҳор агар мардӣ оҳистатар,
Ки чашму баногӯшу рӯясту сар!
Ҷаҳондор будам ман андар ҷаҳон,
Шудастам баробар ба хок ин замон!»

Ҳикоят

Шабе хуфта будам ба азми сафар,
Паи корвоне гирифтам саҳар.
Баромад яке саҳмгин боду гард,
Ки дар чашми мардум ҷаҳон тира кард.
Ба раҳ бар яке духтари хона буд,
Ба меъҷар ғубор аз падар мезудуд.
Падар гуфташ: «Эй нозанинчеҳри ман,
Ки шӯрида дорӣ дил аз меҳри ман.
На чандон нишинад дар ин дида гард,
Ки бозаш ба меъҷар тавон пок кард».
Бар ин хок чандон сабо бигзарад,
Ки ҳар зарра аз мо ба ҷое барад.
Туро нафси раъно чу саркаш сутур,
Давон мебарад то сарошеби гӯр.
Аҷал ногаҳат бигсилонад рикеб,
Инон боз натвон гирифт аз нишеб.

Ҳикоят

Яке бурд бо подшоҳе ситез,
Ба душман супурдаш, ки: «Хунаш бирез!»
Гирифтор дар дасти он кинатӯз ,
Ҳамегуфт бо худ ба зориву сӯз:
«Агар дӯст бар худ наёзурдамӣ,
Кай аз дасти душман ҷафо бурдамӣ?!»...
Ту аз дӯст гар оқилӣ, бармагард,
Ки душман наёрад нигаҳ дар ту кард!
Басо ҷаври душман бидарридш пӯст,
Рафиқе, ки бар худ биёзурд дӯст.
Ту бо дӯст якдил шаву яксухун!
Ки худ бехи душман бароядзи бун!

# Боби даҳум

Яке моли мардум ба талбис хвард
Чу бархост лаънат бар иблис кард.
Чунин гуфташ иблис андар раҳе,
Ки: «Ҳаргиз надидам чу ту аблаҳе!
Туро бо манаст аз ниҳон оштӣ!
Чаро теғи пайкор бардоштӣ?!»...

Ҳикоят

Ҳаме ёд дорам зи аҳди сиғар ,
Ки иде бурун омадам бо падар.
Ба бозича машғули мардум шудам,
Дар ошӯби халқ аз падар гум шудам.
...Нигахдор фурсат, ки олам дамест!
Даме пеши доно беҳ аз оламест!
Сикандар, ки бар оламе ҳукм дошт,
Дар он дам, ки бигзашту олам гузошт,
Набудаш муяссар, к-аз ӯ оламе —
Ситонанду мӯҳлат диҳандаш даме.
Бирафтанду ҳар кас дуруд он чи кишт,
Намонад ба ҷуз номи некӯю зишт...
Пас аз мо ҳаме гул диҳад бӯстон,
Нишинанд бо якдигар дӯстон...

Ҳикоят

Зи аҳди падар ёд дорам ҳаме,
Ки борони раҳмат бар ӯ ҳар даме,
Ки дар тифлиям лавҳу дафтар харид.
Зи баҳрам яке хотами [б] зар харид.
Бадар кард ногаҳ яке муштарӣ,
Ба хурмое аз дастам ангуштарӣ.
Чу нашносад ангуштарӣ тифли хурд,
Ба ширинӣ аз вай тавонанд бурд.
Ту ҳам қимати умр нашнохтӣ,
Ки дар айши ширин барандохтӣ!..

## Ҳикоят

Яке баччаи гург мепарварид,
Чу парварда шуд, хоҷа дарҳам дарид.
Чу бар паҳлуи ҷон супурдан бихуфт,
Забоносаре бар сараш рафту гуфт:
«Чу душман чунин нозанинпарварӣ,
Надонӣ, ки ночор захмаш хварӣ!» '
...Раво дорӣ аз дӯст бегонагӣ,
Ки душман гузинӣ ба ҳамхонагӣ!

Баровардам аз хавлу даҳшат хурӯш,
Падар ногаҳонам бимолид гӯш,
Ки: «Эй шӯхчашм, охират, чанд бор
Нагуфтам, ки дастам зи доман мадор?!.
Ба танхо надонад шудан тифли хурд,
Ки мушкил бувад роҳи нодида бурд».
Паи некмардон бубояд шитофт,
Ки хар к-ин саодат талаб кард ёфт.
Макун бо фурӯмоямардум нишаст!
Чу кардӣ, зи ҳайбат фурӯ шӯй даст!..
Бирав! Хӯшачин бош Саъдисифат,
Ки гирд оварӣ хирмани маърифат!

## Ҳикоят

Яке ғалла мурдодмаҳ тӯда кард,
Зи темори дай хотир осуда кард.
Шабе маст шуд оташе барфурӯхт,
Нагунбахти колива хирман бисӯхт.
Дигар рӯз дар хӯша чидан нишаст,
Ки як чав зи хирман намондаш ба даст.
Чу саргашта диданд дарвешро,
Яке гуфт парвардаи хешро:
«Нахоҳӣ, ки гардӣ чунин тирарӯз,
Ба девонагӣ хирмани худ масӯз!»
Гар аз даст шуд умрат андар бадӣ!
Ту онӣ, ки дар хирман оташ задӣ!
Фазиҳал  бувад хӯша андӯхтан,
Пас аз хирмани хештан сӯхтан...

...Тани коркун мебиларзад зи таб,
Мабодо, ки нахлаш  наёрад рутаб.

Гурӯҳе фаровонтамаъ парваранд
Ки гандум наяфшонда хирман баранд.
Бар он хӯрд, Саъдӣ, ки бехе нишонд,
Касе бурд хирман, ки тухме фишонд.

# Луғатҳо

Покбум — замини пок, кишвари пок.
Пардохтан— оростан; бардоштан, рафъ намудан; машғул шудан; фориғ шудан; холӣ кардан; ба охир расидан, тамом шудан; тарк кардан.
Эҳсон—некӯй кардан, инъом ва бахшиш кардан; инъом, бахшиш дар алифбои араб бо «син» навишта мешавад.
Мӯҳсин—некӯикунанда, инъом ва эҳсонкунанда.
Хумоюн—муборак.
Фаррух— муборак; зеборӯй.
Кабо — ҷома.
Парниён — ҳарири хитоии гулдор.
Х,ашв— пахта, ё пашме, ки дар даруни чома андохта мешавад; сухани барзиёд дар ифодаи матлаб.
Дарвеза дарюза — гадоӣ.
Тааннут — айбчӯӣ, бадгӯй дар ҳакки касе..
Порс Форс—кишвари Форс аст, ки марказаш шаҳри Шероз аст.
Дуҳул— нағораи чӯбини аз ду тарафаш пӯст кашидашуда, ки дар забони имрӯза «дӯл» мегӯянд; умуман нағора.
Фулфул филфил — мурч.
Андуда — рӯйкаш кардашуда, аз рӯ чизе молидашуда, андова кардашуда, андовидашуда.
Мидҳат—мадҳия, мадҳ.
Гӯй — ҳаппаки бозӣ, ки дар замони пеш ин ҳаппакро дар майдон андохта ҳар кадом аз тарафайни бозӣ мехост, ки зада ба тарафи худ барорад ва ҳар кас, ки зада барорад, ӯ дар мусобиқа ғолиб ба шумор мерафт гуи балоғатро рабудан—киноя аз ғолиб омадан дар майдони адабиёт ва суханварӣ.
Кулаҳгӯша —бо калби изофа гӯшаи кӯлох.
Фарҷом — оқибат фархундафарҷом — муборак окибат, бадфарҷом — бадокибат.
Ҷовид — доимӣ, абадӣ, беохир.
Назъи равон—ҷонканӣ.
Шубон — чӯпон.
Ҷода — роҳ, кӯча.

Мустақим— рост зидди кач истиқоматку-
нанда; бевосита.
Газанд — офат, ранҷ.
Марз— замин; мамлакат; ҳудуд ва роши замнн.
Ғавр— - чуқурӣ, қаър; ғӯттахӯрӣ ва фурӯравӣ дар чуқурии чизе таг.
Рой— тадбир; фикр ва андеша барои коре; изҳори фикр; ба ин ҳар се маънӣ арабй аст; роҳ; лақаби подшоҳони Ҳиндустон; ба ин ду маънӣ форсӣ аст.
Самар бо син — афсона; овоза маънии дуйӯм мачоз.
Мулкронӣ — ҳукмронӣ, мамлакатпурсӣ, подшоҳӣ.
Раёсат— сардорӣ; бузургй.
Омил— амалкунанда; амалдоре, ки андоз-
ҳои подшоҳиро аз мардум ғун мекунад маънии дуйӯм
терминп ҳукуматҳои феодалй аст.
Сифла—одами паст, разил.
Тавфир — бпсёрӣ, бнсёркунн.
Хамайдун — сабук кардашудаи «ҳам айдун» буда, ба маънои «ҳамчунин, ҳамин соат, ҳамин замон, хамин дам, ҳамин ҷо, ҳам акнун» аст.
Табаҳ табоҳ — вайрон.
Зайф — меҳмон, меҳмонон.
Кадимон — одамони кадим, гузашгагон; кӯҳ-
нахизматон, хизматгорони кадими.
Ғадр — хиёнат, бевафоӣ.
Солиён — солҳои бисёр.
Харам — сахт пиршавӣ.
Мушриф— сардафтардори подшоҳӣ дар ҳарчу даҳл; баланд, баландшаванда; карибшаванда ва муҳайёшаванда ба зуҳури чизе ва ба чизе.
Корвонӣ — аҳли корвон.
Салим — дуруст, сохибсаломат, тандуруст.
Ба ҳам дар — дар даруни якдигар, ба ҳам омехта.
Бирка — хавз, оби анбор.
Хон дар арабӣ бо вов навишта мешавад — дастурхон; зиёфатхонаи умумй, ки мардум аз он ҷо бепул таом хӯранд.
Аҳд— замон, давр, замона; паймон, кавл дар бораи чизе.
Самъ — гӯш.
Нисён— фаромӯшӣ; фаромӯшкунӣ.
Зинҳор— паноҳ, амон; мӯҳлат; аҳду паймон; албатта, харгиз, асло.
Савоб бо сод—рост, дуруст зидди хато.
Тааммул — андеша, фикр.

Донишандӯхта — донишғункарда.
Тановар — соҳибтана, яъне бузургтана, бузургчусса.
Бебарг — бенаво, бечиз, қашшоқ маҷоз.
Малик — подшоҳ.
Раҳӣ рихӣ — ғулом, банда.
Худованд— молик, соҳиб; «худо».
Муин — нонаткунанда, ёридҳанда.
Карин — хамнишин, ҳамсӯҳбат, ҳамдам, ёр.
Осеб — офат, озор.
Харобот— бутхона; киморхона; шаробхона
бештарин дар маънии сейӯм кор фармуда мешавад.
Пероя — ороиш, зевар; ороише, кн ба сабаби кам кэрдани чизе ба даст дарояд масалан, аз тарошидани сару риш, аз бурдани шоххои барзиёди дарахт ва гул.
Лутф— нармй, нозукӣ; меҳрубонӣ; сухан гуфтан ба тарзе ки ду маънй, ё чанд маъниро ифодакунад ин калима дар маънии сейӯм дар классикҳо наёмадааст, дар забони адабии зиндаи ҳозира ва дар адабиёти даври охири кор фармуда мешавад.
Кудум — қадамоварй, ба чое омададарoӣ.
Гавҳар— дар ин чо ба маънип аслу насаб.
Бум— замин; маҳал бумй — маҳаллӣ; ватан; паррандаест чуғзмонанд, аммо калонтар аз он.
Курбат—наздикӣ ба чизе.
Бад-ӯ — ба ӯ
Рой задан— фнкр кардан, андеша кардан барои
хоста гирифтани коре ва ёфтани маслиҳате.
Дастур— қ-оида, қонун; иҷозат, рухсат; вазир.
Анҷуман— мачлиси калон, ки дар он бисёр
мардумон ғун шуда бошанд; гурӯҳи бузург аз одамон.
Нахуст нухуст — аввал, ибтидо, оғоз дар забони зинла ба шакли «нахуст» меояд.
Пойгоҳ— дараҷа, мартаба; пойгаҳ, кафшкани хона; поини хона зидди пешгаҳ.
Сӯфор— чоки тири кадимӣ, ки дар вақти андохтан чиллаи камонро дар вай банд мекунанд; ҳар сӯрох, махсусан сӯрохи сӯзан; зарфи сафолин.
Шаст— зеҳгир асбобест, ки дар вақти тирандозӣ бо камони қадимй дар ангушт меиӯшиданд; қуллоби оҳанини моҳидорӣ қармоқ:
Ин калима боз чанд маънй дорад, лекин бпсёрии онҳо
мурдаанд.

Партоб— тирандозӣбо камони кадимн; тирворандозӣ ягон чизро; як навъ тири қадимӣ, ки бисёр дур мерафт; масофати байни тирандозанда ва ҷое, ки тири андохташуда меафтад.
Равшанқиёс — дурустмухокима; бофаросат.
Наҳй— манъ аз кардани коре.
Харфгир — айбҷӯй.
Лоуболӣ— бебокона, беибоёна; бебокй, беибоӣ маъниии аслии ин калима «бок надорам. ибо намекунам» гуфтан аст па дар забони зинда ба шакли «ло вубол» «ловуболӣ» кор фармуда мешавад ва «бетакаллуф», «бетакаллуфй»-ро ифода мекунад.
Пиндор — гумони беасос.
Мирцал — деги мисии калон.
Сукун— оромй; сабр маънии дуйӯм мачоз.
Дод — адл.
Ҳусни тадбир — нектадбнрӣ.
Муртафеъ — баланд.
Бадгуҳар — бадзот, бадасл.
Лоҷарам — ночор, ноилоч, ногузир, албатта.
Хубс бо ҳарфи се — мурдорӣ.
Тааллул — баҳона, иллат баёнкунӣ, далелорй зӯр ба зӯракӣ.
Шигифт — таачҷуб, аҷиб.
Хасуд — ҳасадбаранда, ҳасадкунанда, ҳасадхӯранда.
Ангоштан — гумон кардан бо асос, донистан.
Язз — иззатмандӣ, азизӣ.
Зилл — хорй, беиззатӣ.
Хадис — сухан.
Боло— баландӣ; кад, қомат.
Саҳмгин — хавфнок, бадвоҳима, пурбим, сахт.
Чоҳ — мартаба.
Мӯҳтасиб — назораткунандаи бозор ва дигар кор-ҳо аз рӯи коидаи шариат.
Хира— губори пеши чашм; ҳар ғуборе, ки рӯи ягон чизи равшанро гнрад мисли ғубори ҳаво, ки рӯи офтоб ва мохро гирад; нимторикии чизхои равшан мислн шамъ; беҳаё; тааҷҷуби бисёр; ҳайронӣ, саргардонӣ, чӣ кардан ва чӣ гуфтани худро надониста мондан.
Мучрим — гунахкор.
Забоноварӣ — забонбозй.

Ҷурм — гуноҳ.
Барӣ — пок.
Гулфом — гулранг.
Булӯрин— ҳар чизе, ки аз шишаи булур сохта шуда бошад; ҳар чизе, ки дар софӣ ва шаффофӣ ба шишаи булӯр монанд бошад маҷоз.
Ҷаъд—мӯйсари марғӯладор.
Симин — нукрагин.
Сури куҳан — девори кӯҳна.
Ар — агар.
Кардамӣ — мекардам.
Ташриф— бузург гардонидан, мушарраф кордан; хилъати инъомӣ, ки барои бузург гардонидан диҳанд дар классикҳо ва аз ин чумла дар асарҳои Саъдӣ ба маънии дуйӯм кор фармуда мешавад.
Таҳаммул — бабардоштӣ, сабр.
Мискин — касе ки ҳеҷ чиз надорад ва аз бечизӣ аз ҳаракат бозмондааст.
Додгар — одил.
Кабо — ҷома.
Дебо — ҳарир.
Сатр бо син — пӯшиш.
Озу ҳаво — орзую ҳавас, ҳирс.
Хизона — хазина.
Хазоин — хазииаҳо.
Оин— зеб, зинат, ороиш; расм, одат, тарз, равиш.
Рустоӣ — қишлоқӣ, деҳқон.
Пайкор— ҷанг.
Фаррухтабор — муборакхонадон.
Ханданг— як хел чӯби кӯҳии сахт аст, кн аз вай тири камон месохтанд; тире ки аз чӯби ханданг сохташуда бошад; умуман тири камони қадимӣ маънии дуйӯм ва сейум мачоз аст.
Камони каёнӣ — камони махсуси подшоҳони Каён.
Зеҳ— торе, ки ба камон кашанд ва тирро ба най банд карда сар диҳанд; офарин.
Накӯҳидарой — зиштақл.
Суруш — фаришта.
Маръо — чарогоҳ.
Мунъим — неъматдиҳанда, иномкунанда; сосоҳибнеъмат, соҳибдавлат.
Тадбири маҳмуд — тадбири хуб.
Меҳтари — бузургӣ, калонӣ.
Кеҳтарӣ — хурдӣ.

Хазар— ҳузур; дар хона ва дар ҷои худ
будан зидди сафар.
Хусб! — бихоб!
Йшвадеҳ — хушомадгӯй.
Муштарӣ— харидор, номи як ситора.
Ҷирм — ҷисми чизҳои бечон ва бештар ба ҷисмҳои фалаки ва маъданӣ кор мефармоянд.
Бадр— моҳн пурра, моҳи — шаба. Дар ин ҷо маҷозан рӯй.
Хилол— моҳи нав то се рӯз.
Дамъ дамаъ-обн чашм, ашк.
Хунук — хуш, хуррам; сард дар маънии якӯм адабиёт ва забони ҳозира кор фармуда намешавад.
Гузинад — ихтиёр кунад, хоста гирад.
Сарир — тахт.
Саҷҷода — чойнамоз.
Далқ — як навъ чомаи шайхӣ, ки пашмин мешавад.
Томот — суханоии беасоси сӯфихо ва лофхои шайхҳо барои гармии бозори худ томоту даъвӣ — лофи шайхӣ ва даъвии каромот.
Равон— чон; сифати чизи раванда масалан, оби равон, шав; сермаҳсул табъи равон; содда ва осонфаҳм шеъри равон.
Ало — бидон! огоҳ бош!
Сират — ахлок, одат, хусусиятҳои дарунин касе.
Марз— замини кишт; мамлакат, вилоят.
Мурзбон — подшоҳ, хоким.
Чарха — чархе, ки дар вай занон ресмон ресанд.
Меҳо! — эй бузург!
Кеҳон — хурдон.
Намат бо нткӣ — як зайл, як ранг.
Нахил — дарахтп хурмо.
Хушидан — хушкидан, бихушид — бихушкид.
Роғ — марғзор, домани кӯҳ.
Шах— кӯҳи ростбаромада, чои ростбаромадаи кӯҳ; ҳар чизе ки сахт бошад замини шах, камони шах; сабук кардашудан шох дар «Бӯстони» Саъдӣ ба хамин маънии сейӯм кор фармуда шудааст.
Тирёк тарёк — подзахр, дофеи захр; афюн дар баъзе луғатҳо шакли аввалро дар маънии якӯм ва дуйӯмро дар дуйӯм махсус кардаанд.
Бат бо итқн — мурғобй.
Фақеҳ— олими илми ҳуқуқи шариат.
Ғариқ— дар об ғарқшуда.

Мунағғас — тира, муқаддар.
Нор — оташ.
Омӣ — мансуб ба оммаи мардум аз табакаи поёнӣ дар забони зинда, ки одами бесаводро «омӣ» мегӯянд, асли он калима мансуб ба омма набуда, балки вайроншудаи шаклн калимаи «уммӣ» аст, ки бехату савод
гуфтан аст.
Хардала — як дона тухми ҳазориспанд хардал
умуман тухми ҳазориспанд.
Пархош — чангу чанчол.
Баданҷом — бадоқибат. —
Бохтар—номи қадимии вилояти Балх.
Сипаҳдор — лашкаркаш, сардори лашкар.
Пилтан — филтан.
Новард — ҷанг, муҳориба, ҷангу чидол.
Мар— шумор, шумора; беҳад, бешумор.
Отифат — мехрубонӣ.
Темор — ғамхорӣ, нигоҳубин.
Шабхона — хобгоҳе, ки бехонавучоён шабона он ҷо мехобанд.
Бун — беҳ.
фарзонагӣ — хирадмандӣ, боақлӣ.
Ҷаҳонбон — подшоҳ.
Фар— шон, шавкат; зебо фаррух аз ҳамин калима ба ҳамин маънӣ мураккаб аст; нур, партав.
Шар — бадӣ.
Рӯй — як навъ филиз — металл.
Дад—ҳайвони дарранда.
Давоб — ҳайвоноти чорпо.
Гирез — ҳилагар.
Газ — як навъ дарахти чӯбталх.
Закум — як навъ дарахти заҳршира.
Харзаҳра — як навъ дарахтп баргзаҳр аст, ки баргаш ба барги бед монанд аст.
Навм — хоб.
Мулук — подшоҳон ҷамъи малик.
Бемории ришта — бемориест, ки аз бадани одам ба дарозии аз як оршин то як метр таноби чархмонанд кирми сафеди сард барояд. Ин беморӣ аз обҳои ганда пайдо мешавад.
Надим — ҳамнншини подшоҳон ва мансабдорони калон.
Хидам — хизматгорон ҷамъи ходим.

Хақир — хор, паст.
Чоҳ— чоҳи об; зиндон; ҳар чуқуре, ки
чоҳмонанд бошад.
Бистари ҷонгудоз — бнстари ҷонканӣ, бистарн
марг.
Хур бо ҳои ҳavваз — офтоб.
Алванд — кӯҳест баланд дар вилояти Ҳамадони
Эрон.
Равза — боғ.
Байза — тухми мурғ.
Пашиз—пули сиёҳи мисин.
Ҷам—кӯтохкардашудаи калиман «Ҷамшед» аст, ки яке аз подшоҳони афсонавии Эрони қадим буд.
Корун — яке аз оойҳои афсонавй, ки гӯё ӯро бо
пулҳояш замин фурӯ бурда буд.
Деҳхудо — соҳиби деҳа.
Фарзона — хнрадманд, оқил.
Ҷайш — лашкар.
Фиръавн — яке аз подшоҳони бисёр золими афсонавии Мнсри қадим, ки даъвои худоӣ карда буд.
Ғур — номи кишварест дар ғарбп шимолии Ҳиндустон.
Таковар — асп.
Ҳашам — маҷмӯн навкарон ва хнзматгорони дарбори подшоҳи ва ё мансабдори калони феодалӣ.
Димор— ҳалок; дуд.
Девсор — девмонанд.
Мӯъзӣ — азиятрасонанда, озоррасонанда, иззодиҳанда.
Намадзин — чиргн чиркӣ; чилгӣ.
Так— тезӣ, тундӣ дар тозиш; қисми зерини ҳар чиз; зер; таҳт.
Арса— майдон, саҳна; тахтаи шоҳмот шатранч.
Ҳоҷиб— дарбон; абрӯ.
Нузл — знёфат, меҳмопӣ, чизе кп пеши меҳмон кашанд.
Наёраст — натавонист.
Бароҳехт— кашид шамшерро аз ғилоф.
Таркаш — тирдон барои тирҳои камони қадимӣ асли ин калима тиркаш буд. Аммо ҳам дар адабиёт ва ҳам дар забони зннда шакли «таркаш»-ро гирифтааст.
Накӯҳиш— сарзаниш, мазамматкунй.
Айдун — акнун, ин замон.

Сутуда — мадҳ кардашуда, таърнф ва тавспф кардашуда.
Маниш— табиат, одате, ки ба дараҷаи табиат расидааст;  табъи баланд.
Уннoб — челон меваест санҷид ҷигда-мочанд. ки аз вай сурхтар ва сергӯшттар мешавад.
Хизоб хузоб —  умуман ранг;  ранги ӯсма ва ҳино, ки барои зинат ва ороиш ба кор равад;  ғоза, сафедӣ ва сурхӣ, ки бар рӯй барои ороиш моланд.
Кавси қӯзаҳ— «тиру камон» тири камон, ки агар дар вақти борон офтоб барояд дар осмон пайдо мешавад.
Лӯъбат— зоча лӯхтак, кӯрчоқ, ки ба шакли духтар созанд;  хушрӯ ва зебо.
Ҷавзо— гӯсфанди сиёҳи сафед-хол;  номи бурҷест аз бурҷҳои фалакӣ, ки ба шакли ду кӯдак кашанд;  як шаклн рамзни фалакӣ аст, ки ба тарзи як одами миёнбастаи шамшердори асоноки дар ду курсӣ рост истода, мекашанд;  номи моҳи сейӯм аз моҳҳон шамсии точикӣ.
Фоиқ— баланд, боло аз чиҳати сифат ва маъно.
Суқмуниё — шираи дарахтест сабзранги талх, ки барои даво ба кор равад.
Шаҳд — асал.
Масолеҳ бо сод— маслиҳатҳо;  муслеҳҳои таом сабзӣ, пиёз ва монандн ниҳо.
Хирмон — маҳрумӣ, ноумедӣ.
Муштзан— хиштрез;  гӯштигир дар маънии дуйӯм дар адабиёт кам кор фармуда шудааст.
Сӯгвор — мотамӣ, мотамдор.
Воруна — вожуна, вожгун, чаппа, сарнагуну поболо.
Саъб — сахт, душвор.
Тара — сабзавоте, ки барон нонхӯриш ба кор меравад пиёзи кабуд, гандона ва монанди инхо.
Язол—  калонон ҷамъи азим;  устухонхо ҷамъи азм бо изғӣ, ки ба маънои устухон аст.
Занахдон — манаҳ.
Иқд — шадда ва ҳамеле аз сангҳои қиматбаҳо.
Ангор— фарз кун, ҳамин тарз ҳисоб кун; гумон кун.
Дайҳим — точ.
Ҷафогустар — паҳнкунандаи чафо, золим.
Дархӯрд — лонк, сазовор.
Карон—  канораи чизе;  дур аз чизе.
Шӯрабум — шӯрзамин.
Корзор — ҷанг, муҳориба.
Таъвиз— бо зол — дуо, тӯмор, бозубанд.

Кӯс — нағораи калон.
Зарқ — фпреб, ҳила, макр.
Лӯс— тамаллук, риёкорӣ.
Ниҳод— бунёд;  хилқат, сохти аслӣ маҷозан дарун ва нияти одами.
Бунёдрӯин — бунёдн оҳанин, бунёди металлӣ.
Хайҷо— ҷанг, мучориба.
Либс — либос, ҷома, ҳар чизе, ки чизеро пӯшад.
Дивист — дусад.
Понсад — панчсад.
Хазимат—гурез дар чанг. Ин калима дар «Бӯстон» ба чои ҳазиматӣ ба маънои гуреза ҳам кор фармуда шудааст.
Жупин зупин — найзаи хурди душохасар.
Таҳаввур — мучоати аз ҳад зиёд.
Яъҷуҷ — як махлуки афсонагии дар ҷанг мағлуб нашаванда, ки гӯё Искандар дар пеши он садде депоре бяста буд.
Навоҳӣ бо ҳеи хуттӣ — ноҳияҳо, канораҳои мамлакат.
Бадсигол—бадандеша.
Дастчир—ғол»бият, ғалаба.
Хужабр ҳузабр — наррашер, дарранда.
Бахтвар — сохиббахт, бахтнок, бахтёр.
Мӯъзам — бузург, мухим.
Нахҷир— сайд, шикор.
Омоҷ омоҷ — нишонгохи тир.
Масоф— сафи ҷанг, ҷангтоҳ;  ҷанг.
Вағо — чачг, ғавғо.
Наварзид — машк накард, ба худ пеша накард.
Мутриб — созанда.
Хайма — чодар.
Язак — пешкаровул, аскари разведкачӣ.
Садди рӯин — девори оханин, девори металлӣ.
Сиголанд роз — касд кунанд, ният кунаид, андеша кунанд ва гапро дар як чо моианд.
Муштағил — машғул.
Миғфар — кулоҳи оҳанин, ки «хӯд» меноманд яроки чанг.
Даранг — оҳистагӣ, мӯхлат.
Чанбар—  гардиш гардиши дойра ва дигарҳо;  ҳалқаи гарданбанд:  каманд, банд чанбардон ки асбоби кафтарсайдкунӣ аст, аз ҳамин калима ба маънои охиринаш гирифта шудааст.

Шабехун — шабтозии ногаҳонн бар лашкари душман.
Ангабин — асал.
Сшгос — шукр.
Баргумор — гумошта кун, нозир гузор.
Анбоз — шарик.
Азм — қасд, ирода, ният.
Маҳил — магузор.
Гащина— хазнна; хоначаи дар пешгоҳи хона биноёфта, ки дар вай чизҳои қиматбаҳо гузоранд.
Насир — ёрирасон.
Барӣ — пок, бегуноҳ, дур аз чизе, ҷудо аз чизе.
Донг— воҳнди қиёсии вазн; ҳисса донк дар маънии андозаи муайяни замини кишт ҳам меояд
Хотирпареш — хотирпарешонкунанда.
Дирам — дирҳам, танга.
Калтабон — нокас. беор, беномус.
Шӯхчашмӣ — дар ин ҷо ба маънии беҳаён, берӯӣ.
Солус— нармзабон, забонбоз; фиреб, найранг.
Гурбуз — фиребгар, ҳилагар асли ин калима гург буз буд, ки дар маънии гурги ба сурати буз, яъне фиребгар кор фармуда мешуд. Баъд аз таркиб ба сабаби бисёр корфармоӣ сабук шуда шакли «гурбуз»-ро гирифтааст.
Базл — бахшиш.
Ағлаб — аксар, бештар.
Динор — т.Ллои сиккадор.
Сабӯ сабӯй — кӯза.
Маннои хайр — манъкунандаи хайр, аз некӣ боздоранда.
ҷад — бобо.
Хиссат — хасисӣ.
Яғмо — тороҷ.
Кифоф — он микдор маош, ки кифоя кунад, дороии ба кадри кифоя.
Тунукмоя — камсармоя, камбизоат.
Зимон — зоминӣ, чавобгарй аз тарафи касе.
Ҷалис — ҳамнишин.
Зиҳӣ — чӣ хуш, хушо.
Боргир— ҳайвони боргир бештар дар бораи асп гӯянд.
фоқа — факирӣ, камбағали.
Мушаъбид — найрангбоз, лӯттпбоз.
Бехештан — бехуд, бехудона.
Мамлук—ғӯломи зархарид.

Бозоргон — савдогар.
Муфлис — факир, камбағал.
Хонут — дӯкони галлафурӯшӣ.
Анбон — халтаи чармини машкмонанд, ки дар кӯҳистони Тоҷикистон кулвор мегӯянд.
Маъво — оромгоҳ, хона маънии аслии ин калима ҷои баргаштан аст.
Пӯидан — рох рафтан.
Хавид — галлапояи нопухтап сабз.
Нагунсор— сарнагун, чаппа; бахтбаргашга.
Вомонда — пасмонда.
Фузла— сарқут аз хӯрдан пасмондаи хӯрок; шоҳҳон барзиёд ва меванадиҳандаи дарахт ва ток; он чи аз одам ва ҳайвонот аз роҳҳои пасу пеш баъд аз ҳазми таом мебарояд.
Дун — паст.
Солук — бисёр роҳраванда, сайёҳ.
Косид — қасдкунанда, иродакунаида; хатбар, хабарбар.
Тамкин— побарҷо истодан, вазнинӣ, қадру иззати худ ва дигаронро нигоҳ доштан.
Заръ — кишт, киштзор.
Бебардарахт — дарахти бемева.
Хуҷӯъ — хоб, ором, истироҳат.
Таҳлил— лоилоҳа пллаллоҳгӯй.
Чӯъ — гушнагӣ.
Рабъ — сарой, хона, махалла, манзил.
Тахфиф — сабуккунӣ, сабукӣ.
Исор — бахшиш, инъом, эҳсон.
Мақолот — гапҳо, гуфтугузорҳо.
Хел хайл — рама ва тӯдаи ҳар чиз; галаи аспон; ба шакли хайл асп.
Адҳам— сиёҳ; аспи сиёҳ, мори сиёҳ; ишкел.
Хомуннавард — сахрогард, биёбонгард ҳомун умуман ба маънои ҷои ҳамвор ва хусусан саҳро ва биёбон.
Бархе — порае, ҳиссае, як қисми хурд аз ягон чизи калон.
Тозинажод — арабинажод, арабнзот.
Макрамат — карам, бахшиш, сахигӣ.
Расул— сафир, элчӣ; пайғамбар.
рай — номи кабилае, ки Ҳотам мансуб ба вай буд дар вақти нисбат «Ҳотами Тоӣ» мегӯянд.
Зиндаруд — рудест нахрест дар Исфаҳон.

Симот бо итқӣ —дастурхон.
Мӯбад— ҳаким, олим, донишманд;  пешвои ибодатхонаи оташпарастон.
Маркаб — ҳар чизе, ки ба вай савор шуда роҳ раванд асп, хар ва монанди инҳо.
Назир бо изғӣ —монанд.
Бодсанц—  беҳудакор;  хомтамаъ.
Сано бо ҳарфи се — ситоиш, тавснф ба некӣ.
Унс — ошноӣ, оромгнрӣ бо касе ё чизе, улфатгирӣ бо касе, ё чизе.
Пӯзиш — узр, маъзарат.
Бипой— биист, ором гир;  пойдор бош; зери чашм гир.
Муқим— истикоматкуианда дар ҷое, бошанда;
зидди мусофир — одаме, ки дар як ҷо истодааст.
Каш— сина, бағал;  номи қаднмаи Шаҳрнсабз, ки вайро «Кеш» ҳам мегуфтанд.
фитрок — тасмаи овезопест дар ду тарафи зиннасп, кн бо вай ҷонварони сайд кардашуда ва дпгар чизҳоро банданд.
Шотир—   дузд, кисабур;   ҳилагари чолок;
шӯҳ, бебок нотарс;  диловар;  шоҳмотбоз —
тахтабоз;  навкаре, ки дар чилави подшоҳ, ё мансабдори калон бо лнбоси махсус пиёда мегардад.
Оли Тай — авлоди Тай.
Зулмат — торикӣ.
Зайл—  доман;  тавр, ранг.
Сақат— чизи носара дар забони зинда ба ин маънӣ сағат мегӯянд;  хато дар китобат ба тарзи афтодани баъзе чизҳон навиштанӣ ба ин маънй дар ада-биёти илмӣ «суқутт» кор фармуда мешавад;  маҷозан бадгӯй, дашном.
Мункар — бад, қабеҳ, ношоиста.
Ваҳал — лойқа, лойдон.
Таманноъ — орзу, чашмдошт.
Тапонча — тарсакӣ, шапалоқ ин калима ба маънои туфангча, ки ҳоло пайдо кардааст, дар классикҳо кор фармуда намешавад.
Сотур — дасткола, токбур, доскалла.
Сутур бо син — умуман ҳайвоноти чорпой, хусусан монанди хару асп ҳайвоноти боркаш ва саворӣ.
Дачла—  номи нахре, ки аз Бағдод мегузарад;
умуман дарёи равон.
Саид — хушбахт.
Хадд — рухсора, чои сурхшудаистандаи рӯй.
Шоҳид —  гувоҳ;  маҳбуба.

Шикебо — собир, босабр, бабардошт.
Лаҳн — овози хуш, хониши хуш, нағмасарой.
Хунёгар — хонанда, созанда, сурудгӯи.
Самар — дар ин чо ба маънии сухан.
Бархай — фидо, курбон.
Мафтун— дар фитнаафтода, фирефташуда, гирифторгарднда, ҳайроншуда ҳамаи инҳо ба сабабӣ ишк, ё ин ки ба сабаби хубии азҳад зиёди касе, ё чизе; мачозан ошиқ.
Лоша— худмурда; ҷасади беҷон; маҷозан хароб ва лоғар.
Посух — ҷавоб.
Чир чира—ғолиб.
Вуслат — никоҳ, ба ҳамвпайвастагӣ, хешӣ.
Тағодун— якдигаршжба зиёнафгандан, зиёнби-
нӣ; мачозан афсӯс биё! амр ба омадан.
Сабурӣ — босабрӣ.
Самоъ — шунидан;! шунидани нағма ва суруд; маҷозан нағма, суруд, ракс ва ҳолатҳое, ки дар ин мавридҳо рӯй диҳад.
Хавӣ хай — араки бадан.
Хаводор — дӯстдор, ошиқ, тарафдор.
Муддаӣ — даъвогар; иддио иддао—кунанда, яъне як сифатро бардурӯғ бар худ ннсбат дода фахрукунанда.
Хақорат — хорӣ, иочизн, беқадрӣ; маҷозан дашном.
Хасон — одамони паст.
Тааннут — айбчӯй.
Садр— пешгохи хона; сарсина; сардорӣ ягон чамоа, ё идора; мансабест дарборӣ дар ҳукуматхои Шарқ.
Киромат— киромигӣ, иззатмандӣ, бузургворӣ; карамкунӣ, инъом, эҳсонкунӣ «каромат», ки дар бораи шайххо мегӯянд, ҳарчанд аз хамин реша бошад ҳам, мачозан дар маънии «ғайбдонӣ, ғайбгӯӣ ва корҳои аз одатберункунӣ» меояд.
Ҷадал— чанг, ҷанҷол; дар мубоҳисаҳои илмӣ аз мантик дурравӣ.
Лима — чаро, барои чӣ? ин таъбири махсусест дар мунозираҳои мадрасагӣ.
Лонусаллим — таслим намекунем, қабул намекунем таъбири махсуси мадрасагӣ.
Наам — оре, бале!
Уқда — гиреҳ, тугун.
Арин — беша, ҷангал шери арин — шери беша, яъне шери озод.
Бурҳон — далел, хуҷҷат барои исботи муддао.
Лаъб — бозӣ.

Килк — умуман най, хусусан наи қалам.
Саманд— аспи малла, дар адабиёт умуман ба маънон аспи хуб кор фармуда мешавад.
Халоб — лойка, лойдон.
Сиблат — бурут.
Хашиш — гиёҳи хушк, хасбеда.
Хармӯҳра — шабаҳи хар, мӯнчоқи арзонбаҳо, ки ба гардани хар меовезанд.
Шақоиқ — лола.
Мунъим — Г инъомкунанда; бой, сохибнеъмат, тавонгар дар адабиёт ба маъниҳои дуйум кор фармуда мешавад.
Ядайн — ду даст.
фарқадайн — ду ситораи наздики кутб, ки ба зӯр дида мешаванд.
Нақиб — касе, ки дар дарбор, ё дар сафи чанг тартнбро нигоҳ медорад аз терминҳои дарбории феодалӣ.
Наът— сифат; мадҳу тавсифи пайғамбар.
Таоoиб — адабднҳӣ, чазодиҳӣ.
Ваид—ваъдаи азоб.
Нагунсорбахт — баргаштабахт, яъне бадбахт.
Момак — модарчон духтарро барои навозиш бо
ин калима хитоб мекунанд.
Салтанат — дароздастӣ, дароззабонӣ, қаҳра-
монӣ, галаба; подшоҳикунӣ маънии дуйӯм маҷоз.
Лаҳв — бозӣ, занбозй.
Зул — хорӣ.
Удсӯз — зарфест, ки дар вай ҷизҳои хушбӯйро месӯзанд. Номи дигари ин зарф «миҷмар» аст.
маънӣ аст, ки якбора ба чор маънии зндди якдигар меояд ва ғайр аз инҳо боз маъниҳои днгар дорад, ки баёни онҳо дар ин ҷо лозим нест.
Муқбил — икболманд, хушбахт.
Илтщоб—афрӯхта шудани оташ, шӯълавар шудан.
Ино — зарф.
Селӣ — тарсакӣ, шаппотӣ зарбае, ки бо кафн
дасту панча зада мешавад.
Шағба— ҷон дурушт ва сиёҳшудаи пӯсти ба-
дан аз кор; маҷозан хор, бекадр.
Дунон — одамони паст.
Шайдо — девонае, ки девонагиаш аз ишқ пайдо шуда бошад.
Сияҳфом — сиёҳранг.
Шабистон—ҳарамсаро ҳавлии даруни подшоҳон ва боён, хонан хоб; ҷое, ки

дар он чо базмҳои шабона ташкил кунанд ва шабхушиҳо гузаронанд.
Маҷмӯъ бош! — хотирҷамъ бош!
Зайт — равғани зайтун.
Балоғат — расидагии бачагон ба дараҷаи ҷавонӣ; бакамолрасӣ; сухангӯй мувофиқи мақом бориояи хубиҳо, нозукиҳо ва дилчаспиҳои он сухан.
Аҳсанта ахсант — таҳснн ба ту! офарин ба ту!
Хубс — палидӣ, нохушй, мурдорӣ.
Балеғ— расо; суханвар.
Хишт— лои дар қолиб рехта хушкондашуда
барои иморат; найзаи кӯтоҳ, ки силоҳи ҷанг аст.
Кӯпол — калтаки оҳанин.
Маҷол— ҷон чавлон, майдони ягон кор; ма-
чозан тавоноӣ ва шароит барои коре. ,
Чолиш — ҳамла дар ҷанг.
Сипоҳон — шаҳри Исфаҳон.
Зафт— дурушт, сахт, фарбеҳ, ғафс; лаб Салаб, пур; таъми тунду тез.
Торак — теппаи сар.
Хӯд — кулоҳи оҳанин. I
Маалқисса — алқпсса, қиссакӯтох.
Паймона пур шудан— насиба кандан; мурдан ҳар ду маънй ҳам маҷоз.
Хайҷо — ҷанг.
Рамҳ— найза.
Ахтар— ситора; маҷозан толеъ.
Миғфар— кулоҳи оҳанин хӯд.
Чавшан — як навъ либоси оҳанини ҷангй, ки дар точикӣ «чороина» меноманд ғайрн знреҳ.
Аспи тозӣ — аспи арабӣ.
Балорак балолак — палорак — палолак — пӯлодӣ чавхардор, ки аз вай шашмери ҷавҳардор созанд; шамшери ҷавҳардор.
Камин— пасхам, ҷои пинҳоне, ки аз он чо душман, ё ки шикорро дар таги чашм гиранд; пинҳоннишинӣ бо нияти ҳамла кардан ба душман, ё ба шикор.
Тагарг — жола, яхча.
Хузабр ҳпзабр — хужабр — ҳижабр — шери дарранда.
Тавфиқ — муваффақият.
Заған — зоғи калони мурдорхӯр.
Каргас— мурғи лошахӯр; тири камони қадими азбаски пари тирро аз пари каргас мекарданд, ба ин муносибат мачозан худи тнрро ҳам каргас гуфтаанд.
Обистан — бордор, буғӯз.

Хадаф — нишонаи тир.
Муханнас— номард; касе кп қувваи мардӣ
надорад,— ҳез.
Нуқраандуда — бо оби нукра ҳалкардашуда, бо
нукра рӯйбасткардсшуда.
Нуҳос— мис; дуди бешӯълаи оташ.
Хщоб — парда.
Хулла— як навъ бофтан абрешимӣ.
Сукун — оромӣ.
Вуҳуш — ҳайвоноти ваҳшӣ.
Хуҷҷоҷ — хочиҳо.
Табла — сандуқча.
Бобак— падарчон; номи якчанд подшоҳони қадими Эрон; номи сардори як гурӯҳи исёнчиён, кн дар аввалҳои асри IX, дар байни ҳудудн Эрон ва Озар-бойҷон, ба мукобили арабҳо ва дини ислом сар бардошта буданд. Бобак сол ба мукобили аскарони араб истодагӣ карда дар соли ҳиҷрӣ ба даст афтод ва ба Бағдод бурданд, ки дар он ҷо кушта гардид.
Дарц — коғаз, тӯмор; печидани чизе дар чизе; хаму печн мактуб ва нома, кн дар вакти ба чое фиристодан мепечонданд; печониши коғаз ва мактуб; коғазе ки шоир, ё нависанда асари худро дар вай навишта бо худ гирифта мегардад.
Дарнавишт— ғундошт; печонд чизеро; тамом кард, бас кард кореро.
Абд— банда, ғулом.
Таваққӯъ — чашмдошт чизеро, ё кореро аз касе.
Нафси аммора — хох,пши табиати инсонӣ, ки бакардани корҳои дилхоҳи худ ва ба хӯрдани чизхое, ки дӯст медорад, сахт амр мекунад ва то накунад ва нахӯрад, ором намегпрад «аммора» шакли муболнғаи «омир» буда ба маънои сахт амркунанда аст.
Басра — номи шаҳрест дар Ироқи араб.
Хурмостон — хурмозор.
Лоцарам — ночор, оилоҷ.
Табх— пухтан бо оташ; оши пухта, таоми гарм.
Хони яғмо — дастурхони тороҷ, таом ва дастурхоне, ки барои омма тайёр карда шу^аст дар замонҳои феодалҳо, подшоҳон, мансабдорон, ё ин ки боён барои омма таоме тайёр мекарданд ва мардум он таомро хар
кас ба кадри кувва ва чолокии худ ба тарзи тороҷ гирифта мебурданд. Дар вакти «ин тороч» баъзан задухурдхо ҳам рӯй медод. Ин одат бештар дар байни феодалҳои туркони кадим буд ва мазмуни он байти Ҳофиз ки: «Фиғон, к-нн лӯлиённ шӯхи ширинкори шаҳрошӯб, Чунон бурданд сабр аз

дил, ки туркон хони яғморо»мегӯяд, аз ҳамин одат гирифта шудааст.
Мақтдъруӯзӣ—рӯ-т буридашуда, насибакандашуда.
Оз — ҳирс, гушначашми.
Ҷавин — нони чавин.
Майда— орди гандуми дубеза; ҳалвои аз ширу шакар пухташуда; ҳалвои бо оби мева ва нишаста крахмал пухташуда кисел; ҳалвон лавз.
Дӯшоб — шираи ангури шабмонда ва нимтуршгардида.
Абдол — гурӯҳе аз рӯҳониёни мавҳуми афсонагӣ.
Фаридун — номи яке аз подшоҳони кадими Эрон, ки баъд аз нест кардани Коваи оҳангар Заҳҳокро, ӯ дар
Эрон подшоҳ шуда буд.
Пинадӯз — кӯхнадӯз.
Ахгар— оташпораи бисёрреза, ки дар миёнан
шӯъла аланга ба ҳаво рафта нест шавад ва отащи қӯре, ки дар миёнаи хокистар мемонад.
Сом— яке аз қаҳрамонони афсонагии «Шаҳнома»-и Фирдавсй.
Вараъ — покӣ, парҳезгорӣ.
Иноят — мехрубонӣ, ёрмандӣ.
Огандагӯш — гӯши бо хок, ё бо ягон чизи дигар пуркардашуда ё ин ки пахта тиққондашуда, яъне сухан ношунав, наснҳатношунав.
Жожхой — беҳудагӯй.
Даҳмардагӯй — касе, ки баробари даҳ кас гап мезанад, яъне пургӯй.
Мунташир — нашршуда, паҳнгардида.
Ганҷинадор— хазинадор.
Пос дор!— риояд кун!; посбони кун!
Рахш — номи аспи Рустами афсонагӣ ва дар адабиёт умуман барои асп ҳам кор фармуда мешавад.
Мало— ошкоро, анбӯҳи мардум.
Даруд — дарав кард, даравид.
Барҳаман Бараҳман — пешвои рӯҳонии хиндувон.
Халақ — либоси кӯхна.
Виқор вакор — охистаги, ороми, вазнинӣ бо
маънңҳои эчобии нн калимаҳо.
Баҳоим — ҳайвоноти чорпо.
Давоб — ҳайвоноти боркаш ва саворй дар асл нн
сухан ба ҳар чунбанд^л рӯи замин рост меомад. Аммо
дар адабиёт махсус ба як кисми ҳайвонот шудааст.
Савоб бо сод — дуруст, рост зидди хато.
Кафохӯрд — бунигарданӣ хурд, яъне ба пушти

гарданаш бо мушт заданд.
Гизоф гузоф — беҳуда, бемаънӣ, беасл дар
сифати сухан; беҳисоб, беҳад.
Магмор гӯш! магумор гӯш! — гӯш наандоз!
Бесатр — бепарда, касе ки ҷоҳои пӯшиданнаш ку-
шода аст.
Басар — чашм.
Даф — дойра, ки менавозанд.
Холӣ — дархол, алхол, даррав.
Ялдо — дарозтарини шабҳои зимистон, ки ба декабр рост меояд.
Амри маъруф — панду насиҳати динӣ ва ахлокӣ.
Ташнеъ — таъна кардан, таъна, бад гуфтан, бадгӯи.
фачр шафак ва сафедаи пагоҳонӣ, ки пеш вз
баромадани офтоб намоён мешавад; ба гуноҳ ағишта шудан.
Лоҳавл— аввали дуоест, ки ба ҷинну дев боваркунандагон барои дафъи онҳо механанд.
Тазаллум — фарёд аз зулм, шикоят аз бедод.
Дар дам — дарҳол, даррав.
Сир — пиёзи саримсок.
Шанъат шунъат — бадй, ҳолати бад.
Тибат бо иткӣ — хушгапӣ, ҳазл.
Идрор— равон шудан, рехтан борон ва чизҳон обакй; ҷорӣ кардан чизеро пай дар пай. Масалан, маоши ҳаррӯза, ё моҳона, вазифаҳои ҳаррӯза.
Масалан, дар таълим ва тарбия.
Подшоҳи маломатписанд — подшоҳи золим агар маломатро намеписандид, ба мардум зуТшро раво намедид, то ки ӯро маломат накунанд.
Салим— соҳиби саломат, тандуруст, дуруст; одами соддадил, дурустният, софкалб.
фитна-— шӯру ғавғо; иғво; одаме, ки сababи шӯрӯ ғавғо шавад; ишқ, девонагӣ; ошик, касе ки ба хубии чизе гирифтор шудааст; маъшуқа, касе ё чизе, ки ба сабаби хубии худ боиси шӯру ғаво дар байни толибони худ шудааст.
Сияҳчол — зиндони чоҳмонанди торик.
Ғаммоз бо ҳарфи зе — хабаркаш, суханчин;
таъназананда; ғамзакунанда, ишорат ба чашмку-
нанда маънии сейӯм аз сифатҳои маҳбуба.
Овах — э вох!, э вой, афсӯс, эй дареғ!
Хонакан — хонахаробкунанда, хонавайронкунанда.

Тавбих — сарзаниш.
Дастраҳ — ҳунари дастӣ, коре, ки бо даст ичро карда мешавад.
Пешавар — соҳибҳунар, косиб.
Нохалаф— фарзанди бад, фарзанде, ки бинобар бадиаш ҳақ надорад, ки ҷонишини падар шавад; падарбезор, умуман одами бад.
Биҳиштиварақ — гули садбарги сурх.
Сийт — овоза.
Сунъ— офариниш, офаридан; кор, кор кардан.
Муҳаққиқ — таҳқиқкунанда, аҳли таҳқиқ зидди аҳли таклид.
Катиб — навншташуда.
Афиф — пок махсусан аз олоиши ҷинсии ғайриконунн.
идбор — аз идбор, яъне аз бадиқболй.
Пухтахор — хӯрандаи оши пухта, яъне касе ки худ кор намекунад ва аз дастурхони мардум рӯз мегузаронад.
Гармова — гармоба, ҳаммом.
Хаз ҳаза — баҳра, насиба, хушӣ, хуррамӣ аз чизе.
Азаб — мучаррад, безан.
Бурдборӣ — сабр, бардошт, таҳаммул.
Андарз — панд, насиҳат.
Исмат — худдорй аз гуноҳ ва хато.
Хурда— айб, айби хурдтаракак; чизи майда.
Доманолуда — гунаҳкор махсусан ба муомилаҳои чинсии ғайриконунй.
Тардоман — зннокор.
Ҷавф— шикам; даруни ҳар чиз, ҷои холӣ, ки дар миёни чизе бошад.
Озар озур — оташ; номи як моҳи шамони точикй-форсй, ки аз охтирҳои моҳи ноябр сар мешавад баробари моҳи қавс.
Маҳд— гаҳвора; умуман тахти хоб.
Нирӯ — зӯрӣ, кувват, тавоноӣ.
Сарпаща — панчаи даст; одами зӯр, пуркувват, бебок, забардаст.
Боре— лоакал, хеч набошад чунончи, Саъдӣ мегӯяд: «Гирнфтам, ки душман накӯбй ба санг! Макун боре аз ҷаҳл бо дӯст ҷанг!».
Пизишк — табиб, ҷарроҳ.
Замин — барҷомонда.
Муроот — риоя, муомилаи хуб.
Сайл — сел.
Вушоқ — пешхизмат, ғулом.

Чдбакзан— касе, ки ду чӯбро ба хам зада, ё ки шакиллоқ зада посбонй мекунад; нағорачӣ.
Хаюн — шутур ва асп.
Буна—рахти хоб ва асбоб.
А сас — мири шаб.
Мағлул — ғулзадашуда, дасту по, ё гардани бо занчнр басташуда.
Мастурӣ— бопардагӣ; покӣ аз гуноҳ.
Нахват нихпат — калонгирӣ, такаббур.
Ба неъмат дарй — дар даруни неъмат ҳастй.
Мустакбирй — калонгирӣ, такаббурнокӣ, калони-талабкунандагй.
Куништ — бутхона, ибодатхонаи ғайримусулмонон.
Сӯманот — бутхонае буд, дар мамлакати Гичроти Ҳиндустон.
Мурассаъ— чизи нигинакорй кардашуда, чизе, ки вайро бо сангхои пуркимат зинат дода бошанд; дар адабиёт байте, ки фикраҳои ҳар ду миспяа ба якдигар ҳамкофия афтода бошанд.
Манот — номи бутест, ки баъзе қабилаҳои араб пеш аз исломнят вайро мепарастиданд.
Тазаррӯъ — зорӣ.
Хай — зинда, чондор.
Ҷамод—бечон, ғайри чондор; замини сахт; замине, ки аз чихати баланднаш оби борон ба вай наравад.
Буқъа— замине, ки аз заминҳои дигар чудо карда шуда бошад; хавлй, сарой, бино.
Муқайяд— бо занҷир басташуда; ба коре бандшуда дуйӯм мачоз.
Залол — гумрохӣ.
Габр — оташпараст.
Позанд пожанд — оташгирак; тафсири «Занд» номи китоби Зардушт аст, ки дар динн оташпарастӣ навишта шуда буд дар адабиёт ба маънии дуйӯм, ки мачоз аст, кор фармуда мешавад.
Гарик — дар об ғарқшуда.
Лин — нармй, мулоимат дар муомила.
Занд — номи китобест, ки Зардушт дар дини оташпарастӣ навишта буд.
Бадеъ— чизи тоза; чизи бисёр хуби бинандаро дар ачаб андозанда; ачиб.
Ҷамил — ху, некӯ, хубсурат.
Яздони додор — «худои одил».
Бежан Бнзан — яке аз кахрамонони афсонавии «Шохнома»-и Фирдавсй, ки ба сабаби ишқ чандин сод дар чохе маҳбус монда азобҳо кашида буд.

Вузӯ — таҳорат.
Алим бо алиф — ҳамза — аламовар, аламангез.
Сӯхта — пахтаи сӯхта, ки дар вай аз чақмоқ оташ зананд кав.
Зангбор — номи вилоятест, ки мардумонаш сиёҳпӯст мешаванд.
Буткада — бутхона.
Ақраб — каждум.
Мукаллал — дурахшон кардашуда; тоҷ бар сар ниҳодашуда.
Митрон — сарруҳонӣ.
Озарпараст—оташпараст.
Муҷовир — ҳамсоягикунанда; одаме, ки дарҷое бисёр истад.
Бахя бар рӯи кор афтодан — киноя аз фош гардидани роз.
Мардумгазой — мардумро газанда, ба мардум зараррасонанда.
Доман ба дандон гир — яъне зуд ва бо чобукӣ бигурез!
Хщез — Ҳиҷӣз ин гуна калимаҳоро, калимаҳои нмолаги меноманд, кп харфи пеш «о»-ро ба зер майл дсда ва бо хоҳиши он майлони «о»-ро «е» гардонида месозанд. Мисоли калимаҳои имолагӣ дар забони зинда ва адабиёт бисёр аст: «ҳисоб — ҳисеб, китоб — китоб, Ҳичоз — Ҳичез, рикоб — рикеб ва ҳоказо».
Тайб— бӯн хуш; хушӣ, хуштабъй, покӣ.
Ниам — неъматҳо.
Фундуқ — меваест сурхранг ва ба сари ангушти
даст монанд, ки мағзашро мехӯранд.
Фуаро— пеш; наздик; дур.
Узлат — танҳоӣ, гӯшагирӣ, аз мардум канорагирӣ.
Бичам — бихиром, бо ноз роҳ рав!
Чамидан— хиромидан, бо ноз роҳ рафтан; монанди шохҳои дарахт, ниҳолҳо ва пояҳои сабзи чаву гандум бо вазидани бод ба ҳар тараф хамидан.
Бедмушк— дарахтест, ки гулаш зарди сабзтоб ва хушбӯӣ мешавад ва пеш аз барг кардан мешукуфад.
Танаъум — бо нозу неъмат парваришёбӣ, аз нозу неъмат ба хубӣ баҳрабарӣ.
Истионат — ёрихоҳӣ, мададчӯӣ, ионатталабӣ.
Тафарруҷ, — сайр, тамошо.
Барқи Ямон— барқе, ки аз тарафи вилояти Яман мезанад ва бпсёр тез мегузарад.
Шаби қадр — як шаби афсонавии динист, кн дарёфтани вай душвор буда ва дар он шаб ҳар талабе, ки кунанд, гуё ҳосил мешудааст.
Файд — номи чоест дар роҳи Макка.
Маҳор михор —чӯбе, ки аз бинии шутур мегузаронанд, ресмоне, ки ба он чӯб мебанданд.

Сипас—пас, пастар, баъд, баъд аз он.
Ҷарас — запгӯлаи шутур, овози зангӯлаи шутур.
Сабил — роҳ.
Шаоб—пирӣ, мӯйсафедшавӣ.
Шабоб— чавонП; чавонон.
Рухом — санги мармари рангин.
Абқарӣ— як гуна порчаи бофтаи бисёр нафис.
Хараф—пнри аклаш камшуда.
Колива — саргашта, ҳайрон, аҳмак, девона.
Самум—бодн гарм, тафбод, гармсел.
Ҷайш — лашкар.
Дарандуда — андовакардашуда, андовидашуда.
Бадр — моҳи пурра.
Хилол — дандонковак.
Саҳмгин — бимнок. хафангез, пурдаҳшат.
Раъно— худ-оро; зебо-хушнамо, чолок; калонгир; дуранг, сарви раъно бо ҳамин маънӣ таркиб ёфтааст; исми гулест, ки тарафи дарунӣ вай сурх ва берунаш зард метобад.
Рикеб — рикоб, узангу.
Хотам— ангуштарин; мӯхр.
Кинатӯз — кинакаш, киначӯй. .
Аҳди_ сиғар — замони бачагӣ сиғар-бачагӣ.
Мардодмах, — номи як моҳи шамсии форсист, ки ба моҳи асад аз июл то август баробар меояд.
Фазиҳат—расвоӣ.
Нахл — дарахти хурмо.

ТАСҲЕҲ

Тафарруҷ — сайр, тамошо.
Барқи Ямон— барке, ки аз тарафп вилояти Яман мезанад ва бисёр тез мегузарад.
Шаби қадр— як шаби афсонавии днннст, ки дар-
ёфтани вай душвор буда ва дар он шаб ҳар талабе, ки
кунанд, гӯё ҳосил мешудааст.
Файд—номи чоест дар роҳи Макка.
Маҳор михор—чӯбе, ки аз бинии шутур мегу-
заронанд, ресмоне, ки ба он чӯб мебанданд.
Сипас — пас, пастар, баъд, баъд аз он.

Ҷарас — зангӯлаи шутур, овози зангӯлаи шутур.
Сопвон сорбон
ШаРб — пнрй, мӯ
Шабоб— ҷавс
Абқарӣ — як гун
Хараф — пири ан
Колива — саргаш
Ҷайш — лашкар.
Дарандуда — ан;
Бадр—моҳи пуг
Хилол — дандон
Саҳмгин — бимн
Рикеб — рикоб, ;
Кинатӯз — кина
Аҳди_ сиғар — замбни
Мардодмаҳ — номи як моҳи шамсии форсист, ки: ба моҳи асад аз  июл то август баробар меояд.
фазиҳат —- расвоӣ.
Нахл— дарахти хурмо.